Н А Ш Р И Ё Т И “ А Д И Б ”



**АЛАМХОН КӮЧАРОВ**

# МУҲАҚҚИҚИ СОҲИБМАКТАБ

*(90 соли пуршарафи устод Соҳиб Табаров)*

ДУШАНБЕ
«Адиб»
2014

ББК –84 Тоҷик 7-4
К-38

Муҳаррир *Зиё Абдулло*

К-38 **Аламхон Кӯчаров. Муҳаққиқи соҳибмактаб** *(90 соли пуршарафи устод Соҳиб Табаров)*. – Душанбе, “Адиб”, 2014, 160 саҳ.

Китоби рӯи дасти шумо, хонандаи азиз, бо ҳаёт ва кору пайкори мунаққиди барҷастаи тоҷик Соҳиб Табаров ошноии шавқоваре медиҳад.

ISBN 978-99947-2-420-8

© Нашриёти «Адиб», 2014

# САНАҲОИ АСОСИИ ҲАЁТ ВА ФАЪОЛИЯТИ С. Ш. ТАБАРОВ

Соҳиб Шухратиевич Табаров 23 ноябри соли 1924 дар деҳаи Чорраҳаи шӯрои қишлоқи Кундошаҳри ноҳияи Муъминободи вилояти Кӯлоб таваллуд шудааст.

1923-1934. Тарбиягирандаи хонаи бачагони Муъминобад.

Оғози 1934. Тарбиягирандаи хонаи бачагони Тебалаи ноҳияи Кӯлоб.

1934-1936. Донишҷӯи Омӯзишгоҳи педагогии ба номи В. М. Молотов (Самарқанд).

1936-1937. Донишҷӯи Омӯзишгоҳи педагогии ба номи А.В.Луначарский (Панҷакент).

1937-1939.Донишҷӯ ва хатмкунандаи омӯзишгоҳи педагогии ба номи А.Лоҳутӣ (Кӯлоб).

1939-1941. Донишҷӯи Институти давлатии педагогии ба номи Т.Г.Шевченко (Сталинобод).

1942-1943. Донишҷӯ ва хатмкунандаи Институти давлатии педагогии ба номи Т. Г. Шевченко (Сталинобод).

1947. Узв ва раиси Комиссияи ҳисоботи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон.

11 марти 1952. Мудири кафедраи забон ва адабиёти Университети давлатии Тоҷикистон.

18 июни 1952-1958. Проректори Университети давлатии Тоҷикистон.

1953-1984. Узви ҳайати таҳририяи «Ахбороти Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон. Шуъбаи фанҳои ҷамъиятӣ».

1954-1987. Узви шӯрои илмӣ оид ба додани унвони номзади илмҳои филология дар назди Университети давлатии Тоҷикистон.

22 августи 1960. Бо унвони «Аълочии маорифи халқи РСС Тоҷикистон» ноил гаштааст.

1954-1965. Раиси сексияи танқиди адабӣ ва адабиётшиносии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон.

1954-1966. Узви президиум ва правленияи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон.

26 июни 1973. Бо нишони фахрии «Барои кори фаъол» - и Ҷамъияти «Дониш» - и Иттифоқи Советӣ мукофотонида шудааст.

1977-1985.Узви президиуми шӯрои илмӣ-адабиётшиносӣ дар назди Вазорати маълумоти олӣ ва миёнаи махсуси СССР.

1977. Узви ҳайати таҳририяи «Энциклопедияи советии тоҷик».

31 майи 1984. Бо медали «Ветерани меҳнат» мукофонида шудааст.

22 ноябри 1984. Бо грамотаи фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон сарфароз гардидааст.

1985. Сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ ҶТ.

1985. Узви ҳайати таҳририяи «Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик».

7 январи 1987. Бори дувум бо нишони фахрии «Барои кори фаъол» - и Ҷамъияти «Дониш» - и Иттифоқи Советӣ мукофотонида шудааст.

Ноябри 1987. Бо грамотаи фахрии КМ КПСС ва Совети Вазирони СССР сарфароз гардидааст.

22 майи 1990. Дар китоби фахрии Ҷамъияти «Дониш» - и Иттифоқи Советӣ номнавис шудааст.

2 сентябри 1991. Бо унвони Ходими шоистаи илми РССТоҷикистон сазовор дониста шудааст.

29 августи 1999. Бо ордени «Дӯстӣ» - и Ҷумҳурии Тоҷикистон мукофотонида шудааст.

27 октябри 1999. Бо унвони «Хонандаи фахрии китобхонаи илмии Тоҷикистон» (№1) сарфароз гардонида шудааст.

24 декабри 2001. Ба ӯ унвони «Доктор ва профессори фахрии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон» дода шудааст.

Сентябри 2002. Профессор - консултанти кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷики ДДМТ.

17 декабри соли 2004. Бо «Нишони сухан»-и раёсати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (№ 1) сарфароз гардонида шуд

2010. Ба Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ қадр шуд.

2013. Сазовори Мукофоти АИ Тоҷикистон ба номи Муҳаммад Осимӣ гардид.

Марти соли 2013. Рӯнамоии нашри дуюми китоби «Пайрав Сулаймонӣ» дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон баргузор гардид.

# САРСУХАН

Моҳи ноябри соли 2014 ба зодрӯзи адабиётшиноси варзида ва мунаққиди барҷастаи тоҷик Соҳиб Шуҳратиевич Табаров 90 сол пур мешавад. Зиндагӣ ва фаъолияти илмию таълимии ин шахсияти машҳури фарҳангӣ ба роҳи душвору ноҳамвор, вале пурҷӯшу хурӯши Ҷумҳурии Тоҷикистони азиз пайваста ва тавъам аст ва месазад гӯем, ки устод ба пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон – шаҳри Душанбе ҳамсол ва ҳамтақдир мебошад.

Оид ба роҳи ҳаёту фаъолияти пурбаракати илмӣ, омӯзгорӣ ва роҳбариву раҳнамоии устод Табаров асару мақолаҳои зиёди адабиётшиносону суханварони ватаниву хориҷӣ ва шогирдону ҳаводороне чун Ян Рипка, Иржи Бечка, Д.С.Комиссаров, Худоӣ Шарифов, Солеҳ Салоҳов, Атахон Сайфуллоев, Бароталӣ Нозимов, Асадулло Саъдуллоев, В.Белан, Аълохон Афсаҳзод, Я.Налский, Д.М.Молдавский, Ҳасан Муҳаммадиев, О.Кладо, Ҳафиз Раҳмонов ба табъ расидаанд. Махсусан, асару мақола ва мусоҳибаҳое, чун «Соҳиб Шуҳратиевич Табаров» ва «Саҳифаҳои пурифтихори марди ҳунар» (Раҳим Мусулмонқулов), «Кашшофи рози адабиёт» (Худойназар Асозода), «Сухан бурҷ асту маънӣ офтобаш» (Асадулло Сӯфизода), «Ҳимоятгузори адабиёт ё нигоҳе ба мактаби эҷодии Соҳиб Табаров» (Абдуҷаббор Раҳмонов), «Машъалафрӯз» (Абдулҳай Маҳмадаминов), «Ду суханвари барҷаста» (Мирзоалӣ Партовов), «Фазилати нотакрор» (Ҷумъахон Сафаров), «Агар медонистам, ки ин қадар зуд пир мешавам…» (Абдуқодири Раҳим), «Таърих худаш қазоват мекунад…» (Боймурод Шарифов), «Пажуҳишгари нодиру камназири адабиёт» (Муртазо Зайниддинов), «Белинскии тоҷик» (Шодӣ Шокирзода), «Боқӣ Раҳимзода ва Соҳиб Табаров» (Пиралӣ Қурбонов), «Адабиётшиноси соҳибмактаб» (Мирзо Солеҳов), «Ҳамадону ҳамакору ҳамафаҳм» (Ҳуснигул Талбакова), «Дилбину раҳнамо» (Эргаш Шоев) самараи меҳнати илмию омӯзгории

ин муҳаққиқи фарзонаро басо равшану амиқ инъикос менамоянд.

Чеҳраи воқеии устод Табаров дар осори бадеӣ ва пубдитсистии Абдулҳамид Самад, Ғоиб Сафарзода, Ҳақназар Ғоиб, Ҳоҷӣ Мурод, Муҳаммад Ғоиб, Эргаш Шоев барин адибон низ мавриди тасвир қарор ёфтааст.

Муаллифи ин сатрҳо низ мисли як шогирд дар бораи ҳаёт ва фаъолияти устод Табаров чанд мақола таълиф намудаам ва тасмим гирифтам, ки ин мақолаҳоро бо иловаи чанд мақолаи дигар ба шарафи 90-солагии муборак дар шакли маҷмӯа ба хонанда пешкаш намоям. Мақолаҳо дар солҳои гуногун таълиф ёфтаанд, бинобар ин табиист, ки баъзе лаҳзаҳои ҳаёт ва санаҳои зиндагӣ ва фаъолияти кории устод такрор ёфтаанд.

Муаллиф аз дотсенти кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии ДМТ Наврӯз Қаландаров ва мудири «Ганҷинаи накди адабии Соҳиб Табаров» дар маркази ноҳияи Муъминобод Олимҷон Табаров барои ёрӣ ва дастгириашон дар ин кори хайр минатдор ва сипосгузор аст. Умед аст, ки ин асар ба аҳли илму фарҳанг ва оммаи хонандагони тоҷик писанди хотир меафтад.

*Зиндагӣ дар садафи хеш гуҳар сохтан аст,*
*Дар дили шуъла фурӯ рафтану нагдохтан аст.*
*Муҳаммад Иқбол*

# БОБИ 1.
# ЗИНДАГИИ БОШАРАФУ ИБРАТОМӮЗ

## *ҲАМСОЛИ ПОЙТАХТИ ҶУМҲУРӢ*

I

14 октябри соли 2014 пойтахти ҷумҳурии азизамон – шаҳри Душанбе ҷашн дорад. 90 сол пеш аз ин бар асари тақсимоти ноодилона ва манфиатҷӯёнаи ҳудудҳои миллӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ ба миллати фарҳангиву сернуфуси Осиёи Миёна – тоҷикон сарзамини Бухорои Шарқӣ насиб гардид ва пойтахти Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон деҳаи Душанбе қарор дода шуд. Миллати азиятдидаи тоҷик, ки бар асари ба ғояҳои бузургманишии пантуркистон мусоидат намудани ҳукуматдорони Шӯравӣ зери хавфи нестшавӣ монда буд, аз ин имконияти камтарини таърих рӯҳ гирифта, омодаи дар ҷомеаи умумибашарӣ садо баланд кардан шуда, ба тамоми ҳастӣ ба фаъолияти бунёдкорӣ ва созандагӣ оғоз намуд. Бо кӯшишу талошҳои пайгиронаи ҷомеаи тоҷикон ва родмардони алоҳидаи он ба ҷумҳурии Тоҷикистон ҳавзаи Хуҷанд ҳамроҳ гардид ва моҳи октябри соли 1929 он аз ҳайати Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҷудо гардида, Душанбе[1] чун пойтахти ҷумҳурии мустақил имконияти тараққиёти боз ҳам бештар пайдо намуд.

Дар солҳои 30-юми садаи XX афроди зиёди гуногунсиннусолу мухталифпеша аз Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд ва ноҳияҳои Тоҷикистони ҷанубу шарқӣ ба Душанбе мерехтанд ва дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат бомуҳаббат ҳиссагузорӣ мекарданд, ба дараҷае ки аҳолии он аз шаш ҳазори соли 1926 соли 1939 ба 83 ҳазор расид. Ва яке аз он ҷавонони кӯҳистоние, ки охири солҳои 30-юм бори ди-

[1] Душанбе соли 1929 Сталинобод ном гирифта, соли 1961 боз ба номи пештарааш баргардонида шуд.

гар[2] ба Душанбе омада, тақдирашро ба ин шаҳри ҳамсоли худ ба якборагӣ пайваст, Табаров Соҳиб Шуҳратиевич буд.

Устод Соҳиб Табаров ҳамагӣ 15 сол дошт, ки истиқоматкунандаи доимии шаҳри Душанбе шуд ва дар муддати солиёни зиёд баробари шаҳри дӯстдоштаи худ сабзид, камол ёфт ва дар роҳи таълиму тарбияи ҷавонон ва илми суханшиносии тоҷик нақши корӣ гузошт, умри азизи хешро сарфи хома намуд ва ҳоло ҳам, дар синни мубораки 90-солагӣ, бо дастони ларзон ва чашмони обрав хомаро аз каф намегузорад. Дар симои нуронии ин пири хирад тамоми таърихи шаҳри Душанбе чун дар ойина ҳувайдо мебошад.

## II

Тирамоҳи соли 1924[3] дар деҳаи Чорраҳаи ноҳияи Муъминобод, ки ҳамагӣ аз ҳашт хонавода иборат буд, дар ойилаи Табар валади Раҳим ном марди фақир писар ба дунё меояд. Писари нахусти ин хонадон Мирзоназар ном дошт ва навзодро дар радифи исми бародараш Соҳибназар ном медиҳанд. Номҳои зебо ва пурмуҳтавои фарзандон гувоҳи соҳибмаърифатии ин хонадони кӯҳистонӣ мебошад: бародарони Табар – Иброҳим ва Эмом пайваста дар суҳбати шоири охири асри XIX ва ибтидои асри XX Файз Алам (Аламӣ), ки дар деҳаи ҳамсоя – Шохандоз зиндагӣ мекард, қарор доштанд. Модари фарзандон – Майсарамоҳ дар Ҳазрати Эмом ном деҳаи сернуфус, косибшин ва дорои мадрасаву бозори ноҳияи Даштиҷум ба дунё омадааст ва бародарони ӯ домулло Назар ва домулло Алӣ чун донишмандони соҳибмадраса ангуштнамои ноҳия буданд. Ба гуфти профессор Х.Асозода: «Табару Майсарамоҳ аз як аҷдоду авлод буда, бо бобокалонашон Рус-

---

[2] Соҳибназар бори аввал охири тобистони соли 1934, гоҳе ки онҳоро аз хонаи бачагони Тебалайи минтақаи Кӯлоб ба Омӯзишгоҳи педагогии тоҷикии Самарқанд мебурданд, Душанберо дида он ҷо то ҷамъ кардани бачаҳои минтақаҳои дигари Тоҷикистон чанд рӯз истода буд.

[3] Соли таваллуди С.Ш.Табаров дар ҳуҷҷатҳо аввал 1923 ва баъдтар 1924 қайд гардидааст ва худи устод моҷарои соли таваллудашро дар дафтари хотираҳояш басо муфассал ба қалам додаст (ниг. ба қисмати замима - «Ёде аз гузаштарӯзҳо»). Мо соли таваллуди устодро мувофиқи шиноснома ва дигар ҳуҷҷатҳои расмии баъди он ба эътибор гирифтем.

там бо ҳамдигар ҳампайванд мебошанд» (7, 20). Шаҷараи ин хонадон ба яке аз муридони Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ – Нуриддии Ҷаъфари Бадахшӣ (асри XIV) мерасад.

Ҳанӯз айёми тифлии фарзандон падару модар аз ҳам ҷудо мешаванд ва Мирзоназару Соҳибназар дар тарбияи падар қарор мегиранд. Албатта, барои падари фақир, ки ба мардикорӣ ва чоряккорӣ рӯз мегузаронд, парвариш кардани ин ду тифли хурдсол душвор буд ва боз Соҳибназар бар асари бемории полиомелит дар синни 4-5-солагӣ як пояш шал шуда буд ва ба нигоҳубини бештар ниёз дошт. Ба болои ин аз соли 1931 дар мамлакат гуруснагӣ ҳукмрон мегардад. Ин аст, ки соли 1931, вақте ки дар маркази ноҳияи Муъминобод хонаи бачагон таъсис ёфт, падар аввал Мирзоназар (соли 1931) ва баъд Соҳибназарро (соли 1932) ба ин ятимхона месупорад.

Акнун такягоҳи Соҳибназари наҳифу маҷрӯҳ бародараш Мирзоназар, ки аз ӯ се-чор сол калон буда, ҷисман низ солиму бардам буд, ба ҳисоб мерафт. Вале соли 1932 Мирзоназар аз тангравии баъзе кормандони ятимхона маҷбур мешавад, ки ба хонаи бачагони Тебалайи ноҳияи Кӯлоб нақли макон намояд. Танҳоӣ ва бечорагӣ падарро ранҷур месозад ва тирамоҳи соли 1933 ӯ боз як бори дигар ба дидори писаронаш расида метавонаду халос. Падар Соҳибназарро дар хонаи бачагони Муъминобод ва Мирзоназарро дар хонаи бачагони Тебалай хабар мегираду дар бозгашт дар деҳаи Эмомалии ноҳияи Восеъ, дар хонаи хешовандонаш, орзуҳояшро ба гӯр мебарад (ниг. ба замима, фасли «Чӣ тавр аз фавти падарам хабар ёфтам»).

Моҳи марти соли 1934 як зумра тарбиятгирандагони хонаи бачагони Муъминобод, аз ҷумла Соҳибназар, ба хонаи бачагони Тебалай интиқол дода мешаванд. Соҳибназар хурсанд буд, ки боз дар ҳимояи бародар қарор дорад, бародаре ки бо сабаби қуввату ғайрати наврасӣ суханаш барои тамоми бачагони сағирхона қонун аст. Ва ҳамин мақоми сарварии Мирзоназар буд, ки гоҳи таътил, вақте ки як гурӯҳ бачагони калонсолтари сағирхонаи Тебалайро ба Омӯзишгоҳи педагогии тоҷикистонии шаҳри Самарқанд мефиристанд, дар миё-

ни онҳо Соҳибназари лоғарбадани 10-сола ҳам буд.

Соҳибназар бо бародараш дар курсҳои якум ва дуюми тайёрии омӯзишгоҳи мазкур ду сол таҳсил мекунанд ва аз муаллимоне чун Ҳамид Бақозода, Тӯрақул Зеҳнӣ, Саломзода, Аминов аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик, табиатшиносӣ, ҷуғрофия сабақ мегиранд. Устод Табаров ин муаллимонро ҳамеша бо некӣ ва арзи сипос ёд мекунад: «Ҳамид Бақозода аз китоби «Сарф» ба мо дарс мегуфт, – ёдовар мешавад шогирди содиқ. – Ӯ ҷавони резапайкари хеле меҳрубон буд. Бо овози паст сухан мекард ва ҳеҷ гоҳ гапи баланд надошт. Мо ӯро дӯст медоштем ва дарсашро бесаброна интизорӣ мекашидем. Хислати Ҳамид Бақозода ба писараш Ҷӯрахон Бақозода гузаштааст» (аз суҳбат).

Бо қарори Ҳукумати Тоҷикистон дар Самарқанд, ки ба қаламрави Ҷумҳурии Ӯзбекистон тааллуқ дошт, таҳсил кардани тоҷикбачаҳои аз Тоҷикистон омада мамнӯъ гардид. Ин аст, ки тоҷикистониёни калонсолтари Омӯзишгоҳи педагогии тоҷикии Самарқанд, аз ҷумла Мирзоназарро[4], ба муаллимии курсҳои маҳви бесаводӣ сафарбар намуда, боқимондаро ба Омӯзишгоҳи педагогии Панҷакент ба номи А.В.Луначарский интиқол доданд. Соҳибназар соли таҳсили 1936-1937 дар курси (асоси) якуми омӯзишгоҳи макур таълим мегирад, вале азбаски бародари муттакояш дар Муъминобод ба муаллимӣ машғул буд, танҳоӣ ва душворӣ мекашад. Ин аст, ки таҳсил тамом шудан замон ҳуҷҷатҳои ба курси (асоси) дуюм гузаштанашро гирифта, худашро ба Дуоб ба назди бародараш мерасонад.

Соҳибназар тобистони соли 1937 дар курсҳои маҳви бесаводӣ дарс медиҳад ва мехоҳад, ки чун бародар хонданро тарк карда, минбаъд ба муаллимӣ машғул шавад, аммо Мирзоназар ӯро водор мекунад, ки хонданро дар Омӯзишгоҳи педагогии ба номи Лоҳутии шаҳри Кӯлоб идома диҳад ва Соҳибназар мувофиқи раъи бародар соли 1937 дар курси дуюми ин омӯзишгоҳ дохил шуда, онро соли 1939 бо баҳои

[4] Мирзоназар, ки намехост додари лоғару маъюбашро танҳо гузорад, ҳамроҳи бародар ба Панҷакент меояд, вале бо сабабе маҷбур мешавад, ки августи соли 1936 роҳи Муъминободро пеш гирад (ниг. ба замима).

«аъло» хатм мекунад.

Бояд гуфт, ки Омӯзишгоҳи педагогии ба номи Лоҳутии шаҳри Кӯлоб дар ташаккул ва такомули шахсияти устод Табаров мавқеи басо арзишманд дорад. Маҳз дар ҳамин макони маърифат мустақилияту муносибат ва фаъолияти фарҳангии ин ҷавони закӣ шакл гирифта, аввалин падидаҳои илмӣ ва эҷодии ӯ арзи ҳастӣ мекунанд. Зиёда аз ин, Омӯзишгоҳи педагогии Кӯлоб, ки ҳоло номи Коллеҷи омӯзгориро гирифтааст, чун маркази фарҳангии минтақаи Кӯлоб дар таълиму тарбия ва ба воя расондани мутахассисони варзидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми арзанда ва муносиб дорад. Ин ҷо ёдовар шудани баҳо ва арзи сипоси устод Табаровро, ки ба муносибати 80-солагии ин муассисаи фарҳангӣ баён гардидааст, бамаврид мешуморем:

«Инро бояд гӯям, ки дар соҳаи маориф ва маданияти вилояти Кӯлоб ва ҳатто Ҷумҳурияти Тоҷикистон саҳми Омӯзишгоҳи омӯзгории Кӯлоб хеле бузург аст. Ман мақоми онро дар он медонам, ки аксари мутлақи муаллимони мактабҳои ибтидоии вилояти Кӯлоб хатмкардагони ҳамин Омӯзишгоҳ буданд. Ва агар гӯям, ки тамоми дониши мардуми Кӯлоб бо саҳмгузории хатмкардагони ҳамин омӯзишгоҳ алоқаманд аст, хато нахоҳад шуд.

Дуюм хизмати ин омӯзишгоҳ дар он аст, ки ҷавонону бачагони воҳаҳои гуногуни вилояти кӯҳистониро бо ҳам муттаҳид намуд. Дар байни донишҷӯён мо бачагони дурдасти деҳаҳои собиқ ноҳияҳои Сарихосор, Ховалинг, хусусан Ёхсу, Даштиҷум, Шӯрообод, Муъминобод ва ғайра гирд омада буданд, ки ҳамаи дӯстию рафоқати мо, талабагони он солҳо, дар ҳамин иттиҳоди донишҷӯёни омӯзишгоҳи азизамон буд.

Ва сеюм, ин донишгоҳ махзани илму маърифати мардуми Кӯлоб аст, ки то ташкили Донишгоҳи омӯзгории дусолаи Кӯлоб (1945) ҳамчун маркази таълиму тарбияи тамоми вилояти Кӯлоб ҳисоб меёфт. Аз ин нуқтаи назар, вақте ки дар солҳои 80-уми асри гузашта ба сабаби зиёд шудани миқдори муаллимон нохалафоне пайдо шуданд, ки хостанд ин омӯзишгоҳро банданд ва дар охирин анҷумани Ҳизби коммунистии

Тоҷикистон яке аз вакилони анҷуман, ки котиби ҳизби коммунистии Кӯлоб буд, аз минбари анҷуман ва баъдтар аз ҷаласаҳои Шӯрои Олии Тоҷикистон бо сабаби зиёд шудани миқдори муаллимони синфҳои ибтидоии вилояти Кӯлоб масъала ба миён гузоштанд, ки ин омӯзишгоҳ баста шавад. Вақте ки банда маводи он анҷуман ва он ҷаласаи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро хондам, хун ба сарам зад ва бевосита ба роҳбарияти болоӣ мактубе навиштам, ки ин омӯзишгоҳ омӯзишгоҳи таърихӣ аст, дар вилояти Кӯлоб то соли 1945 ягон муассисаи таълимии муаллимтайёркунии дигар набуд. Ҳамин омӯзишгоҳ садҳо ва ҳазорҳо зиёиёни вилояти Кӯлобро, нафақат Кӯлобро, балки қисми ҷанубии вилояти Ғарм ва Дарвозу Вахшро ба воя расондааст. Бинобар ин, баста шудани Омӯзишгоҳи таълимии педагогии Кӯлоб ба номи Лоҳутӣ гуноҳи азимест. Хайрият ки баъд аз чанде банда номае аз ташкилотҳои болоӣ гирифтам ва онҳо фақат бо пешниҳоде бандаро ором кунонданд, ки Омӯзишгоҳи омӯзгории Кӯлоб барҳам нахоҳад хӯрд ва фақат профили онро, яъне соҳаи тайёр кардани онро тағйир медиҳем.

Ташкили ин омӯзишгоҳ, ё донишкада дар оғози солҳои сиюми асри XX яке аз комёбиҳои бузург дар ҷабҳаи маориф ва маданияти халқи тоҷик буд ва банда бо тамоми ифтихори баланд мегӯям, ки худро фарзанди ҳамин омӯзишгоҳи ҷоноҷонамон меҳисобам ва то охири ҳаётам хизматҳои роҳбарони онро аз хотир намебарорам. Махсусан хизмати ҳамаи мураббиёне, ки мо барин ятимбачагони солҳои сиюмро ба ин дараҷаи ҳозира расонданд».

Ҳамин тариқ, Соҳибназар дар зарфи ҳафт соли таҳсил соҳиби шаҳодатномаи «аъло» гардида, ҳуқуқи дар мактаби олӣ беимтиҳон дохил шуданро пайдо мекунад ва боз ӯро чун донишҷӯи аълохону фаъол ҳамроҳи як зумра донишҷӯёни аълохони омӯзишгоҳҳои омӯзгории Тоҷикистон ба саёҳати фаннӣ ба Маскаву Қрим фиристоданд(Ниг. ба замима – «Ёде аз гузашта рӯзҳо»).

Устод Табаров айёми талху ширини мактабхониашро ба ёд оварда, ба бародари бузургаш Табаров Мирзоназар (рӯҳаш шод бошад), ки умри азизи хешро сарфи таълиму

тарбия намуд, арҷ мегузорад ва ҳар дафъа таъкид мекунад, ки: «Мирзоназар барои ман ҳам бародар буд ва ҳам падару модар ва чун офтоб тани сарди маро гарм карда, роҳи минбаъдаи ҳаётамро мунаввар сохт».

## III

Соли 1939 Соҳибназар ба факултети адабиёти Институти педагогии ба номи Т.Г.Шевченко (ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ), ки он вақт ягона мактаби олӣ дар шаҳри Душанбе ба ҳисоб мерафт, дохил мешавад ва дар курсҳои якуму дуюм аз устодони варзидае чун Шарифҷон Ҳусейнзода, Лутфулло Бузургзода, Абдулғанӣ Мирзоев, И.И.Палчиков, Бобоҷон Ниёзмуҳаммадов, Абдулғанӣ Эшонҷонов… дарс мегирад. Ба ин ҷавони ташнаи илм махсусан усули дарсдиҳӣ ва шахсияти Лутфулло Бузургзода ва Абдулғанӣ Мирзоев, ки баъди хатми Университети давлатии Ленинград (ҳозира Санкт-Петербург) нав ба кор омада буд, басо маъқул меафтад, ба дараҷае ки дар тамоми зиндагии минбаъда намунаи ибрати ӯ қарор мегиранд. «Мирзоев дақиққор ва сарфакор буд. Ягон дақиқаи вақти худро беҳуда сарф намекард. Ҳатто дар танаффус китобчаеро, ки ба забони англисӣ буд, аз ҷайбаш мебароварду мехонд»(1, 182-183).

Соҳибназар, ки чун таҳсилдидаи омӯзишгоҳ таҳкурсии мустаҳкам ва таҷрибаи хуби донишазхудкунӣ дошт, аз донишмандӣ ва усули таълими устодон рӯҳ гирифта нимсолаи аввалро бо баҳои «аъло» ҷамъбаст намуд ва чун донишҷӯи фаъолу аълохон дар факултети адабиёт ва умуман донишгоҳи омӯзгорӣ эътибор пайдо кард. Аз ин ҷиҳат як хотираи устод ҷолиб аст: охирҳои апрели соли 1940 директори институт Солеҳбоев Соҳибназарро ба утоқи кориаш даъват карда, ба ӯ иҷозатномаи ба муносибати иди Якуми Май иштирок кардан дар минбари ифтихории Майдони марказии пойтахтро медиҳад (нигаред ба тасвирҳо – Пропуск) ва ба либоси нимдошту нозеби донишҷӯ нигариста, таъкид мекунад, ки дар ин чорабинии ҳукуматӣ бо либоси тоза ва озодаи расмӣ ширкат варзидан зарур аст. Директор чун дигар либос

надоштани Соҳибназарро мефаҳмад,ба раиси Комиҷрояи шаҳр занг зада, ҳақиқати ҳолро баён мекунад ва донишҷӯро назди раис мефиристад. Раис баъди аз назар гузаронидани либоси нимдошти Соҳибназар ӯро ба фабрикаи дӯзандагӣ раҳнамун месозад. Дар фабрика андоза гирифта, дар зарфи ду рӯз барояш либоси расмии идона тайёр карда ба ӯ мепӯшонанд. Устод Табаров ин лаҳзаи масарратбахшро бо некӣ ва сипосгузорӣ ба ёд меорад: «Банда дар ин либоси зебои хушдӯхт худамро қариб ки намешинохтам ва рӯзи Якуми Май бо ҳамон иҷозатнома дар минбари ифтихории Майдони марказии пойтахт дар қатори роҳбарони ҳукумат ва шахсиятҳои машҳури ҷумҳурият мани донишҷӯи курси якуми Институти омӯзгорӣ низ намоиши идонаи меҳнаткашони Тоҷикистонро тамошо карда ҳаловат бурдам».

Соҳибназар ба курси се гузашта буд, ки ҶБВ сар мешавад ва тамоми мардуми Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҳимояи Ватан бармехезад. Аз гурӯҳи 16-нафараи онҳо 14 касро ба майдони набард мефиристанд. Устод Табаров он лаҳзаҳои мудҳишро чунин ёдовар шудааст: «Дар курс мо ду нафар мондем – Мира Малаева ва ман, ки ба сабаби як поям шал будан ҳуқуқи ба корзор рафтанро надоштам».

Аксари устодони Институт низ ба ҷабҳа сафарбар мешаванд, бинобар ин соли 1941 курси сеюм баста мешавад ва як сол С.Табаров аввал дар мактаби миёнаи деҳаи Заргари ноҳияи Қурғонтеппа ба сифати муаллим ва баъд дар мактаби миёнаи деҳаи Қизилқалъаи ҳамин ноҳия чун директор фаъолият мекунад ва ҳангоме ки соли 1942 ин курс аз нав кушода мешавад, Соҳибназар дар як сол барномаи курсҳои се ва чорро гузашта, соли 1943 Донишгоҳро бомувафаққият ба итмом мерасонад. Ин ҷавони серғайрат як сол дар Омӯзишгоҳи шаҳри Кӯлоб фаъолият намуда, баъд чун муаллими кафедраи забон ва адабиёти Институти педагогии Сталинобод ба номи Т.Г.Шевченко пазируфта мешавад. Соли 1945 ба аспирантураи назди филиали тоҷикистонии АИ СССР дохил шуда, таҳти роҳбарии узви вобастаи АИ СССР Е.Э.Бертелс соли 1949 дар мавзӯи «Ғуломон» - и С.Айнӣ ҳамчун асари таърихӣ» дар Шӯрои илмии Институти

шарқшиносии АИ ИҶШС рисолаи номзадӣ дифоъ мекунад. Устод Табаров ҳамеша бо ифтихор қайд мекунад, ки: «Банда дар маркази илми Иттиҳоди Шӯравӣ – Ленинград рисолаи номзадӣ дифоъ кардам ва ҳамаи аъзои Шӯро академикҳо ва аъзо корреспондентҳои АИ СССР буданд».

Нимаи дуюми солҳои 40-ум ва солҳои панҷоҳум ба зиндагии Соҳиб Табаров пай дар пай комёбӣ ва хурсандиҳоро ба бор овард. Дар синни 25-солагӣ ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ соҳиб шуд. Ду сол пеш аз ин, соли 1947, ҳамроҳи устодаш Ш. Ҳусейнзода, А.Қаҳҳорӣ, М.Фарҳат, А.Шукӯҳӣ ва М.М.Явич ба узвияти Иттифоқи нависандагони ИҶШС пазируфта шуд. Моҳи декабри соли 1947 ба ордени Нишони фахрии ИҶШС мушарраф гардид. Аз ин пештар, баҳори соли 1945, ба ҷавондухтари фарзонаву зебопайкар – Ванда Витолдовна Яблонская, ки чанд сол боз якдигарро мешинохтанд, ақди никоҳ мебандад ва аз сентябри 1948, вақте ки дар Душанбе Университети давлатии Тоҷикистон таъсис меёбад, аввал дар кафедраи забон ва адабиёти тоҷик муаллим мешавад ва ҳангоме ки кафедраи мазкур ба ду кафедра ҷудо мешавад (соли 1952), мудири кафедраи адабиёти тоҷик таъин мегардад.

Устод Табаров дар ин кафедра, ки баъдҳо боз ба ду кафедра тақсим шуда, номи адабиёти советии тоҷикро мегирад, 28 сол ба сифати мудир ва боз панҷ соли дигар чун узви кафедра адои вазифа намуд ва дар ин айём шаш сол вазифаи проректори Университети давлатии Тоҷикистонро ҳам ба ӯҳда дошт. Ин шахсияти неруманд то соли 1985 дар ҳаёти фарҳангию иҷтимоии Донишгоҳ фаъолона ширкат варзида, чун роҳбари ҷиддиву масъулиятшинос, устоди сахтгиру ғамхор ва донишманди асилу сермаҳсул маълуму машҳур гардид. Ин аст ки соли 1953 аъзо-корреспонденти АИ Тоҷикистон интихоб шуда, ба ҳайати таҳририяи «Ахбороти Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон. Шуъбаи фанҳои ҷамъиятӣ» шомил мегардад; соли 1960 ба ҳайси раиси Шӯрои илмӣ-техникии адабиётшиносӣ дар назди Вазорати маълумоти олӣ ва миёнаи махсуси Тоҷикистон пазируфта мешавад; соли 1954 раиси сексияи танқиди адабӣ ва узви

президиум ва правленияи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дониста мешавад ва ғ.

Табиист, ки пешаи мунаққидӣ ва боз накди холисона ва бериёе, ки ба Соҳиб Табаров барин шахсияти якрӯю якзабон хос аст, дар зиндагӣ мушкилоти зиёде ба бор меорад ва устоди мо борҳо ба мухолифати шадиди зумраи ҳампешагони ноиву забонӣ дучор шудааст. Соли 1962 рисолаи пурарзишу фарогири «Пайрав Сулаймонӣ» аввал ба ҳимоя тавсия мешаваду баъд «ба доираи диссертатсияи докторӣ ғунҷоиш надорад» (7, 74) гуфта он аз дифоъ боздошта мешавад.

Баъди ин ҳодиса устод Табаров дигар барои гирифтани дараҷаи илмии докторӣ кӯшиш намекунад ва боз вақте ки яке аз рисолаҳои дигари пурмуҳтавои С.Табаров «Симои ҷовидонии пешво дар адабиёти тоҷик» (1970) чоп мешавад, ба гуфти муаллифи китоб, «як гурӯҳ олимон маро раҳнамоӣ карда гуфтанд, ки ту рисолаи докториатро барои ҳимоя омода кун. Ва баъд ҳамон одамон ба ман монеа шуда, маро тавассути ВАК аз ин унвон маҳрум сохтанд. Ва банда аввалин дотсенти Донишгоҳ (аз соли 1951) будам ва ҳамин хел мондам» (71, 80).

Шояд чунин тангназариҳо ва қадрношиносиҳо боис гардид, ки устод Табаров соли 1985 кафедраи адабиёти советии тоҷики Университети давлатии Тоҷикистонро тарк карда, ба Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ Тоҷикистон ба кор меояд ва то ҳол чун сарходими илмии ин пажӯҳишгоҳ фаъолият дорад.

Устод акнун тамоми фурсати зиндагиро ба таҳқиқу таълифи асарҳои илмӣ сарф менамояд. Таваҷҷуҳи муҳаққиқро дар ин давра «омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти як зумра зиёиёни маъруфу машҳури тоҷик ва, пеш аз ҳама, Абдуррауф Абдураҳимов мутахаллис ба Миҷмар ва Фитрат (1886-4 окт.1938), Мирзо Абдулвоҳид Бурҳонов мутахаллис ба Мунзим (1875-5 марти 1934), Саъдулло Рабиӣ ва баъзе дигарон, ки дар охири солҳои сиюм ё таъқиб ё маҳкум ва ё қатл гардида буданд» (70, 99), ба худ ҷалб мекунад.

Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ба устод Табаров рӯҳи тоза бахшид ва барои тадқиқи воқеии адабиёти нави

тоҷик имконияти бештаре фароҳам овард. Соли 2001 Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон устодро ба унвони «Доктор ва профессори фахрии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон» сарфароз гардонд. Соли 2010 устод Табаров барои силсилаи рисолаҳои адабии тарбиявии солҳои охир («Зиндагиномаи Садриддин Айнӣ», «Се маорифпарвари тоҷик дар бораи амирони манғит»...) ба ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ қадр карда шуд ва соли 2013 нашри дуюми рисолаи «Пайрав Сулаймонӣ» сазовори мукофоти АИ Тоҷикистон ба номи Муҳаммад Осимӣ гардид.

Дар маросими рӯнамоии китоби «Пайрав Сулаймонӣ», ки ибтидои моҳи марти соли 2013 дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон бо иштироки аҳли фарҳанги ҷумҳуриямон баргузор гардид, директори китобхона академики АИ Тоҷикистон Носирҷон Салимов ин китобро беҳтарин тадқиқот дар таърихи адабиёти муосири тоҷик ва муаллифи онро суханшиноси воқеъбини сатҳи байналхалқӣ ва дорои мактаби адабиётшиносӣ номид.

Барои дар сатҳи байналхалқӣ шинохтан ва эътироф намудани Соҳиб Табаров таъсири чанд омили асосӣ, аз ҷумла ҳамвора мутолиа кардан, баҳрабардорӣ аз дидаву шунидаҳо ва вазъи мусоиди оилавӣ, баръало мушоҳида мешавад.

## IV

Устод Табаров ҳамеша таъкид мекунад, ки ҷаҳонбинӣ аз дидану шунидан ҳосил мешавад ва худ бо сабабҳои айниву зеҳнӣ бисёр сафар накардааст. Дар «Таассуроти ақлу дил» 11.05.1968 менависад: «Кай ба ман муяссар мешуда бошад, ки кишвари бегонаро бинам. Не, як рӯзи Ватанам беҳ аз як моҳи мамлакати бегона. Кишварамро аз ҷону дилам ҳам зиёдтар дӯст медорам». Вале ҳангоми мактабхонӣ ва ҷавонӣ, ки айёми омӯзиш ва таҷриба андӯхтан мебошад, ба муаллимон ва шахсиятҳои зиёди фарҳангӣ, чун Ҳамид Бақозода, Мухтор Улуғзода, Ятимов, Лутфулло Бузургзода, Бобоҷон Ғафуров, Шарифҷон Ҳусейнзода, Мулло Эркаев, вохӯрда, аз таълиму тарбия ва суҳбати ҷонпарвари эшон бархӯрдор гар-

дидааст. Устод бо он хотираи мустаҳкам ва беназире, ки дорад, ҳамвора аз лаҳзаҳои дидорбинӣ ва суҳбатҳои эшон бо сипосгузорӣ ёдовар мешавад ва «бо моҳ шинӣ, моҳ шавӣ» гӯён ба шогирдон ноаён панд медиҳад.

Соҳиб Табаров аввалин бор устод Айниро соли 1934 ҳангоми таҳсил дар курси тайёрии Омӯзишгоҳи педагогии Самарқанд мебинад: «Ба муносибати ҷашни 100-солагии Фирдавсӣ устод Айнӣ ба омӯзишгоҳи мо омада буданд ва ҳамон китоби машҳурашон – «Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ»-ро бо ҳамроҳии Деҳотӣ, Бектош қариб якуним соат барои мо хонданд… Мо бачаҳои даҳсолаи аз кӯҳистон омада тасаввур ҳам намекардем, ки «Шоҳнома» чисту Фирдавсӣ кист» (71,77).

Муаллими мо боз як маротиба (соли 1935) дар Самарқанд ва борҳо дар Душанбе ба дидори устод Айнӣ мушарраф гардида, ҳатто ба ин пири хирад хамсуҳбат шуда, изҳори самимияту садоқат низ кардааст. Аз ин ҷиҳат, таърихи мақолаи аспирант Табаров бо номи «Чанд сухан дар бораи як тақриз» («Тоҷикистони сурх», 11.03.1947) ҷолиб аст. Сардори Управленияи главлити Тоҷикистон Муллоҷонови Шаҳристонӣ оид ба китоби «Мухтасари «Бӯстон» - и Саъдӣ, ки дар таҳияи С.Айнӣ соли 1945 чоп гардида буд, тақризи ғаразнок менависад ва аспирант Табаров ба он ҷавоб мегардонад. Нозирон ба чопи мақола дар рӯзномаи «Точикистони сурх» монеъ мешаванд. Кор ба ҷое мерасад, ки мақолаи Табаров 6 феврали соли 1947 дар котиботи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон муҳокима шуда, тамоман дуруст будани андешаҳои танқидии муаллиф таъкид мегардад ва мақола 11 марти соли 1947 рӯи чопро мебинад. Баъди ин таввақӯҳи устод Айнӣ ба С.Табаров меафзояд.

Хотираҳои С.Табаров дар бораи устодон Лоҳутӣ, Турсунзода, Улуғзода… низ ҷолиб ва омӯзанда мебошанд ва барои омӯзиши таърихи фарҳанги муосири тоҷик мусоидат мекунанд. Муаллим яке аз аввалин дидорбиниҳояшро ба устод Лоҳутӣ чунин ёдовар мешавад: «Сохтмони Канали Калони Ҳисор соли 1941 оғоз ёфта, баъди як сол ба охир расид. Ба ин муносибат дар Кӯли комсомол митинг шуд. Мо

ҳамчун донишҷӯ ширкат доштем. Ва устод Лоҳутӣ, ки соли 1941 ба Сталинобод кӯчида буд, дар ин митинг иштирок карда, достони «Наҳру баҳр» - ро хонда буд» (аз суҳбати устод).

Устод Табаров бар он аст, ки барои халқи тоҷик аз адибони муосир касе монанди Лоҳутӣ хизмат накардааст: соли 1922 шоири инқилобӣ вақте ба хоки СССР омаду чанде дар Қафқоз монд, бо яке аз шогирдони содиқ ва дӯстдоштаи И.В.Сталин – С.М.Киров ошно шуд ва назди Кремл, дар яке аз кӯчаҳои марказӣ, хона гирифт. Сталин тавассути Лоҳутӣ дар бораи халқи тоҷик ва таърихи он маълумот пайдо кард. Ҳатто ҳамон табрикномае, ки ба муносибати тақсимоти ҳудудҳои миллӣ Сталин моҳи марти соли 1925 ба якумин конфренсияи партиявии Тоҷикистон фиристодааст («Салом ба Тоҷикистон…Тоҷикон таърихи бое доранд: қобилияти калони ташкилотчигӣ ва сиёсии онҳо дар гузашта аз ҳеҷ кас пинҳон нест. Коркунони Тоҷикистон! Ба тамоми Шарқ нишон диҳед, ки Шумо беҳтарин фарзандони аҷдодони худ ҳастед, ки байрақи озодиро дар даст маҳкам нигоҳ медоред» – 33, 34), тавассути Лоҳутӣ сурат гирифтааст. Афсӯс ки дар вақташ ба қадри ин шоири фидоии миллати тоҷик расида натавонистем, хулоса мекунад муаллими мо.

Устод Табаров оид ба донишмандони Иттиҳоди Шӯравӣ сухан ронда, хизмати узви вобастаи АИ Иттиҳоди Шӯравӣ Е.Э.Бертелс ва академики АИ Тоҷикистон Абдулғанӣ Мирзоевро дар шарқшиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик басо арзишманд медонад ва таъкид мекунад, ки бори аввал Аҳмади Донишро Е.Э.Бертелс кашф карда, адабиёти давраи нави тоҷикро бо номи ин аллома вобаста намудааст. Дар «Дастхатҳои асарҳои «Аҳмади Калла» ном мақолааш ин олим ҳанӯз соли 1936 Аҳмади Донишро «падари» адабиёти нави тоҷик номида, таваҷҷуҳи адабиётшиносонро ба ин симои барҷастаи фарҳангӣ ҷалб намуд. Е.Э.Бертелс дар қатори шарқшиносони барҷастаи рус А. А. Семенев, М. С. Андреев, В. В. Бартолд ба илми шарқшиносии тоҷик асос гузоштааст ва яке аз шогирдони беҳтарини Е. Э. Бертелс, ки шуъбаи эроншиносии факултети филологияи Донишгоҳи давлатии

Ленинградро соли 1939 хатм карда, дар шарқшиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик хизмати бедареғ намуд, А.Мирзоев мебошад. А.Мирзоев адабиёти баъди асри XV тоҷикро кашф кард ва тавассути як қатор асарҳои бунёдӣ, аз ҷумла «Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик» (1947), «Мулҳами Бухороӣ» (1948), «Биноӣ» (1957) нишон дод, ки адабиёти асрҳои XVI-XIX тоҷик дар роҳи рушду камоли адабиёти кунунии эронзабонон мақоми басо арзандаеро молик аст.

Фаъолияти илмӣ – тадқиқотии А. Мирзоев басо фарогир ва серпаҳлу мебошад. «Бо ҷасорати хос гуфта метавонем, ки дар қарни XX байни шарқшиносони мамлакатҳои исломӣ се рӯдакишиноси номдор доир ба омӯзиши эҷодиёти Рӯдакӣ доди суханро доданд, - қайд кардааст устод Табаров. – Якеаш Шиблии Нуъмонӣ, дигаре Саид Нафисӣ ва сеюмӣ Абдулғанӣ Мирзоев мебошанд» (45, 24)

Устод Табаров ҳамаи он инсонҳои комилеро, ки дар ташаккулу такомули шахсияти ӯ таъсири файзбахш расондаанд, бо сипос ёдовар шуда, махсусан се донишманди барҷастаи Шаркро ба дараҷаи баланд парастиш менамояд: «Ҳоло дар назди рӯҳи ин се утоди безаволам – Садриддин Саидмуродзода Айнӣ, Евгений Эдуардович Бертелс ва Абдулғанӣ Муҳаммадович Мирзоев саҷда мекунам. Вагарна ҳақир ҳамон кӯҳистоние мебудаму ҳамон кӯҳистоние мемондам ва аз доираи Дуоби дурдастам берун намебаромадам» (63[a], 9).

Соҳиб Табаров дар тарғибу муаррифии адабиёти тоҷик дар кишварҳои Ғарб саҳми муносиб дорад. Аз ин ҷиҳат, дӯстӣ ва ҳамкории устод бо ду адабиётшиноси барҷастаи чех, устоду шогирд Ян Рипка (1886-1968) ва Иржи Бечка (1915-2003) ҷолиби диққат аст. С. Табаров низ Ян Рипкаро устодам ва Иржи Бечкаро дӯст ва бародарам гуфтааст ва то охирин лаҳзаҳои ҳаёти эшон ба онҳо мукотиба доштааст. Дар ин мукотибот, ки басо нозукона ва самимонаву лутфомез мебошанд, масъалаҳои мубрами робитаҳои адабӣ, тарҷумаи бадеӣ ва адабиёти муқоисавӣ баррасӣ шудаанд.

Дар яке аз мактубҳояш академик Ян Рипка китоби «Пай-

рав Сулаймонӣ» - и С. Табаровро, ҳамон «Пайрав Сулаймонӣ» - е, ки як зумра олимони шинохтаи тоҷик камқиматаш хонда буданд, «тадқиқоти аълодарача амиқ ва фавқулодда алоқадор» медонад(53, 4). Ин мусташриқи саршинос, ки «дар Ғарб аввалин шуда оид ба мероси адабии мардуми эронинажод масъаларо ба таври нав гузошта, пас аз шарқшиносони рус, онро мероси муштараки эрониҳо ва тоҷикон донист» (11, 58), ба китобҳои «Пайрав Сулаймонӣ», «Ҳаёт, адабиёт, реализм» (ҷ.1) тақризро навишта, ба муаллифи ин асарҳо баҳои сазовори илмӣ додааст.

Аз мактубҳои муҳаббатомез ва сипозгузоронаи Иржи Бечка (дар китоби «Кашшофи рози адабиёт» 28 мактуб оварда шудааст) маълум мешавад, ки устод Табаров ин олими барҷастаи тоҷикшиносро ба маводи илмии ба ӯ дастнорас таъмин карда, дар айни ҳол ба бисёр масъалаҳои ба дӯсти чехаш торик рӯшанӣ меандохтааст. Дар мактуби 30 августи соли 1980 ирсол намудаи Иржи Бечка чунин сатрҳоро мехонем: «Дӯсти арҷуманду азиз, Соҳибҷон! Барои хат ва китобҳо ҳазор раҳмат. Лутфан дар оянда осоратонро низ бифиристед…

Ва як илтимос дорам. Барои Душанбе докладаи хурд оид ба таъсири Ибни Сино дар Чехословакия ба забони тоҷикӣ навиштам. Матни тоҷикии камина албатта бисёр бад аст. Метавонам ин 5-6 саҳифаро ба Шумо барои ислоҳкунӣ бифиристам».

Ҳамин ёриву дастгирии холисонаи С. Табаров бар Иржи Бечка буд, ки ин олим китоби чандҷилдаи «Таърихи адабиёти форсӣ – тоҷикӣ» - ро таълиф мекунад, Анҷумани чех ва Эронро таъсис медиҳад ва дар маҷаллаи «Бӯстон» - и Анҷуман масъалаҳои адабиёти тоҷикро баррасӣ мекунад.

Иржи Бечка бо вуҷуди он ки аз Соҳиб Табаров 8-9 сол калон аст, дар мактубҳояш худро шогирди олими тоҷик мешуморад ва ба ӯ гоҳ дӯсти азиз, гоҳ профессори муҳтарам, гоҳ муаллим ва гоҳ устоди муҳтарам гӯён муроҷиат мекунад ва батакрор қайд мекунад, ки «Шуморо чун олими бузург мешиносам», «ифтихор мекунам, ки Шумо аз дӯстони камина ҳастед», «мебахшед, ки Шуморо заҳмат медиҳам», «зиёда

хиҷолат мекашам» ва ғайра.

«Дӯсти азиз ва муҳтарам С.Табаров! Устод, барои мақолаҳои Шумо миннатдорам. Нағз аст, ки муносибатҳои фарҳангии тоҷикон ва мардуми чехословакӣ бой мешавад. Дар Праҳа гурӯҳи адабиётшиносон чопи ҷадиди «Фарҳанги адибони советӣ»(1900-1990) таҳия мекунанд. Камина муҳаррири бахши адабиёти шарқи советӣ ва муаллифи мақолаҳо оид ба адабиёти тоҷик ҳастам. Дар замима барои шумо феҳрасти мақолаҳои тоҷикиро (пешниҳоди банда) мефиристам ва хоҳиш мекунам, ки ақидаи шахсии худро бароям нависед. Агар чизе илова мекунед, бояд як мақолаи дигаре партоед. Дар феҳрист на фақат нависандагон ва шоирон, балки адабиётшиносон ва истилоҳҳои адабӣ низ воқеанд. Мебахшед, ки заҳмат медиҳам. Бо саломи самимона дӯсти шумо ва шогирд Иржи Бечка»(53, 17-18).

Аз мактубҳои Иржи Бечка нақши боризи устод Табаров дар таҳкими робитаҳои адабӣ ва фарҳангии халқҳои тоҷику чех баръало мушоҳида мешавад ва, шояд, дастовардҳои илмӣ, маданӣ ва адабию бадеӣ миёни ин ду халқ боз ҳам зиёда мегардид, агар таклифҳои батакрори Иржи Бечка ва Ҷамъияти шарқшиносии Чехословакия оид ба ташриф ва мулоқотҳои илмии устод Табаров дар Праҳа аз тарафи зимомдорони даврони Тоҷикистони Шӯравӣ ба инобат гирифта мешуд.

Афсӯс, аз нооромиҳое, ки дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX бар асари пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ҳам дар Тоҷикистон ва ҳам дар Чехословакия сурат гирифт, мукотибаи ин ду донишманди маъруфи ҷаҳонӣ (охирин мактуби Иржи Бечка 8 октябри соли 1991 ба дасти устод Табаров расид) қатъ гардид, вале донишманди тоҷик то тавонист вазифаи худро ҳамчун дӯсти бериё ба ҷо овард. Аз ҷумла, эшон ба Раиси Президиуми Шӯрои Олии Тоҷикистон Паллаев оид ба хизматҳои Иржи Бечка дар соҳаи илму фарҳанги тоҷик мактуби муфассал ирсол намуда, хоҳиш мекунад, ки ин мусташриқи оламшумул ба унвони фахрии Ходими шоистаи илми Тоҷикистон сазовор дониста шавад ва «Ҳазор ташаккур ба аъзои Президиуми Шӯрои Олии Тоҷикистон, ки ин

унвони ифтихориро ба Иржи Бечка дареғ надоштанд» гӯён изҳори хурсандӣ мекунад (53, 18).

Устод Табаров бо он самимият ва садоқате, ки ба муаллимони худ ва шахсиятҳои фарҳангии Тоҷикистон дорад, ҳар лаҳза ба ҳимояи онҳо бархеста ҳақиқату адолатро рӯи об баровардани мешавад. Соли 1965 эшон ба раиси Комиссияи аттестатсионии умумииттифоқӣ Вячеслав Петрович Элютин номаи муфассали асоснок ирсол намуда, масъалаи ба олими олимони Тоҷикистон Шарифҷон Ҳусейнзода додани унвони профессориро ба миён мегузорад. Ва феврали соли 1966 ВАК хизматҳои илмӣ ва омӯзгории домулло Ҳусейнзодаро ба назар гирифта, ӯро бо унвони профессорӣ шарафманд мегардонад. С.Табаров барои ба Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ сарфароз гардидани ин устоди азизаш низ кӯшиш кардааст. Чунин мисолҳо бисёранд ва аз онҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки меъёри зиндагии устод Табаров талош баҳри ҳақиқат, адолат ва маърифати халқи азизаш мебошад.

V

Саъдии бузургвор фармудааст:

*Бирав, панҷ навбат бизан бар дарат*
*Ки ёри мувофиқ бувад дар барат.*

Ва хушбахтии бениҳояти устод Табаров низ дар он аст, ки Худо ба ӯ ҳамсари басо бовафову соҳибфарҳангро лоиқ донист. Соли 1942 ҳангоми муҳосираи Ленинград (Санкт - Петербурги ҳозира) се донишҷӯдухтари гурӯҳи тоҷикии факултети шарқшиносии Унверистети давлатии Ленинград – Ванда Витолдовна, Сара Казакевич ва Люба Корнилова ба факултети адабиёти Институти давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе интиқол дода мешаванд ва ин ҷо аз моҳи ноябри соли 1942 таҳти роҳбарии шарқшинос ва тоҷикшиноси машҳури рус профессор И.И. Зарубин таҳсилро идома дода, соли 1944 соҳиби маълумоти олӣ мегарданд.

Соҳибназар бо донишҷӯдухтарони аз Ленинград омада ҳамроҳ мехонад ва ҳангоми имтиҳону санҷишҳо ба онҳо ёрӣ мерасонад ва, табиист, ки таваҷҷуҳи духтарон ба ин тоҷикписари донишманду хайрхоҳ (Соҳибназар стипендияи

Сталинӣ мегирифт) рӯз ба рӯз меафзуд, вале Соҳибназар аз байни онҳо басо оқилона Ванда Витолдовнаи меҳрубону ботамкинро интихоб мекунад ва, баъди хатми институт, баҳори 1945 ин ду мутахассиси ҷавон хонадор мешаванд. Додарзодаи устод Олимҷон Табаров мегӯяд, ки: «Янгаи меҳрубони ман Ванда Витолдовна шарқшиноси варзида буд ва Қуръонро хуб медонист, никоҳи ин ду олими ҷавон, ба гуфти падарам, дар масҷиди Ҳазрати Мавлоно сурат гирифта будааст».

В.В.Яблонская, ки аввал ба сифати муаллима ва баъдҳо ба ҳайси муаллимаи калони забони русӣ дар гурӯҳҳои тоҷикии институт дарс медод, чун фариштаи саъд ба зиндагии олими ҷавон ворид шуд ва боиси беш аз пеш равнақ гирифтани рӯзгору фаъолияташ гардид. Махсусан, вақте ки Ванда Витолдовна ду тифли хуҷистарӯро (яке Саодат 5 ноябри соли 1946, дигаре Темур апрели соли 1952 таваллуд ёфтаанд) ба хонадон ҳадя намуд, шодии падар ҳадду андоза надошт ва боз хурсандии Соҳиб Табаров дар он буд, ки ҳамсари меҳрубонаш бори зиндагии якҷояро мардона ба дӯш гирифта, барои фаъолияти таълимию илмӣ ба шавҳар шароити мусоид фароҳам овард.

Ванда Витолдовна дар баробари тарбияи фарзанд ва таълим дар Институти педагогии шаҳри Душанбе ба корҳои илмӣ шуғл варзид: ба аспирантураи назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ дохил шуд; чанд китоби дарсӣ, чун «Книга для чтения» барои синфи 6, «Книга для чтения» барои синфи 7, «Забони тоҷикӣ» барои синфи 3 мактабҳои русиро навишт; чанд муддат бо роҳбарии профессор И.И.Зарубин ба омӯзиши шеваи Даштиҷуми ноҳияи Шӯрообод машғул шуда, ба ин мавзеъ сафарҳо намуд ва мақолаҳо навишт (муаллима чун иштирокчии муҳосираи Ленинград бо нишон ва медали «Шастсолагии ҶБВ», унвони «Аълочии Маорифи халқи Тоҷикистон» ва медали «Собиқадори меҳнат» сарафроз гардидааст), вале ба андешаи парешон накардани хотири шавҳари фидоии илм боре аз серкорӣ ва вазнинии бори зиндагӣ шикоят накард. Барои муаллимаи талхиҳои зиндагиро чашида тинҷӣ ва осудагии аҳолии мамлакат басо муҳим ва арзишманд буд.

Муаллима, ки худ ҳангоми муҳосираи Ленинград дар

ҷанги Олмон падар ва модарро аз даст дода буд, шогирдон ва хешу табори устодро эҳтиром мекард ва вақте ки мо шогирдон (чи дар кӯчаи Айнӣ, ҳавлии №42, хонаи №3 ва чи дар маҳаллаи Бинокорон, гузаргоҳи 2, бинои № 13, ҳуҷраи №4) ба хонаашон мерафтем, модарвор хурсанд мешуд ва гоҳ-гоҳ дар омади гап лаҳзаҳои талху ширини ҳаёташро ба ёд меовард. Охири соли 2002 барои табрики Соли нави масеҳӣ ба хонаашон рафтем ва муаллимаи меҳрубон дарҳол дастурхон кушода моро ҳар лаҳза ба истеъмоли хӯрданиҳо ташвиқ мекард. Устод Табаров «инҳо аз тарси хунукӣ чой наменӯшанд» гуфт. Муаллима: «Чой нӯшед, гарм мешавед, - гуфт ва лаҳзаи басо ҳассосеро ба ёд овард: – Вақте ки мо дар муҳосира будем, барои он ки аз хунукӣ ях накунем, моро оби ҷӯш медоданд. Пӯсти лаб ва пӯсти забон дар зарфи об мемонд, вале бадани нимхунуки мо андак гарм мешуд. Дар ин муҳосира падар, модар, хола ва дигар хешонамро аз даст додам ва ин мудҳиштарин муҳосира буд, ки 900 рӯз давом кард ва моро ба Душанбе гусел карданд». Ва ҷолиб аст, ки дар хамон лаҳзаи бесарусомонӣ ин донишҷӯдухтар аз Ленинград чанд китоби «захмин», аз ҷумла романи «Дохунда»-и С.Айниро, ки аз зарби тир ва ба хок яксон шудани хона чанд ҷояш осеб дида буд, ба худ меорад.

Чунин лаҳзаҳои сахти зиндагӣ ба Ванда Витолдовна беҳтарин хислати инсонӣ – қаноатпешагиро ато намудааст. Муаллима, бо таъбири Рӯдакӣ, бо дода қаноат мекарду бо дод мезист ва аз камтарин ҳадяи тақдир басо шод мегардид. Аввалҳои октябри соли 1997 ба хонаи устод рафтем. Зану шавҳар бо вуҷуди камчинии зиндагӣ, хушҳол буданд. Домулло бо муҳаббат нақл кард, ки Бахтиёр Худойназаров ном ҷавонмарди соҳибкори ӯротеппагӣ қарор додаст, ки то вақте ки ширкаташ вуҷуд дорад, ҳар моҳ ба аъзои вобастаи АИ Тоҷикистон 15 000, ба аъзои пайваста 30 000 ва ба президенти АИ Тоҷикистон 50 000 рубли тоҷикӣ медиҳад ва ду рӯз пеш устоди мо чун узви вобастаи Академия 13 400 рубл гирифтааст. Ва муаллима бо хурсандии афзун изҳор дошт, ки: «Бо ин пул пагоҳӣ рафта ду кило гӯшт ва як кило творог харидам. Фардо рафта тухм мехарам. Ба ҳар ҳол ҳозир мо бой ҳастем».

Дар ин оилаи тифоқу фарҳангӣ фарзандон низ дар рӯҳи илмдӯстӣ ва ахлоқи ҳамида тарбия ёфта, ба камол расиданд. Саодат, ки аз хурдӣ ба мусиқӣ ҳавас дошт, баъди хатми мактаби олӣ солҳои дароз ба сифати сарвари қисмати фортепяноии Омӯзишгоҳи мусиқии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуд, «бо оғози ҷанги дохилӣ ба Русия рафт ва дар яке аз мактабҳои мусиқии вилояти Ярославл директор буд. Ҳоло нафақа мегирад ва бо фарзандонаш дар Москва зиндагӣ дорад»(1, 186). Темур, ки ба техника шавқу ҳавас дошт, баъди маълумоти олӣ дар шуъбаи аспирантураи Институти физикиву техникии ба номи Иоффеи Ленинград (ҳоло Санкт-Петербург) таҳсил карда, номзади илмҳои физикаву риёзиёт шуд ва ҳоло дар ҳамон Институт фаъолият дорад. Соли 1984 ба Ҷоизаи комсомоли умумииттифоқ сазовор гардид.

Оре, Ванда Витолдовна дар муддати 40 соли фаъолияти муаллимӣ дар мактаби олӣ омӯзиши грамматикаи муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва русиро ба роҳ монда, чун яке аз асосгузорони ин илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳмгузорӣ намуд. Ҳамчунин дар муддати солиёни зиёд мактаббачагони синфҳои 3-7-и тоҷикӣ ва русӣ ва муаллимони онҳо дар асоси китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимии Ванда Витолдовна ба таълиму тадрис машғул мешуданд. Зиёда аз ин, муаллимаи азизи мо дар давоми 63 соли зиндагии якҷоя то тавонист хушбахтӣ ва равнақи кору рӯзгори ҳамсари фидоии илму таълимашро таъмин намуд ва гӯё ба ин шахсияти ҳассосу маъюб умри дигарбора бахшид. Муаллима ба устоди мо **домулло** гӯён мурожиат мекард ва устод бошад, завҷаи меҳрубонашро **асалам** ё **фариштаам** гӯён ном мебарад.

Тирамоҳи соли 2008 барои устод Табаров вазнин омад, зеро дар ин айёми хазонрез ҳамсари меҳрубонаш ба беморӣ мубтало гардид ва дар миёнаҳои моҳи ноябр, бегоҳи панҷшанбе гӯё ки хоб мерафта бошад, беозор аз олам даргузашт. Муаллимаи меҳрубони мо дар рӯзи ҷумъа дар масҷиди ҷомеи ноҳияи Муъминобод, мавзее, ки шавҳари азизаш ба дунё омада буд, бо иштироки чор-панҷ ҳазор намозгузор пешнамоз гардида, дар қафои бинои «Ганҷинаи накди адабии Соҳиб Табаров» ба хок супурда шуд. Ванда Витолдовна

Яблонскаяи лаҳистонӣ дар Ленинград ба дунё омада, Тоҷикистонро ватани худ интихоб намуд ва дар як гӯшаи зебоманзари он умри абад ёфт.

Шаш сол боз устод Табаров бори дурӣ ва фироқ аз ёри азизро мекашад. Эшонро фарзанди калонӣ - Саодатбону парасторӣ ва нигоҳубин мекунад. Ҳар сари чанд вақт хешу табор, наберахо ва шогирдон ба дидори домулло мушарраф мегарданд ва мебинанд, ки ин марди шариф ҳамеша хотири худро бо ёди ёри меҳрубон болида медорад.

* * *

Оре, ҷараёни зиндагии Соҳиб Табаров ба раванди тавлид ва рушду нумуи ҳамсоли худ – пойтахти ҷумҳурии азизамон шаҳри Душанбе басо шабоҳат дорад. Устод дар як деҳаи назарногири кӯҳистони тоҷик ба арсаи ҳастӣ қадам гузошта, аз лаҳзаҳои аввали даврони бачагӣ зиндагиро чун арсаи талошу набарди инсонҳои комил барои расидан ба мақсадҳои олӣ дарёфт ва ақлу заковати фитрии хешро бо омӯзишу пажӯҳиши пайваставу ҷиддӣ сайқал дода, бо дили бузург ва иродаи матин ба мавҷҳои пуртуғёни донишу маърифат даровехт ва тавонист, ки бо осори гаронбаҳои илмӣ, илмӣ-оммавӣ ва таълимӣ дар арсаи ҳаёти фарҳангии мамлакат ва берун аз он мавқеи муносиб ишғол намояд.

Дар «Кимиёкаҳ» ном шеъри шоир Ҳақназар Ғоиб чеҳраи фарҳангии устод Табаров чунин тасвир гардидааст:

*Дар чеҳраат нишони азият нишастааст,*
*Дар чашми ту нишони дурахшони ҷиддият.*
*Дар чини рӯ нишони раҳи мушкили ҳаёт,*
*Дар хомаат нишони раҳи беҳтарин ният.*

*Эй марди тундхӯ, ба яке нимҷони хеш,*
*Ҷонбахш гаштаӣ ба тани хастаи сухан.*
*Аз хастагии хеш фаромӯш кардаӣ,*
*Байни саду ҳазор алавдастаи сухан.*

*Бо хастаҷони хеш чу Хизри ҳаётдӯст,*
*Огоҳ гаштаӣ ту зи кимиёкаҳи ҳаёт.*

*Барчида раҳ ба раҳ гули кимиёкаҳи сухан*
*Мардона мезанӣ асо андар раҳи ҳаёт…(*16,76*)*

# «ХОКИ ВАТАН АЗ ТАХТИ СУЛАЙМОН ХУШТАР»

Тобистони соли 1991 адабиётшинос ва мунаққиди маъруф Соҳиб Табаров чун анъана сафари зодгоҳашро пеш гирифт. Ин дафъа эшонро завҷаи меҳрубонаш Ванда Витолдовна, ки умри азизро сарфи тарбияи ҷавонони тоҷикистонӣ намудааст ва шогирди боэҳтиромаш Абдуҷаббор Раҳмонов ҳамроҳӣ мекарданд. Ва муаллифи ин сатрҳо низ аз Кӯлоб ба онҳо ҳамсафар шудам.

Сафарамон якрӯза буд, бинобар ин дарҳол роҳи зодгоҳи устод– Чорраҳаро пеш гирифтем. Машинаи пуриқтидори тамғаи УАЗ 469 баъди тай кардани роҳи мумфарши Кӯлоб – Муъминобод маҷбур буд, ки гашташро суст намояд. Гарду чанге, ки аз роҳи баландкӯҳу хоки Муъминобод – Чорраҳа мехест, сар то пои автомобилро фаро гирифт ва мо якдигарро базӯр медидем, вале ин вазъи нобоб табъи болидаи Соҳиб Шуҳратиевичро халалдор намекард.

Устод гарми суҳбат буд ва ҳар ваҷаб хоки диёрашро васф мекард. Дар бораи ҳар як деҳаи алҳол ноободи Дуоб чунон ботафсил сухан мекард, ки кас дар ҳайрат мемонд. Таърихи ҳар як боғ, ҳар як мазор ва ҳар як дарахти куҳансоли канори раҳро бо муҳаббат нақл менамуду мо гӯшу ҳуш будем…

Автомобил аз деҳаи Шаҳрак ягон ним километр ба тарафи ғарб ҳаракат карду рӯи як ҳамвории хирманмонанде қарор гирифт. «Ана, дар ҳамин ҷо як вақтҳо зодгоҳи азизи банда – деҳаи Чорраҳа қомат афрохта буд» гӯён устод Табаров аз мошин фуромад ва мо ҳам ӯро пайгирӣ намудем. Дар рӯи «ҳавлии падарии» устод то бегоҳ истироҳат намуда, чорвоеро, ки эшон бо худ оварда буд, хун кардем ва бо дуо арвоҳи гузаштагонро шод гардондем ва шаб дар деҳаи Шаҳрак истода субҳи содиқ ба роҳ баромадем. Боз чанги роҳ моро бо «навозиш» гусел мекард ва боз устод Табаров даврони кӯдакиро ёд меоварду мо сар то по гӯшу ҳуш будем. Дар Муъминобод дидори шарифи бародари бузургвор ва

ягона муттакои даврони бачагияш – Мирзоназар вуҷуди устодро ба риққат оварда буд. Ӯ акнун кам сухан мекард ва гарми тамошои табиати зарҳалини тирамоҳ буд.

Дар роҳи Муъминобод – Кӯлоб чашмаҳо бисёранд ва устод назди ҳар чашма аз мошин фуромада об менӯшид, вале ба гарду чанги сару рӯю пӯшокаш эътибор намедод ва мо шогирдон низ ба устод пайравӣ карда, об менӯшидему чанги раҳро аз бадан намеафшондем.

Мошин дар Кӯлоб назди хонаи мо қарор кард ва меҳмонон сари қадам ба хона даромада (аз вафоти писари ҷавонмарги банда ҳанӯз як сол сипарӣ нашуда буд), ба арвоҳи гузаштагон дуо карданд. Ман офтоба дар даст «муаллим, сару рӯйро аз чангу хок пок мекардед» гӯён хостам ба дасти устод об резам, ки эшон:

- Не, не, Аламхонҷон, банда хоки зодгоҳамро дар мижгону сару рӯям ба Душанбе мебарам. Боз кай ба дидори Чорраҳа мерасида бошем? гӯён дар ойина бо меҳр назар афканд ва бо ҳамроҳонаш боз савори машина гардида, роҳи пойтахтро пеш гирифт. Дар ҳақиқат, бар асари воқеаҳои нохуши Тоҷикистон ва бо гузашти айём муаллими меҳрубони мо чанд сол имконият наёфт, ки гарди роҳи Чорраҳаро боз сурмаи чашмон намояд. Вале дар ниҳоди эшон ҳамеша ҷозибаи хоки поки зодгоҳаш эҳсос мешавад.

Нооромӣ ва душвории муваққатии ибтидои солҳои 90 боиси он гардид, ки зумрае аз зиёиёни тоҷик аз хоки Ватан фирор намоянд. Ва фарзандони ин оилаи баруманд низ (ҳоло Саодат ва Темур дар Россия, яке аз директорони мактаби мусиқии яке аз мавзеъҳои вилояти Маскав ва дигаре номзади фанҳои физикию техникӣ, ходими калони илмии Пажӯҳишгоҳи давлатии ба номи Иоффеи Санкт-Петербург, Лауреати мукофоти комсомоли умумииттифоқ, иқомат дорад) падари азиз ва модари меҳрубонашонро борҳо назди худ даъват намуданд. Вале устод Табаров мувофиқи ҳикмати:

*Бигзор гадо бошам, дар хоки Ватан бошам,*
*Дар банди ҷафо бошам, дар хоки Ватан бошам*

аз сарзамини аҷдодӣ дил канда наметавонист. Устод аз даъватҳои пайдарпаи фарзандон гоҳо дудила мешуд ва «шояд дар дами пирӣ назди фарзандон будан беҳтар аст?» гуфта аз ҳамсари меҳрубонаш маслиҳат мепурсид. Ванда Витолдовна: «Домулло, ба Россия рафта чӣ кор мекунем? Он ҷо мову Шуморо кӣ мешиносад? Фарзандон ҳам ба корҳои худ овораанд. Барои мо дар Душанбе будан хуб аст. Мо тамоми умрамонро сарфи роҳи маърифатомӯзии аҳолии ин сарзамин намудем ва албатта заҳмати моро халқи тоҷику давлати Тоҷикистон қадр мекунанд. Ин ҷо ба ҳар ҳол моро хор шудан намегузоранд». Ва устод шод буд, ки ҳамсари меҳрубонаш ба ин обу хок муҳаббати самимӣ дорад, ба андозае ки худро ҳаққонӣ фарзанди ҷигарбанди ин диёр медонад.

Оре, домулло Табаров ба Тоҷикистон чун гӯшту нохун пайвастааст ва аз хурдӣ ба ин хоки муборак фарзандвор дил бастааст. Модар-Ватан аз синни 7-солагӣ дасти Соҳибназарро гирифта, ӯро дар сағирхонаҳои Муъминободу Тебалай, омӯзишгоҳҳои омӯзгории Самарқанду Панҷакенту Кӯлоб парвариш намуда, дониш омӯхт ва ба Институти давлатии омӯзгории ба номи Т.Г. Шевченкои Душанбе ҳидоят намуд.

Таҳсили Соҳибназари ҷавон дар мактаби олӣ (1939-1943) ба солҳои душвори ҷанги Олмон рост омад. Ба ҳамсабақон лозим меомад, ки ҳар сари чанд вақт гурӯҳи рафиқонашонро ашкрезон ба майдони ҷанг гусел намоянд. «Дар охир дар як курс танҳо ду кас мондем, як духтар ва банда, ки ба сабаби як поям маъюб будан ҳуқуқи ба фронт рафтан надоштам, – нақл мекунад устод Табаров. Вале устодон Лутфулло Бузургзода, Б. Ниёзмуҳаммадов, Шарифҷон Ҳусейнзода, Абдулғанӣ Мирзоев, Носирҷон Маъсуми, Лазеев П.Н., Павловский В.В… (рӯҳашон шод бошад) бо ҳама душворӣ ба хотири таҳсилро давом додани ду донишҷӯ аз таҳти дил дарс медоданд. Камина курсҳои 3-юм ва 4-умро дар як соли таҳсил хатм намудам».

Устод Табаров чун дувумин дорандаи маълумоти олӣ дар минтақаи Кӯлоб (баъди Бозор Шарифзода ном шахс) бори зиёди масъулиятро ба дӯш гирифт ва бахри рушду нумуи

ҳаёти фарҳангии Тоҷикистон камари ҳиммат баст, то гӯшаеро аз илму адаби ҷумҳурӣ обод намояд. «Ман аҳд кардам, ки ба ҷои рафиқони дар ҷанги Олмон ҳалок гардидаам низ ба Ватан хизмат намоям», – бо сӯзу гудоз мегӯяд муаллим.

Ба илм ошноӣ пайдо кардани олими ҷавон ҳанӯз аз синни 14-солагӣ оғоз ёфта буд. Вале ӯ солҳои таҳсили аспирантура (1945-1949) ва сабақомӯзӣ аз Е.Э. Бертелс ва А. Мирзоев барин адабиётшиносони маъруф чун мутахассиси варзида ба камол расид, ба дараҷае ки макотиби олӣ ва муассисоти илмию матбуоти ҷумҳурӣ ба асару мақолаҳои ӯ рӯи ниёз доштанд.

Ҷустуҷӯҳои илмию эҷодии ин муҳаққиқ, дарахти навбареро ба хотир меоварад, ки сол то сол самараноктар мегардад. Хонандагони тоҷик ва умумиитифоқ ҳар сол то 18-20 асару мақолаҳои устодро мутолиа мекарданд ва ин анъана дар тамоми умри бобаракати эшон идома дорад. Имрӯзҳо, дар арафаи ҷашни 75-солагӣ устод аз он шод аст, ки «Асосҳои назариявии танқиди адабӣ» ном асараш аз тариқи нашриёти «Сино» ба табъ расида, асари ба шоир Саъдулло Рабиӣ бахшида дар нашриёти «Адиб» дар навбати чоп аст.

Фаъолияти илмӣ, танқидӣ ва омӯзгории устод Табаров тавъам, ҷиддӣ ва бурдборона буда, ба ҳаёти илмию фарҳангии мамлакат зиёда мусоидат дорад. Махсусан солиёни зиёд (1952 - 1980) сарварии кафедраи назария ва адабиёти муосири тоҷики Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро ба уҳда доштан устодро водор намуд, ки самти фаъолияти илмии хешро ба ихтисоси кафедра мувофиқ кунонида, дар ин соҳа шогирдони болаёқат ба воя расонад. Ҳоло Барот Нозимов, Асадулло Саъдуллоев, Салоҳ Солеҳов, Раҳими Мусулмониён, Худойназари Асозода, Хайрулло Муҳибов, Абдулҳай Маҳмадаминов барин шогирдони эшон ҳар кадом дар ташаккули риштаи мушаххаси адабиётшиносии тоҷик ҳиссагузор ҳастанд.

Китоб, хоса дар ҳаёти олиму омӯзгору санъаткор, мавқеи аввалиндараҷа дорад. Ин аст, ки устод Табаров ба китобдориву китобнигоҳдорӣ зиёда ҳарис аст ва шояд, дар ҷумҳурӣ

ба кам оилаи зиёие дучор оем, ки мисли хонаводаи ин марди фозил соҳиби чунин китобхонаи бою фарогир бошад ва шояд, баъзе нусхаҳои нодири ин ганҷина дар бонуфузтарин китобхонаҳои ҷумҳурият қарина надошта бошанд. Олим вақте ки «Намунаи адабиёти тоҷик»-и (1926) устод Айнӣ ва «Девон»-и (1938) устод Лоҳутиро бо соядасти шоир ба даст мегирад, аз ғояти шавқ чашмонаш барқ мезананд ва ҳангоме ки аввалин матни тоҷикии «Ғуломон»-ро (1935) ба даст мегирад, дар матбааи Самарқанд шоҳиди ҳуруфчинии матни мазкур буданашро ба ёд оварда, аз насиби зиндагӣ ба Худои мутаол шукргузорӣ мекунад. Ё худ ҳар гоҳ ки дар қатори рӯзнома ва маҷаллаҳои «Самарқанд», «Ойина» ва «Шуълаи инқилоб», «Ғунчаҳои наврас» ном маҷаллаи дастӣ мураттаб гардидаро варақ мезанад, хаёлаш ба давраи таҳсил ба омӯзишгоҳи омӯзгории Кӯлоб ба номи Лоҳутӣ (1937-1939) парвоз мекунад, ки ҳар сари чанд вақт гурӯҳи донишҷӯён ба табъ мерасонданд ва афсӯс ҳам мехӯрад, ки дар муддати ин солҳо боре вохӯрии эшон ба омӯзишгоҳи азизаш баргузор нагардидааст…

Оре, устод Табаров ба китобхона ва бойгонии ба ҷон парвардааш дилбастагии зиёде дорад ва имрӯзҳо тамоми вақти пурқимати эшон дар ҳалқаи ин дӯстони дерину ёрони қарин сипарӣ мегардад. Ба наздикӣ устод як даста таълифоташро ба китобхонаи миллии ба номи ҳаким Фирдавсӣ ҳадя намуд, ки дар варақаи унвони ҳар кадом таъкид гардидааст: «асарҳоямро дар фонди махсус нигоҳ доред, то ба дасти «хонандагони» қадрношиносу носипос афтида нобуд нагарданд».

Устод аз пешомади ганҷи бойгонии хеш дар андеша аст. Охир, ӯ аз тақдири ноҳинҷори китобхонаҳои устод Лоҳутӣ, Ш. Ҳусейнзода, Н. Маъсумӣ, С. Улуғзода… бохабар аст! Дар ҳақиқат, китобхона ва бойгониҳои устодони илму адаб чун сарватҳои табиии мамлакат қимат доранд ва ҳифз кардану ба нафъи омма равона намудани онҳо вазифаи ҷонии меросхӯрон, давлат ва муассисаҳои илмию фарҳангӣ мебошад. Беҳуда нест, ки дар баъзе мамолики мутараққии ҷаҳон дастнависҳои нависандагони бузург дар таҳхонаҳои бонкҳо

нигоҳдорӣ мешаванд.

Устод Табаров умри бобаракати хешро ба пешрафти илму маорифи тоҷик бахшида, аз халқу Ватан низ қадршиносӣ дидааст. Домулло узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, узви вобастаи АУ Тоҷикистон ва аълочии Маорифи халқи Тоҷикистон мебошад. Унвонҳо, ифтихорномаҳо ва мукофотҳои эшон беҳисобанд. Дар баргузорӣ ва таҷлили ҷашни Давлати Сомониён фаъолона ширкат варзид, дар матбуоти даврӣ ва садою симо баромадҳо кард ва ба ин муносибат дар баҳори 75-умин солгарди умр ба ордени «Дӯстӣ» қадр шуд. Аминем, ки ин посдориҳову сипосгузориҳо ба устод Табаров барин пирони хирад табъи болида ва қуввату неруи тоза мебахшад, эшон боз солҳои тӯлонӣ ба ҳаёти фарҳангии ҷомеаи мо файзу баракат меоваранд.

*Соли 1999*

# «БУЗУРГОНРО БУЗУРГОН ЗИНДА МЕДОРАНД»

(Лутфулло Бузургзода аз нигоҳи адабиётшинос С. Табаров)

Охири солҳои сиюм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як ҷӯшу хурӯши фарҳангиву талошҳои ҳунарӣ ривоҷ гирифт ва зиёиёне чун Ҳаким Карим (1905-1942), Абдушукур Пирмуҳаммадзода (1912-1942), Ҳабиб Юсуфӣ (1916-1945), Лутфулло Бузургзода (1909-1943) гӯё кӯтоҳии риштаи умрашонро эҳсос намуда, қарзи фарзандии худро назди Ватану ватандорон ҳарчи тезтар ба иҷро расонидан мехостанд. Онҳо лаҳзае ҳамчун барқ нурпошӣ карда, бинои илму маърифати тоҷикро ба дараҷот мунаввар намуданд. Ва бахти Лутфулло Бузургзода боз дар он аст, ки ӯ тавассути истеъдоди фавқулоддаи омӯзгорӣ нури маърифатро дар қалбҳои ҷавонони закӣ ҷо намуд ва шогирдон роҳи нопаймудаи устодро содиқона ва пайгирона идома доданд. Адабиётшинос Хуршеда Отахонова аз рисолати шогирдии узви вобастаи АИ ҶТ Носирҷон Маъсумӣ нисбат ба устод Бузургзода муфассал ва самимона сухан мегӯяд.

Дигар аз чунин шогирдони хушбахти Бузургзода, ки баъдҳо дар осмони илму маърифати тоҷик чун ситораи тобнок ба ҷилва омада, худ ба дараҷаи устодӣ расидааст, узви вобастаи АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон Табаров Соҳиб Шуҳратиевич мебошанд. Соҳиб Табаров солҳои 1939-1943, ҳангоми таҳсил дар факултети адабиёти Донишкадаи омӯзгории Сталинобод аз донишмандони зиёде чун хатмкардаҳои Донишгоҳи давлатии Ленинград Абдулғанӣ Мирзоев ва Абдулғанӣ Эшонҷонов, аввалин номзади илми филология дар Тоҷикистон Бобоҷон Ниёзмуҳаммадов, муаллими номдори мактабҳои олии Тоҷикистон Шарифҷон Хусейнзода таълим гирифта, ба онҳо арзи эҳтиром ва сипос дорад: «Ба толеъ ва бахти баланди мо дар Донишгоҳи омӯзгории Душанбе ба номи Шевченко соли таҳсили 1939-

1940 ба таълими грамматикаи забони тоҷикӣ нахустин номзади илмҳои филология дар Тоҷикистон устод Ниёзмуҳаммадов, ки соли 1938 диссертатсияи номзадиашро доир ба шеваи Конибодом дифоъ намуда буд, оғоз кард», – гуфтааст домулло Табаров дар ҷашни 100-солагии олим.

Махсусан, эҳтирому ихлос ва садоқату самимияти ӯ ба Лутфулло Бузургзода, ки дар пояҳои олии муносибатҳои инсонӣ ва гуманизми комил қарор гирифта буд, намунаи ибрат ва муҷиби омӯзиши ҷомеаи имрӯза мебошад. Соҳиб Табаров ҳамагӣ дар курсҳои якуму дуюм аз файзи таълиму тарбияи Лутфулло Бузургзода баҳра бардоштааст. Номбурда тобистони соли 1941 устоди азизашро ба ҷанги Олмон гусел карда, дигар ба дидори муборак шарафёб нагардид. Вале ин лаҳзаи басо кӯтоҳи омӯзиш, ки аз тирамоҳи соли 1939 то тобистони соли 1941 идома ёфт, чунон пурарзиш ва самаранок буд, ки шогирди қобилро тасхир ва роҳу равиши фаъолияти минбаъдаи ӯро батамом таъмин намуд.

Лутфулло Бузургзода шахсиятест, ки тору пуди эшон аз ғояҳои олии ахлоқи омӯзгорӣ ва фарҳанги миллӣ сиришта шуда, ба қавли С. Табаров, устод Бузургзода табиатан барои муаллимӣ ба дунё омада буд ва ба ин пешаи муқаддас тамоми ҳастии худро бахшид. Ниёзи ҷомеа ба мутахассисони варзида устодро водор мекард, ки ҳатто рӯзҳои истироҳат низ гарми таълиму тарбияи шогирдон бошад. «Ҳар рӯзи якшанбе саҳарии барвақт устод Бузургзода аз хонаи «Мутахассисон», ки дар хиёбони Куйбишев воқеъ буд, пойи пиёда ба бинои Донишкадаи педагогӣ меомад ва дар чойхонаи он интизори мо донишҷӯён мешуд, - ба ёд меовард Соҳиб Табаров. - Чун донишҷӯён ҷамъ меомаданд, муаллим моро барои сабти порчаҳои адабиёти шифоҳии тоҷик ва лаҳҷаву шеваи мардуми гирду атрофи шаҳри Сталинобод сафарбар мекард. Мо ҳамроҳи устод гоҳо ба ҳудуди колхози Калинин, ки ҳозир шаҳраки Калилинаш меноманд, гоҳо ба ҳудуди колхозҳои Ленину Россия, деҳоти Чорбоғу Лучоб, Шоҳмансуру Мавлоно ва Ҳалқаҷар рафта мавод ҷамъ мекардем. Ва бегоҳ устод моро то донишкада ҳамроҳӣ карда, худ ба хонаи «Мутахассисон» бар мегашт».

Ва рӯзи душанбе шогирдон устоди азизи худро баъди пиёдагардиҳои чандфарсангии дирӯза хандону шукуфон машғули дарсгӯӣ дида, ҳар сухан ва ҳар муҳокимаи ӯро ба эътиқоди комил ва рағбати том мешуниданд. С. Табаров дарсҳои шевашиносии устодашро чунин васф кардааст: «Ӯ хусусиятҳои хоси ҳамаи шева ва лаҳҷаҳои тоҷикони Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистонро аниқу дақиқ медонист ва сомеъ гумон мекард, ки худи вай гӯё дар ҳамон маҳал таваллуд шудааст».

Тобистон баҳсу мунозираҳои илмию таълимӣ миёни устоду шогирдон дар танаффусҳо низ идома меёфт ва дар ин ҳолат устод дар ҳалқаи шогирдон чун дӯсти ғамхор ва бародари калонӣ ба назар мерасид. Ба гуфти С. Табаров, устод Бузургзода ба шогирдон ҳама вақт хеле хоксорона ва хеле ҳалимона муносибату муомила менамуд. Гӯё дар байни банда, Раҷаб Амонов, Тухтасун Ҷабборӣ, Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ барин донишҷӯён ва муаллими муҳтарами мо тавофуте набуд. Ҳис намекардем, ки ӯ бовиқор аст, ҳавобаланд аст, баръакс, мекӯшид, ки ҳамаи хислатҳои неки устодию мураббигиро ба мо донишҷӯён бо рафтори неки худ таълим диҳад.

Доираи фаъолияи омӯзгории Бузургзода васеъ буда, беҳтарин анъанаҳои дидактикаи миллӣ ва байналмилалиро дар худ таҷассум менамуд. Ӯ, ки дар шаҳрҳои бонуфузи Иттиҳоди Шӯравӣ – Исфара, Уфа Хӯқанд, Самарқанд, Ленинград таълим гирифта ва тарбия дида буд, кӯшиш мекард, ки шогирдон танҳо ба дарсхонию дарсазхудкунӣ маҳдуд набошад ва ҷаҳонбинӣ, маҳорати сухандониву сухансанҷии худро тавассути маҳфилҳои шевашиносӣ, фолклоршиносӣ ва махсусан «Адибони ҷавон» такмил дода, аз файзи суҳбатҳои илмию адабии зиёиёну меҳмонони пойтахт баҳраҳо бардоранд. Мувофиқи мушоҳидаҳои С. Табаров, дар ҳамаи ҷамъомадҳои илмию адабии донишкада дар солҳои 1939-1941, ки бо иштироки устодон Айниву Лоҳутӣ ва дигар адибону фозилони Тоҷикистон сурат мегирифт, шамъи дурахшони маҳфил Лутфулло Бузургзода буд ва табиист, ки ин нишастҳо дар рушду камоли зиёиёни навраси тоҷик мавқеи муайянкунандагӣ доштанд.

Моҳи октябри соли 1939 бо ташаббуси Бузургзода ва ҳамкоронаш Абдулғанӣ Мирзоеву Шарифҷон Ҳусейнзода дар толори барҳавои Донишкадаи омӯзгорӣ ҷамъомади бошукӯҳе баргузор гардид, ки дар он шоирони тоҷик М. Турсунзода, А. Деҳотӣ, Ҷ. Суҳайлӣ, Н. Шанбезода ҳамроҳи устод Лоҳутӣ ширкат варзиданд. Дар ин маҳфил ҳам навқаламони оддӣ аз қабили Қурбон Сангинӣ аз деҳаи Ҳушёрии Варзоб ва ҳам адибони як андоза таҷрибаандӯхта, ба мисли донишҷӯи курси 3-юм Боқӣ Раҳимзода ва донишҷӯёни соли охир Носирҷон Маъсумиву Тилло Пӯлодӣ шеърхонӣ карданд. Устод Лоҳутӣ, ки аксаран дар Маскав иқомат дошта, қироати каломи бадеъро ба лаҳни тоҷикӣ пазмон мешуд, бо тамоми заковат гӯшу ҳуш шуда, офаридаҳои қаламкашони ҷавонро мешунид. Ва баъд ба шеърҳои донишҷӯёни номбурда баҳои баланд дода, таъкид намуд, ки Боқӣ Раҳимзода, Носирҷон Маъсумӣ ва Тилло Пӯлодиро ба узвияти Иттифоқи нависандагони Иттиҳоди Шӯравӣ қабул кардан зарур аст. Ва агар ба ҳуҷҷатҳои расмии он даврагӣ муроҷиат намоем, мебинем, ки ин се адиби ҷавон ва устоди азизи онҳо Бузургзода дар як вақт – соли 1940 ба узвияти Иттифоқи нависандагони Иттиҳоди Шӯравӣ қабул гардиданд.

Оре, Лутфулло Бузургзода дар маркази ҳаёти илмию фарҳангии давр қарор гирифта буд. Ӯ чун узви Иттифоқи нависандагони Иттиҳоди Шӯравӣ, раиси сексияи танқид ва адабиётшиносии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, ходими илмии филиали тоҷикистонии АУ Иттиҳоди Шӯравӣ ва боз чандин шуғлу вазифаҳои дигар басе серкору сертараддуд буд. Пайваста сафарҳои хизматӣ карда, ба экспедитсияҳои илмӣ ҳамроҳӣ менамуд. Вале тамоми фаъолияти ин шахси фозил тобеи касби омӯзгорӣ ва тарбияи ҷавонони лаёқатманд гардида буд. Ӯ ба одитарин масъалаҳои таълим муносибати ҷиддии педагогӣ менамуд ва бо ҳамин хоксорию хислатҳои фавқулоддаи самимиаш дар хотир ва дилу дидаи шогирдон абадӣ маъво гирифт. «Дар курсҳои якуму дуввум, - ба ёд меорад С. Табаров, – муаллимон, махсусан Л. Бузургзодаву А. Мирзоев ба шогирдон

адабиёти илмии зиёде тавсия мекарданд, ки як қисми муҳимми онҳо, аз ҷумла китобҳои академик Н. Я. Марр, М. С. Андреев, А. А. Семёнов, Н. А. Кисляков, О. А. Сухарев ва ҳатто асари Пол Лафарг «Забон ва инқилоб»-ро аз китобхонаи донишкада дастрас кардан мумкин набуд. Надонистани забони русӣ ба ман роҳи дастрас кардани адабиёти илмиро боз ҳам душвортар менамуд. Вақте ки ин масъаларо ба Бузургзода арз кардам, устод чандин маротиба маро ба ҷойи кори дигараш, ба бинои филиали тоҷикистонии АИ ИҶШС (собиқ шоссеи Орҷоникизобод, ҳозира кӯчаи Айнӣ, 44), оварда аз китобхонаи он ё фонди академик С. Ф. Олденбург адабиёти камёфтро дар варақаи обунаи худаш гирифта, ба ман барои хондан медод. Дар ҳақиқат, муаллими мо сермутолиа буд ва аз мо ҳам омӯхтани адабиёти илмию бадеиро ҷиддан талаб мекард»(57,132).

Фаъолияти омӯзгории Бузургзода такя ба анъанаҳои тарбиявии мутафаккирони ҷаҳонӣ дошта, гуногунҷабҳа ва паҳновар буд. Устод ба шогирдони ҳушёру зирак таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамуд ва чун боғбони чирадаст ҳамвора паи он буд, ки истеъдоду нерӯҳои ақлии ин ҷавонон ба маҷрои дурусти донишандӯзиву дунёдарккунӣ ҷараён дошта бошад.

Дар ҳақиқат, ширкат дар чорабиниҳои фарҳангии пойтахт, ки тавассути ҳидояти Л. Бузургзода сурат мегирифт, ба донишҷӯёни илмдӯсту меҳнатқарин таассуроти амиқу гуворое мебахшид: «Ҳеҷ аз хотир намебарорам, ки, – мегӯяд С. Табаров,– Бузургзода ҳамроҳи А. Мирзоев нахустин бор моро ба толори барҳавои бинои КМ ПК Тоҷикистон (ҳозира бинои АИ ҶТ) барои шунидани маърӯзаи И. С. Брагинский, ки «Муқаддима ба «Намунаҳои адабиёти тоҷик» ном дошт, раҳнамоӣ карданд. Ман дар бораи адабиёти ҳазорсолаи тоҷик нахустин бор аз он нутқи И. С. Брагинский тасаввуроте ҳосил намудам».

Борҳо ба дидори асосгузорони адабиёти муосири тоҷик устодон Айнӣ ва Лоҳутӣ мушарраф гардидани С.Т.Табаров низ тавассути Бузургзода сурат гирифтааст: «Моҳи октябри соли 1939 дар арафаи ҷашни 10-солагии Ҷумҳурияти шӯравии Тоҷикистон дар бинои Театри драмавии мусиқии

ба номи Лоҳутӣ (ҳозира бинои Театри русии ба номи В. В. Маяковский) ҷамъомади зиёиёни тоҷик баргузор гардид, ки дар он ду устоди бузурги адабиётамон – Айнӣ ва Лоҳутӣ ширкат доштанд. Дар ин ҷамъомад раиси онвақтаи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Сотим Улуғзода дар бораи адабиёти ҳозираи тоҷик ва режиссёри театр Корох дар бораи санъати муосири тоҷик маъруза карданд ва бо тавассути ин муаллими муҳрубон банда устод Айниро, ки аз соли 1934 боз чанд бор дида будам, боз дидам ва бори нахуст аз дур овози хеле лазиз ва ширини устод Лоҳутиро шунидам»(57,133).

Табиист, ки Лутфулло Бузургзода дар рушду нумуи фаъолияти қаламкашии С. Табаров саҳми босазое дорад. Устод, ки ҳанӯз ҳангоми таҳсил дар Омӯзишгоҳи омӯзгории Кӯлоб дар саҳифаҳои рӯзномаҳои «Пионери Тоҷикистон», «Васияти Ленин», «Газетаи муаллимон» хабарҳо навиштани шогирдашро медонист, бо як фаросати омӯзгории ба худ хос ин истеъдоди нодирро ба корҳои илмию таълифӣ ҷиддан ҷалб намуд ва дар ниҳоди ӯ меҳри ин пешаи муқаддасу пурмашаққатро ҷойгир кунонид: «Соли 1940,– ба ёд меорад шогирд,– қисми якуми романи Ҷалол Икромӣ – «Шодӣ» интишор ёфт ва устод Бузургзода ин асарро дар дасти банда дида, таассуротамро оид ба он пурсон шуд. Ман дар қиёс ба «Одина», «Мактаби кӯҳна», «Аҳмади Девбанд», «Дохунда», «Ғуломон»-и С. Айнӣ гуфтам, ки дар забони романи «Шодӣ» баъзе калимаҳои лаҳҷаву шевагӣ мавҷуд аст. Муаллим ба камина супориш дод, ки бори дигар ин асарро бодиққат хонам ва мулоҳизаҳои худро оид ба калимаҳои шевагии он нависам. Ва банда ин корро, агар ҳато накунам, баҳори соли 1941 ба ҷо оварда, матнро ба устод пешкаш кардам. Аз ин дастгирӣ рӯҳ гирифта, мухтасари мулоҳизаҳоямро ба нависанда Ҷалол Икромӣ низ фиристодам.

Баъди чанде, мумкин моҳи апрел бошад, устод Бузургзода Раҷаб Амонов, Боқӣ Раҳимзода ва бандаро ба хонаи Иттифоқи нависандагон, ки дар кӯчаи Орҷоникидзе воқеъ буда, яке аз хонаҳои ошёни дуюми он вазифаи толорро иҷро

мекард, бурд. Дар ҳамин маҳфил мо таи ду соат суҳбати пурмуҳтавову мароқангези меҳмони тошкандӣ, устоди М.Турсунзодаву С. Улуғзода – узви вобастаи АФ СССР М.С.Андреевро оид ба забони тоҷикӣ, ҷамъ овардани маводи фолклориву этнографӣ шунидем. Ва дар ҳамин маҳфил банда нахустин маротиба ба Ҷалол Икромӣ шинос шудам. Нависанда, ки мактуби бандаро оид ба романи «Шодӣ» хонда будааст, аз дӯсташ Бузургзода «дар байни ин шогирдон Соҳиб Табаров ҳаст-ми?» гуфта суол кард. Устодам ба нависанда бандаро муаррифӣ карда дар суҳбати сенафара, ба ҷонибдории ман, аз тарафи адиб андаке суистеъмол шудани калимаву ибораҳои шевагиро таъкид намуд». Ҳамин тариқ, Соҳиб Табаров ба тавассути Бузургзода барин устодони фозилу ғамхор ҳанӯз дар курсҳои якуму дувум ба навиштани мақолаҳо ва баъзе порчаҳои насриву драмавӣ машғул шуда будааст.

Устод Бузургзода миёни шогирдони азизи худ чун олими варзида ва донишманди фидоӣ низ маҳбубият пайдо карда, намунаи ибрат гардидааст. Устод дар қатори дигар ходимони илмии филиали тоҷикистонии АИ ИҶШС чун Е. Э. Бертелс, А. Н. Кисляков, Б. Ниёзмуҳаммадов, А. З. Розенфелд, С. К. Нестеренко, С. Ч. Арзуманов, Ҳабиб Юсуфӣ ба тадқиқи масъалаҳои мубрами филологияи тоҷик ҷиддан камар баста ва чун «Зада дар забони адабии тоҷик» (1940), «Морфологияи забони тоҷикӣ» (1941), «Фонетикаи забони адабии тоҷик» (1940), «Синтаксиси забони тоҷикӣ» (1942), «Очерки мухтасари диалектологияи тоҷик» (1939), «Чистонҳо ва зарбулмасалҳои тоҷикӣ» (1940), «Инъикоси шӯриши Восеъ дар фолклор» (1941), «Носири Хусрав – ҷӯяндаи ҳақиқат ва инсоф» (1940) як қатор асарҳоеро офарид, ки дорои қимати барҷастаи илмию омӯзгорӣ мебошанд. Ба қавли С. Табаров, устод Бузургзода қонунҳои грамматикиро бениҳоят хуб медонист ва забоншиноси пурра ба камолрасида ҳисоб меёфт. Касе ҳамон китобчаи дар арафаи ҷанг чопшуда – «Фонетикаи забони адабии тоҷикӣ»-ро боадолатона мутолиа кунад, эҳсос менамояд, ки дар ҳамон замоне, ки ҳеҷ гуна дастгоҳи сабткунииии овоз мавҷуд набуд,

ба тавассути коми сунъӣ ва гӯшҳои худ Бузургзода савту овозҳои асосии забони тоҷикиро муайян карда тавонист. Ё худ танҳо мақолаи дар хусуси Носири Хусрав навишта, ки аз ҷиҳати арзишу муҳтаво ҳоло ҳам бебаҳост, адабиётшиноси моҳир будани ӯро хеле хуб исбот мекунад. Асарҳои фолклоршиносӣ ва шевашиносии устод, ки дар асоси маводи бевосита аз мавзеъҳои қисми шимолии Тоҷикистон, вилоятҳои Фарғона, Намангон, Андиҷони Ҷумҳурии Ӯзбекистон, аксари маҳалҳои Кӯлобу Ғарм гирдоварда фароҳам омадаанд, дар таърихи фарҳангии миллии тоҷикон чун хазинаи гаронбаҳои маънавӣ қиматноканд.

Устод Бузургзода, ки зарурати таърихӣ ва аҳамияти илмии шеваҳою эҷодиёти шифоҳии халқашро ҷиддан дарк менамуд, баъди хатми Донишгоҳи Самарқанд ва ба Душанбе ба кор омадан тамоми рӯзҳо ва моҳҳои истироҳаташро ба кори ҷамъоварии маводи фолклориву шеваву лаҳҷаҳои мардум сарф мекард. Ӯ ҳамроҳи дигар фидоиёни эҷодкор аввалин матни асарҳои Бобоюнус Худойдодзода ва аввалин порчаҳои достонҳои «Гӯрғулӣ»-ро аз забони ӯ сабт намуд.

Мутаассифона, баъзан аз зикри номи гирдоварандагони ҳақиқии матнҳои фолклорӣ ва шевагӣ худорӣ мешавад, ки ин ба фоидаи илм нест. Достони «Шӯриши Восеъ»-и Худойдодзодаро ҳанӯз соли 1939 Бузургзода ҳамроҳи Раҷаб Ҷалилов ва В. Р. Чейлитко аз забони муаллиф навишта буданд.

Минбаъд ин достонро бисёр фолклоршиносон, аз ҷумла Я. И. Налский, бо баъзе иловаю таҳрирот аз нав чоп намуда бошанд ҳам, аз чӣ бошад боби XI матни нахустинро, ки аз 76 мисраъ иборат аст, тамоман партофтаанд. Ҳол он ки дар ҳамин боби хотимавӣ Бобоюнус Худойдодзода воқеаҳои навиштани достонро аз ҷониби Бузургзода ин тавр ба қалам додаст:

*Омад ба по Лутфулло,*
*Раҷабаливу як бобо,*
*Номи ӯ ҳаст Чейлитко.*
*Мо дилмона хабар кардем,*

*Рафиқ Лутфуллора назар кардем…*
*Касе агар ира бихона,*
*Номи Юнуса медона (14,14)*

Шояд аз он маводи гаронмояи фаровоне, ки устод Бузургзода бо машаққати зиёд ҷамъ оварда буд, қисмате дар бойгониҳои Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ ҳанӯз маҳфуз бошад. Агар бошад, тадқиқу баррасии он боиси хушнудии рӯҳи ҷамъоваранда хоҳад шуд.

Қобилияти илмӣ, ҳисси баланди масъулият назди ҷомеа ва заҳматкариниву мушкилнописандӣ эътибори устод Бузургзодаро дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон низ зиёда афзун гардонида буд. Ин аст, ки ба ҳайати расмие, ки тирамоҳи соли 1940 барои тасдиқи макони қабри Рӯдакӣ ташкил ёфт, аз Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Бузургзода тавсия шуд. Номбурда бо маслиҳати устод Айнӣ 23 сентябри соли 1940 ба Панҷакент ва аз он ҷо ба Рӯдак рафта, ҷои қабри Рӯдакиро расман тасдиқ кард ва дар ҷамъоварии нахустин падидаҳои осори омиёнаи диёри Рӯдакӣ саҳмгузор шуд.

Ё худ солҳои 1939-1940 дар сохтмони Канали калони Фарғона гурӯҳи нависандагон ба мисли М. Турсунзода, Ҷ. Икромӣ, Ҳаким Карим, Раҳим Ҷалил, М. Аминзода, Ф. Ниёзӣ ба сифати рӯзноманигор ширкат варзиданд, ки дар байни онҳо олими маъруф Лутфулло Бузургзода ҳам буд. Агар маҷмӯаи машҳури «Хатти заррин»- ро, ки эҷоди адибони тоҷикро оид ба ин иншооти азим дарбар кардааст, варақ занем, мебинем, ки мураттиб ва муҳаррири масъули ин маҷмӯа устод Бузургзода аст. Қисмати фолклори тоҷикро барои китоби машҳури «Намунаҳои адабиёти тоҷик» (1940) низ Бузургзода тайёр намуда, онро бо муқаддимаҳои пурқуввати илмӣ музайян намудааст ва ғайра.

«Гумон дорам, – таъкид мекунад С. Табаров,– ҷаззобияти дарсҳои Бузургзода дар муҳтавои пурқуввати илмӣ ва пайвастагиву ҳамбастагӣ ба таҷрибаи зиндагӣ буд. Устод таълим медод, ки ҳеҷ як матни лаҳҷаву шеваро бе истифодаи транскрипсияи байналхалқии фонетикӣ сабт кардан мумкин

нест. Ё худ матнҳои фолклориву шевагиро танҳо бо алифбои нав (лотинӣ) ва танҳо бо сиёҳӣ ва хеле бодиққат навиштан зарур аст. Ва ин ақидаҳо дар асарҳояш илман амиқ исбот гардидаанд. Дар ҳамон китоби боэътибори «Фонетикаи забони адабии тоҷик» моҳияти транскрипсияи байналхалқии фонетикӣ дар сабти матн хеле возеҳ ва саҳеҳ таъкид ёфтааст. Афсӯс, баъди ҳалокати Бузургзода ва баъди ба фаъолияти адабиётшиносӣ гузаштани Абдулғанӣ Мирзоев дар шевашиносӣ ва фолклоршиносии тоҷик оид ба сабти матн як костагие пайдо шуд, ки то ҳол ислоҳи худро наёфтааст»(57, 133).

Ба қавли Соҳиб Табаров, устод Бузургзода ғайр аз хизмати содиқона ба халқу Ватани хеш дигар орзую ормоне надошт ва, шояд, пешаи омӯзгорию пажӯҳандагиро ба хотири нафъи бештаре расондан ба ёру диёри азизаш пазируфта бошад. Ва вақте ки Ватан- модарро хатари ҷиддӣ таҳдид намуда, назди фарзандони содиқ вазифаи боз ҳам масъулиятноктаре пеш омад, ӯ бо тамоми қувваву неруи ҷавонмардӣ ба ҳимояи шарафу номуси Ватанаш бархост ва бо корномаи ҷангии худ ба кулли мардуми озодихоҳи дунё муҷассамаи муқаддаси садоқат гардид.

Соҳиб Табаров азми ба ҷанги зидди фашизм бархостани устоди худро оромона ба ёд оварда наметавонад: «Дар хусуси он ки ҷанги беамон чунин мардҳои таҳамтани моро аз байн бурд, танҳо бо афсӯс сухан рондан мумкин аст. Вале боз як чизро аз хотир набояд баровард, ки ҳангоме фашизми Германия тамоми хоки Украина, Белоруссия, Латвия, Литва, Эстонияро забт намуд, ҳангоме қисмати ғарбии Россия дар дасти фашизми немис монд, Ҳабиб Юсуфӣ, Ҳаким Карим, Абдушукур Пирмуҳаммадзода, Лутфулло Бузургзода, Фотеҳ Ниёзӣ, Сотим Улуғзода, Боқӣ Раҳимзода, Эммануэл Муллоқандов, аз ҷавонон Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ, Муҳиддин Фарҳат барин родмардон, паҳлавонони таҳамтан, ватандӯстони беҳамтову баркамол, ки дорои ҳисси баланди ватандӯстӣ, дӯстиву бародарии халқҳо буданд, дар канор истода наметавонистанд. Аз ин ҷост, ки агар чунин таъбир дуруст бошад, хизмати абадии чунин фарзандони содиқи

халқи тоҷик, аз ҷумла устоди камина, аз хизмати дигарон ду маротиба мақоми болотар ва волотар дорад. Зеро ӯ ҳам ба воситаи эҷодиёти худ, ба воситаи осори илмии худ, ба воситаи тарбия намудани садҳо шогирдон корнамоии беҳамтое нишон додаст, аз тарафи дигар, баҳри фардои неки халқи азизаш, баҳри ифтихори миллиаш, баҳри истиқлолияти башарият бо аслиҳа бар зидди фашизм ҷонфидоӣ намудааст. Номи ин фарзанди фарзонаи миллат, муҳофизи далери Ватан, устоди даҳҳо олимон, нависандагон, рӯзноманигорон, шевашиносон, фолклоршиносон то ҳаёт аст, зинда мемонад. Банда назди ин марди бузург як умр сари таъзим фуруд оварданро вазифаи муқаддаси худ мешуморам»(57, 134).

Оре, Соҳиб Табаров бо сабаби фалаҷ будани як пояш натавонист, ки дар майдони ҷанг бо устоди худ китф ба китф монда, дар ҳимояи Ватани азиз ҷонбозиҳо намояд. Вале фаъолияти илмӣ, эҷодӣ ва омӯзгории устодро бурдборона ва садоқатмандона идома бахшид, ба дараҷае ки худ устоди арҷманди садҳо шогирдон гардид ва чун сермаҳсултарин олими адабиётшиноси ҷумҳурӣ дар илми тоҷик мактаби филологии пурқуввате ба вуҷуд овард. Гӯё шоири шаҳир Лоиқ Шералӣ ин байтро маҳз ба хотири чунин номбардори номвар гуфтааст:

*Бузургонро бузургон зинда медоранд,*
*Бузургонро бузургони дигар поянда медоранд.*

*Соли 2000*

*Банӣ- одам аз илм ёбад камол,*
*На аз ҳашмату ҷоҳу молу манол.*

# БОБИ 2.
# САМАРАИ УМРИ ГАРОНМОЯ

## *МАКТАБИ АДАБИЁТШИНОСИИ СОҲИБ ТАБАРОВ*

Устод Табаров аз зумраи он шахсиятҳои бонуфузи фарҳангиест, ки дар як давраи басо ҳассоси таърихи халқи тоҷик ба арсаи адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ қадам гузошта, тавассути ақли даррок, зеҳни бурро, хотираи мустаҳкам ва ҳисси баланди омӯзандагию масъулияти ватандорӣ ба шеваи хоси тадқиқи бадеӣ муваффақ гардид, ба дараҷае ки асарҳои илмӣ, илмӣ-оммавӣ ва танқидии ин муҳақиқи пуркору заҳматкаши тоҷик берун аз хоки Тоҷикистон низ мавриди истифодаи донишмандони шинохта қарор гирифт. Фаъолияти илмӣ-тадқиқотии муҳаққиқ ба фаъолияти омӯзгории эшон тавъам буда, барои насли имрӯзу минбаъдаи миллати тоҷик қобили омӯзиш ва бахрабардорӣ мебошад.

* * *

«С.Ш.Табаров, – навиштааст адабиётшинос Р.Мусулмонқулов соли 1984, – хеле барвақт – ҳанӯз дар 14-солагиаш қалам ба даст гирифтааст» (25, 15). Ва ин андешаро худи устод Табаров дар мусоҳиба ба рӯзноманигор Абдулқодири Раҳим чунин баён мекунад: «Аз соли 1937 дар рӯзномаи деворӣ навиштаҳоямро ҷой доданд. Дар матбуоти даврии ҷумҳурӣ аз соли 1938 хабару мақолаҳоям ба табъ мерасиданд, он вақт ки дар Омӯзишгоҳи Кӯлоб таҳсил мекардам»(1,187).

Соҳибназар ҳангоми таҳсил дар ин омӯзишгоҳ муҳаррири рӯзномаи девории «Машъали пионерӣ» ва яке аз фаъолони маҷаллаи «Ғунчаҳои наврас» буд, ки ҳар сари

чанд вақт дар ҳаҷми 100-150 саҳифаи дастнавис ба табъ мерасид. Ҳамчунин, ӯ дар ин айём дар рӯзномаҳои «Ҳақиқати Кӯлоб», «Пионери Тоҷикистон» ва «Васияти Ленин» хабарҳо чоп мекард. Ҳангоми таҳсил дар Инситути омӯзгории Душанбе бошад, Соҳибназар вақти зиёди худро ба омӯзиши соҳаҳои гуногуни илм, махсусан илмҳои филологӣ, сарф мекунад ва табиист, ки ӯ акнун ба навиштани мақолаҳои илмӣ-оммавӣ шурӯъ менамояд.

Ҷолиби диққат аст, ки устод Табаров дар оғоз ба эҷоди асарҳои бадеӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир карда будааст. Дар яке аз шумораҳои соли 1939 маҷаллаи «Ғунчаҳои наврас» ҳикояи ӯ бо номи «Майрамой» ба табъ мерасад ва соли 1940, ҳангоми донишҷӯи курси якуми Институти омӯзгорӣ будан ҳамроҳи Низом Нурҷонов (санъатшиноси барҷастаи ҷумҳурӣ), ки он вақт дар институти дусолаи муаллимӣ таҳсил мекардааст, песаи якпардагии «Пионери қаҳрамон»-ро менависанд ва барои ин песа аз Хонаи эҷодиёти халқ, ки сардораш М.Турсунзода будааст, ҳаққи қалам ҳам гирифтаанд. Вале донишу ҳуш ва рафтори ибратбахши муаллимоне чун Абдулғанӣ Мирзоев ва Лутфулло Бузургзода шогирди иродатмандро ба ҷодаи илми суханшиносӣ раҳнамун месозад. Махсусан, он ҳодисае, ки соли 1941 муаллимони азиз ва ҳамкурсонаш ба майдони ҷанг рафта, аксари онҳо дигар барнагаштанд, ба ин ҷавони ҳассос таъсири гарон бахшид ва ӯ қавл дод, ки барои ба амал овардани армонҳои муаллимону дӯстони номуродаш низ дар ҷодаи илму дониш кӯшиш намояд.

Соҳибназари донишҷӯ ва баъдҳо муаллиму аспирант ҳар рӯз соатҳои зиёд дар китобхонаи ба номи Фирдавсӣ менишаст, худ ҳарисона меомӯхт ва баҳри саводнок шудани аҳолии мамлакат талош меварзид. Мақолаҳои ба ҳаёту фаъолияти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абулқосим Фирдавсӣ, Саъдии Шерозӣ, Дақиқӣ, Носири Хусрав, Аҳмади Дониш, А.С.Пушкин, Л.Н.Толстой, А.П.Чехов, Иван Франко, Максим Горкий, В.Г.Белинский, Бетховен, Ж.Б.Молер барин донишмандон ва суханварони ҷаҳонӣ бахшида, ки дар байни солҳои 1941-1947дар матбуо-

ти даврӣ ба табъ расидаанд, дорои аҳамияти зиёди маърифатӣ буданд. Ва ҳамин иртиботи мустаҳкам ба китобхона буд, ки моҳи августи соли 1999 устод Табаров ба унвони «Хонандаи фахрии Китобхонаи миллии Тоҷикистон» № 1 мушарраф гардид.

* * *

Бояд гуфт, ки бо таълифи асари «Материалҳо оид ба омӯхтани таърихи адабиёти советии тоҷик» (1948) ва дифои рисолаи номзадӣ (1949) дар яке аз марказҳои бонуфузи Иттиҳоди Шӯравӣ – шаҳри Ленинград (ҳозира Санкт-Петербург) давраи дувуми фаъолияти илмӣ-тадқиқотии устод Табаров оғоз меёбад ва он ба воқеаҳои муҳимми иҷтимоиву фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистони шӯравӣ иртибот мегирад. Аз ҷумла, таъсиси Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (1948) дар ҳаёти илмӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии ҷумҳурӣ ҳодисаи басо муҳим ва тақдирсоз буд. Махсусан сарварии кафедраи забон ва адабиёти тоҷикро ба ӯҳда гирифтани донишманди маъруф, академики Академияи улуми Тоҷикистон Абдулғанӣ Мирзоев, ки дар мактаби шарқшиносони барҷастае чун Е. Э. Бертелс, А. А. Фрейман, И. И. Зарубин таълим гирифта, ба тавассути заковат ва маҳорати фавқулодда ба дастовардҳои барҷастаи илмӣ ноил гардида буд, дар рушду нумуи филологияи тоҷик такони ҷиддӣ бахшид. Аз солҳои аввали таъсисёбӣ ба ҳайати кафедраи донишмандону мутахассисони варзида аз қабили Шарифҷон Хусейнзода, Баҳром Сирус, Муллоҷон Фозилов, Ҳилол Каримов, Воҳид Асрорӣ, Турсунбой Неъматзода шомил гардида, ба фаъолияти пурсамари илмӣ, таълимӣ ва тарбиявӣ шуғл варзиданд.

Устод Табаров низ чун мутахассиси варзидаи соҳаи филологияи тоҷик ва ҷавони саршори ғояҳои милливу масъулияти ватандорӣ ба факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ворид гардид, дар мактаби илмии академик Абдулғанӣ Мирзоев тарбият ёфт ва баъдҳо худ мактаби адабиётшиносии пурқуввате ба вуҷуд овард. Истифодаи самараноки ҳар лаҳзаи умри азиз, ба тамоми

ҳастӣ омӯхта ва дар адабиётшиносии тоҷик татбиқ намудани усулҳои пешқадами тадқиқоти илмии ҷаҳонӣ, ҳисси баланди масъулиятшиносӣ дар таълими шогирдони Донишгоҳ ва басо амиқ муайян намудани қобилияту истеъдоди муътақидони роҳи илм ба устод Табаров имконият доданд, ки дар як муддати кӯтоҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Шӯравӣ чун мунаққиди асил, адабиётшиноси барҷаста ва омӯзгори сахтгиру ғамхор эътироф гардад. Олим ва мунаққиди ҷавон соли 1953 узви вобастаи Академияи илмҳои Тоҷикистон интихоб мегардад. Худи ҳамин сол, вақте ки кафедраи мазкур ба кафедраҳои забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик ҷудо мегардад, сардори кафедраи адабиёти тоҷик ба зимаи Табаров С.Ш. вогузор мешавад ва дар муддати 28 соли роҳбарӣ устод ҳамроҳи шогирдони баргузида ба иқтидори баланди илмӣ, таълимӣ ва тарбиявии кафедра муваффақ мешаванд.

Моҳияту раванди илмии мактаби адабиётшиносии Табаров С.Ш. аз як нигоҳи иҷмолӣ ба осори илмӣ, илмӣ-оммавӣ ва илмӣ-омӯзгории соҳибмактаби он басо равшан ҳувайдо мегардад. Устод умри азизи худро ба тадқиқу баррасии масъалаҳои бунёдии таърихи адабиёти тоҷики қарни XX, нақди адабӣ, назарияи адабиёт, матншиносӣ ва адабиётшиносии муқоисавӣ бахшидааст ва муаллифи беш аз 800 рисола, китоби дарсӣ, воситаву барномаи таълимӣ, мақолаи илмӣ ва илмию оммавӣ мебошад.

«Соҳиб Табаровро хонандагони тоҷик пеш аз ҳама ва бештар аз ҳама ҳамчун мунаққид мешиносанд. Зиёда аз нисфи асарҳои чопии ӯ тақризу мақолаҳои танқидӣ оид ба асарҳои нави адибони тоҷик мебошад»(26, 16). Дар ҳақиқат, осори қисми кулли адибони тоҷик, ки дар солҳои 40-80 садаи XX фаъолият намудаанд, ба мулоҳизаҳои танқидии ин мунаққиди пуркору воқеъбин дучор омадаанд. Махсусан, асарҳои Ҳаким Карим, Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Сотим Улуғзода, Боқӣ Раҳимзода,Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, ки бори асосии насру назми тоҷикро дар ин айём ба дӯш доштанд, ҳамвора тахти таҳлили ҷиддӣ ва муфассали мунаққид қарор гирифта, арзишҳои адабиву эстетики онҳо

вобаста ба талаботи давру замон муайян карда мешуданд.

Назари танқидии мунаққид ба осори адибони ҳамзамон ҳанӯз аз солҳои донишҷӯӣ ибтидо гирифта, аз нимаи дуюми солҳои чилуми асри гузашта басо густариш меёбад ва аз лиҳози назария ва услуби нақди адабӣ комил мегардад. «Чунин назари пурвусъат ва танқиди дилсӯзона, – гуфтааст адабиётшинос А. Раҳмонов, – дар мақолаву тақризҳои «Москваҷони азиз» (1945), «Романи аввалини нависанда Раҳим Ҷалил» (1947), «Дар бораи «Муъҷизоти халқ»(1946), «Дар бораи очерк»(1946) низ чашмрас мебошад. Муаллиф дар таълифоти фавқуззикр дар танқиди адабии касбии тоҷики асри ХХ ҷуръат ва тавоноии фардӣ пайдо кардааст ва биниши шахсии худро нисбат ба ҳусну қубҳи асари адибон ифода гардонидаст»(36,4).

Дар солҳои панҷоҳум мунаққид ба «аҳамияти асари бадеӣ, маҳорати эҷодкор, қонунмандии рушди адабиёти муосир»(30, 4) зиёда таваҷҷуҳ менамояд. Достони «Ҳасани аробакаш»-и Мирзо Турсунзода вақте ки соли 1954 аввал дар маҷаллаи «Шарқи сурх» ва баъд ҳамчун китоби алоҳида чап гардид, таваҷҷуҳи С.Табаровро ба худ ҷалб намуд. Мунаққид ҳанӯз дар нимаи аввали соли 1955 оид ба ин асар тақризи муфассал навишта, дар баробари комёбии бебаҳси адабиву эстетикӣ, норасоиҳои мундариҷавӣ ва услубии онро ошкор намуда, масъалаи таҳрири нави асарро ба миён мегузорад: «Ҳоло дар достони «Ҳасани аробакаш» баъзе образҳо танҳо номбар шудаанду бас ва тараққии ояндаи худро талаб мекунанд. Ғайр аз ин як қатор эпизодҳои достон ва махсусан бобҳои сеюм ва чоруми он, ки аз ҷиҳати инъикоси воқеаҳо ва муборизаву зиддиятҳо суст мебошанд, таҳрир ва иловаҳои навро талаб мекунанд, чунки дар достон ва махсусан дар бобҳои номбурдашуда зиддиятҳои ҳаётии давра ҳоло кам тасвир ёфтаанд»(66, 213).

Мулоҳизаҳои холисона ва воқеъбинонаи танқидии С.Табаров шоири ҳақиқатпазирро водор мекунад, ки асарро ҷиддан таҳрир намуда, ба он ғайр аз тағйироти ҷузъӣ 48 банди чаҳормисраъгӣ илова намояд ва бо ҳамин ба офаридани як асари марҳалавиву навоваронаи таърихи назми давраи

нави тоҷик муваффақ шавад, ба дараҷае ки устод Турсунзода барои ин достон (ҳамроҳи «Садои Осиё») соли 1960 сазовори Ҷоизаи олии Иттиҳоди Шӯравӣ дар соҳаи адабиёу санъат – Мукофоти ленинӣ гардид.

Муаллими зиндаёд Хайрулло Муҳибов тавассути муқоисаи матнҳои чопии «Ҳасани аробакаш» ба хулосае меояд, ки таҳрири минбаъдаи достон ба тақризи мунаққид иртиботи комил дорад: «Ҳарчанд худи М. Турсунзода дар ин хусус, яъне ба инобат гирифтани фикру мулоҳизаҳои танқидии С.Табаров ишорае накардааст, вале аз таҳриру иловаҳои достони «Ҳасани аробакаш» равшан мешавад, ки шоир он фикру мулоҳизаҳои танқидиро бодиққат омӯхта барои ислоҳи як қисми муҳимми он кӯшиш карда будааст» (28, 59-60).

Дигар аз хусусиятҳои хоси нақди Соҳиб Табров дар он аст, ки устод зиёдтар асарҳои истеъдодҳои ҷавонро мавриди таҳлилу тадқиқ қарор медиҳад ва бо ҳамин, чи хеле ки аз тақризҳои пай дарпайи мунаққид ба осори Муъмин Қаноат, Фазлиддин Муҳаммадиев, Муҳиддин Хоҷаев, Юсуфҷон Акобиров, Ғоиб Сафарзода, Гулрухсор Сафиева… бармеояд, адибони ҷавони соҳибистеъдодро бо роҳи мақбул ва самараноки эҷодӣ ҳидоят менамояд. Аввалҳои соли 1859 чанд шеъри шоири ҷавон Муъмин Қаноат дар маҷаллаи «Шарқи сурх» чоп мешавад ва мунаққид дар аввалин шеърҳои шоир сухани нав, фикри тару тоза ва услуби марғуби гуфторро дарёфта, дар мақолаи «Парвоз ба сӯи назми олӣ» ба таҳлили шеърҳои маҷалла мепардозад ва ба чунин хулоса меояд, ки: «Дар ҳангоми беш аз беш инкишоф додани истеъдод ва омӯзиши зиёд дар гулистони назми имрӯзаи тоҷик садбарги тозаю хушбӯю хушранги зебое хоҳад сабзид» (66, 297).

Вале шаклу услуби баёни номатлуби шеърҳои дар шумораи 12-уми «Шарқи сурх» (1959) чоп шудаи Муъмин Қаноат мунаққидро ба ташвиш меорад ва ӯ дар мақолаҳои «Фикр пурмазмун бошаду баёнот содаву возеҳ» маҳз камбудӣ ва норасоиҳои услубии ашъори тозаэҷоди шоирро таъкид менамояд, зеро «пешгирӣ намудани баъзе норасоиҳои шаклу услуб ва нишон додану ислоҳ кардани онҳо ба равшан ва пурмазмун ифода ва баён намудани мундариҷаи ашъори

шоир ёрӣ мерасонанд» (66,298)

Муъмин Қаноат шеърҳои танқидшуда, аз ҷумла, шеъри «Аҳсант ба одам!»-ро, ки ба таъбири мунаққид, аз лиҳози мавзӯи асосӣ нотамом ва аз ҷиҳати услуб печдарпечу мураккаб буд, аз нав таҳрир карда, матни тоза ва пурмазмуну баландсанъати онро ба хонанда пешниҳод мекунад ва муҷиби қаноатмандии мунаққид мегардад (66,300). Мунаққид боз дар тақризҳои «Табъи чун шамъ зинда» ва «Кашфи асрори мавҷҳо» маҷмӯаи «Ситораҳои замин» (1963) ва достони «Мавҷҳои днепр»-ро (1964) мавриди таҳлилу тадқиқ қарор дода, дар муайян намудани роҳи эҷодӣ ва рушду нумуи ҳунари нигорандагии ин шоири боистеъдоди тоҷик саҳми муносиб мегирад.

Устод Табаров дар тақризҳои «Очерк ва ҳикоя – жанрҳои ҷанговари насри имрӯзаи тоҷик», «Сухани ҳақ дар олами тираи асри XX», «Гуфтор дар бораи инсон ва инсонгарӣ», «Вафодорӣ ба услуб», «Бақои услуб»… раванди эҷодии дигар адиби боистеъдоди тоҷик Фазлиддин Муҳаммадиевро аз очерк ва ҳикояҳои аввалинаш сар карда то қиссаҳои «Шоҳии япон», «Варта» ва романи «Палатаи кунҷакӣ» ба тадқиқ мегирад ва агар дар тақризи аввал оид ба камбудиҳои асарҳои нахустини Ф. Муҳаммадиев сухан равад, пас дар мақолаҳои охир камолоти услуби баёни нависанда ва бо тасвирҳои равонию фалсафӣ ганҷинаи насри нави тоҷикро бою ғанӣ гардондани осори адиб бо қаноатмандӣ иброз мегардад.

Накди устод Табаров ҳусну қубҳи асари бадеиро ба таври фарогир нишон дода, дорои ҷанбаи амиқи омӯзандагӣ ва ҳидоятмандӣ мебошад ва эҷодкоронро водор мекунад, ки ба арзишҳои бадеӣ ва иҷтимоии асар зиёда таваҷҷуҳ карда, мувофиқи талаби фарҳанги замон эҷод намоянд. Дар тақризҳои «Ҳикоянависӣ кори саҳл нест» ва «Назм низом металабад» дар мисоли ҳикояҳои М.Шарқӣ ва Б. Ортиқов ва шеърҳои М. Миршакар муносибати саҳлангоронаи зумрае аз адибони давр ба сухани воло ва ҷанбаҳои шаклию услубии адабиёти бадеӣ, ки муҷиби коҳиш ёфтани завқу салиқаи хонанда мегардад, ошкор мешавад ва ин танқиди ҳақиқӣ ва солим аз доираи эҷодкорони алоҳида баромада, инкишоф ва

пешравии кулли адабиёти бадеиро таъмин мекунад. Яъне, накди устод Табаров, ки дар асоси дониши фаровон, истеъдоди комил, ҷаҳонбинии васеъ, ҷасорат ва муносибати холисона ба асари бадеӣ фароҳам омада саросар аз бурҳони қотеъ иборат мебошад, намунаи олии накди адабӣ дар адабиётшиносии давраи нави тоҷик ба шумор меравад. Ин накд, ки муносибати адабиёти бадеиро ба ҳаёти воқеӣ талқин мекунад, чи хеле ки адабиётшиносон низ ишора кардаанд, усули таҳқиқу танқиди мунаққидони бузурги рус В. Г. Белинский, Н. А. Чернишевский ва Н. Добролюбовро ба хотир меорад. Ш.Шокирзода дар «Белинскии тоҷик» ном мақолааш қайд кардааст, ки: «Нигорандаи ин сатрҳо ба андешаи онҳое мувофиқ аст, ки Соҳиб Шуҳратиевичро Белинскийи тоҷик медонанд, зеро ӯ, бегумон, дар адабиётшиносии муосири тоҷик анқариб ҳамон кореро карда тавонист, ки мунаққиди барҷаста В.Г.Белинский дар нимаи аввали садсолаи Х1Х ҳамчун классики танқиди адабӣ барои адабиёти рус ба сомон расонид»(74,30).

Бояд гуфт, ки як қисмати мақолаҳои С. Табаров, ки ба накди адабӣ бахшида шудаанд, дар асари 5-ҷилдаи мунаққид – «Ҳаёт, адабиёт, реализм» (солҳои 1966-1969) фароҳам оварда шудааст ва аз мундариҷаи ин китобҳо бармеояд, ки устод ба ҳамаи жанрҳои накди адабӣ- тақриз, мақола, руқаот, симои адабӣ, эсеи танқидӣ, хулоса таваҷҷуҳ зоҳир кардааст ва ба ин восита на танҳо асарҳои бадеии нав ба вуҷудоянда, инчунин эҷодиёти нависандагони ҳозира ва раванди адабиёти муосирро низ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст. Масалан, агар дар мақолаи «Баъзе мулоҳизаҳо дар бораи Боқӣ Раҳимзода» роҳи эҷодии ин шоир дар муддати 20 сол ба тадқиқ омада бошад, пас, дар мақолаи «Баъзе масъалаҳои миллӣ ва интернатсионалӣ дар адабиёти советӣ» хусусиятҳои миллӣ ва байналмилалии адабиёти нави тоҷик дар даврони Иттиҳоди Шӯравӣ баррасӣ мегардад ва муаллиф зимни таҳлил ба чунин натиҷаи амиқ мерасад, ки: «Ҳар як адабиёти миллии советӣ дар услубу равия, шаклу поэтика, санъату воситахои тасвири бадеӣ ва татбиқи тамоми қонуниятҳои эҷодиёти адабӣ- бадеӣ

мустақилияти комили худро нигоҳ медорад ва ҳар кадоме бо кашфиёти бадеии худ ганҷинаи чи адабиёти сермиллати советӣ, чи адабиёти иттиҳоди сотсиалистӣ ва чи адабиёти ҷаҳониро бой мегардонад» (68,48).

Дигар аз хусусиятҳои хоси мактаби адабиётшиносии Соҳиб Табаров, ки дар осори танқидии мунаққид низ басо барҷаста ба назар мерасад, ин пайванди илму таълим ва робитаи мустаҳками ҷанбаҳои назарию амалии онҳо мебошад. Устод Табаров дар ҷараёни таълими донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон паҳлуҳои гуногуни илмҳои адабиётшиносӣ ва усули таълими онҳоро мавриди омӯзиши ҷиддӣ қарор медиҳад, доир ба ин фанҳо барномаҳо тартиб дода, дастурҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ таълиф мекунад ва бо ҳамин сатҳи илмии таълифоташро ба дараҷаи накди адабӣ ва адабиётшиносии умумиву муқоисавӣ тақвият мебахшад. Устод фаъолиятро дар Донишгоҳ аз таълими «Мадхали адабиётшиносӣ» оғоз намудааст ва баъди панҷ сол ба таълими «Асосҳои назариявии адабиётшиносӣ» шурӯъ мекунад ва баъд ба таълими курси «Назарияи танқиди адабӣ» мегузарад, ки ин икдомро чунин шарҳ медиҳад: «Курси «Назарияи танқиди адабӣ»-ро, ки дар тамоми дунё набуд, гузаштам, барномаашро тартиб додам, китобашро навиштам. Ин сабаб шуд, ки се китобча дар бораи назарияи танқиди адабӣ бинависам. Агар гӯед, ки асосгузори илми назарияи танқиди адабӣ дар Тоҷикистон Соҳиб Табаров аст ва он даҳ кори докторӣ мешавад, бешӯхӣ хато намешавад» (1, 195).

Дар ҳакиқат, ду ҷилди «Дастури таълимӣ доир ба назарияи танқидӣ адабӣ» ва китоби «Асосҳои назариявии танқиди адабӣ», ки солҳои 1980, 1983 ва 1992 ба табъ расидаанд, бо мазмун, муҳтаво ва усули таҳлил на танҳо дар адабиётшиносии тоҷик, ҳатто дар адабиётшиносии рус ва Ғарб низ намунаи барҷастаи тадқиқи назарияи накди адабӣ маҳсуб мешаванд. Ва табиист, ки асарҳои мазкур, ки дар натиҷаи омӯхтани таҷрибаи мунаққидии В. Г. Белинский, Н. Г. Чернишевский, Н. А. Добролюбов, Г. В. Плеханов, А. В. Луначарский, В. И. Баронов, Ю. И. Суровтсев барин олимони

барҷастаи русу Ғарб ба вуҷуд омадаанд, ба устод Табаров дар нақди осори адибони тоҷик таъсири файзбахш расонидаанд. «Методи таҳлили асари бадеӣ», – қайд кардааст шогирди устод А.Раҳмонов, – барои мактаби нақди Соҳиб Табаров методологияи муайяни илмӣ, адабиву эстетикӣ, имконоти падид овардани методи таҳлили асари бадеӣ ва меъёри баҳодиҳиро ба эҷоди бадеӣ ба вуҷуд овард, ки мунаққидони оянда онро сармашқи эҷодиёти худ мегардонанд»(37, 6).

Дар ин давра фаъолияти адабиётшиносии устод Табаров низ зиёда густариш меёбад ва асарҳои олим «Садриддини Айнӣ- асосгузори адабиёти советии тоҷик» (1954), «Садриддин Айнӣ- сарояндаи Револютсияи Кабири Сотсиалистии Октябр» (1958) «Пайрав Сулаймонӣ» (1962), «Мирсаид Миршакар» (1962), «Образи В.И.Ленин дар назми советии тоҷик» (1961) «Васфи Октябр дар назми тоҷик» (1968), «Симои ҷовидони пешво дар адабиёти тоҷик» (1970), «Адабиёти муосири советӣ» (1984), «Адиби сухандон ва муборизи майдон» (1986)… пай дар пай ба табъ мерасанд. Ҳар кадоми ин асарҳо хоҳ ба эҷодиёти адибони алоҳида бахшида шуда бошанд ва хоҳ масъалаҳои умумии адабиётшиносиро фаро гиранд, бо дақиқӣ, ҳуҷҷатнокӣ ва услуби таҳлили воқеъбинонаву асоснок фарқ карда меистанд. Масалан, дар китобчаи «Садриддин Айни – основоположник таджикский советской литературы», ки соли 1968 нашриёти «Дониш»-и Маскав ба табъ расонидааст, муаллиф басо мухтасар, вале зиёда амиқу дақиқ фаъолияти илмӣ ва эҷодии устод Айниро манзури хонандаи рус менамояд. Хонандаи огоҳдил аз ин дастури мухтасар оид ба фаъолияти қариб 60-солаи устод Айнӣ ва асарҳои бадеӣ, публитсистӣ ва илмии ин шахсияти барҷаста маълумот гирифта, ҳиссаи бебаҳои ӯро чун асосгузори адабиёти нави тоҷик дар инкишофи илму фарҳанги тоҷик баръало эҳсос мекунад.

Албатта, чун «Васфи Октябр дар назми тоҷик» ва «Симои ҷовидонии пешво дар адабиёти тоҷик» баъзе асарҳои устод Табаров, ки мувофиқи талаботи сиёсии даврони шӯравӣ таълиф гардидаанд, дар замони ҳозира камарзиш шудаанд, ки ин ҳолатро худи муҳаққиқ ҳам эътироф карда-

аст: «Лекин бо мурури гузашти замон баъзе аз осорам камаҳамият шудаанд, ба монанди он дарахте, ки пир мешавад ва баъзе шохаву навдаҳояш хушк мешаванд» (71, 79). Вале ин асарҳо, чун як қатор асарҳои дар ҳамон давра таълиф гардидаи нависандагон ва адабиёшиносони маъруф, дар замони худ қиматбаҳо будаанд. Ҳатто қимати илмии монографияи «Симои ҷовидонии пешво»-ро, ки соли 1970 ба муносибати 100- солагии В. И. Ленин чоп шуда буд, ба эътибор гирифта, адабиётшиносони маъруфи ҷумҳуриямон онро чун рисолаи доктории С.Ш.Табаров пешниҳод карданд.

Вале мактаби адабиётшиносии устод Табаровро дар давраи дувуми фаъолият, аз ҳама бештар, асари бунёдии «Пайрав Сулаймонӣ» муаррифӣ мекунад, ки бо таъбири академики Академияи илмҳои Чехословакия Ян Рипка, ин асар «ба аълодараҷа амиқ ва фавқулодда алоқадор аст» (7, 73). Пайрав Сулаймонӣ шоирест, ки умри кӯтоҳи ӯ дар шароити душвор ва зиддиятноки таърихӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии Осиёи Миёнаи сеяки аввали садаи XX сипарӣ шудааст ва муаллиф ҳаёту эҷодиёти ин адиби ҳунарманду рангинхаёли тоҷикро дар иртибот ба воқеаҳои муҳимми иҷтимоӣ ва фарҳангиву адабии Бухорои амирӣ ва солҳои аввали Ҳокимияти Шӯравӣ ба тадқиқ гирифта, мавқеи сазовори ӯро дар адабиёти давраи нави тоҷик ҳаматарафа нишон додаст. Ин асари камназир, ки бо истифода аз маводи бойгониҳои марказии Иттиҳоди Шӯравӣ, сарчашмаҳо ва адабиёти фаровони таърихиию адабиётшиносӣ ва ватанию хориҷӣ дар сатҳи баланди илмӣ таълиф гардидааст, зиёда аз панҷоҳ сол боз аз тарафи муҳақиқони таърихи адабиёти тоҷик, устодон ва донишҷӯёни мактабҳои олии филологӣ мавриди омӯзишу баҳрабардорӣ қарор дорад ва муаллиф ин асари зиёда арзишманди хешро соли 2012 дар таҳрири нав ба пешгоҳи хонандагони мутахассис пешниҳод намуд.

Дар хусуси давраи дуюми фаъолияти адабиётшиносии устод Табаров сухан ронда, боз як паҳлуи басо муҳимми фаъолияти таълимию илмии устодро, ки ба адабиётшиносии муқоисавӣ иртибот дорад, ном бурдан лозим мешавад. Устод дар натиҷаи мутолиаи адабиёти ҷаҳонӣ чун дармеёбад,

ки дар адабиёти олам бисёр мавзӯъҳо, сужаҳо, ривоятҳо, ифодаҳои бадеӣ ба ҳам монananд, дар кафедра курси «Адабиётшиносии муқоисавӣ»-ро таъсис медиҳад ва ба таълими ин курси ниҳоят ҷиддӣ ва заҳматталаб машғул мешавад. Адабиётшиносии муқоисавӣ, ки дар натиҷаи муқоиса ва муқобалаи адабиёти халқҳои гуногуни олам фароҳам меояд, аз муҳаққиқ дониши васеъ ва донистани забонҳои зиёдеро тақозо дорад. Устод дар мақолаи «Адабиётшиносии муқоисавӣ яке аз қисмҳои муҳимми адабиётшиносииояндаи олам» оид ба таърихи пайдоишу инкишоф, ҷанбаҳои назариву амалӣ, табиат ва методу усулҳои адабиётшиносии муқоисавӣ сухан ронда, бо ҳамин таваҷҷуҳи адабиётшиносони тоҷикро ба ин соҳаи ниҳоят зарурӣ ва самараноки фарҳанги ҷаҳонӣ ҷалб менамояд: «Бо боварӣ таъкид кардан мумкин аст, ки дар даҳсолаҳову асрҳои минбаъда… таҳлилу тадқиқ ва таҳқиқи объективӣ ва ҳаққониву дурусти хусусиятҳои ҳам миллӣ ва ҳам умумибашарии адабиётҳои ҳамаи миллатҳо беш аз беш ва беш аз пеш ривоҷу равнақ хоҳанд ёфт ва бо ҳамин чи моҳияти назариявию илмӣ ва амалӣ ва чи вазифаҳои мушаххасу муайяни ин илм барҷастатару равшантар хоҳанд гардид» (47, 18).

* * *

Давраи сеюми фаъолияти адабиётшиносии устод Табаров, ки асосан ба тадқиқи таърихи адабиёти ибтидои асри XX – адабиёти ҷадидияи тоҷик иртибот гирифта арзишҳои тозаи илмӣ касб менамояд, ба айёми бозсозии горбачевӣ (аз соли 1985) ва махсусан Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон (аз соли 1991) рост меояд. Муҳаққиқ дар муқаддимаи «Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим» (2009) ном асараш ишора кардааст, ки: «Ба сабаби он ки дар муддати тақрибан 70 сол чи дар бораи ҳаракату ҷараёни ҷадидӣ ва чи намояндагони ҷудогонаи он фикрҳои мухталиф ҷой дошт ва оид ба фаъолияти намояндагони маъруфи ин ҳаракат дар адабиёти таърихӣ-партиявӣ, адабиётшиносӣ, фалсафӣ ва сотсиологӣ тақрибан сухане намерафт, то ҳол хонандагон доир ба ҳаёт, фаъолияти револютсионӣ (инқилобӣ) ва эҷодии яке аз сар-

варони машҳуртарини ҷадидизм Мирзо Абдулвоҳид бинни Бурҳонбек мухталлис ба Мунзим (Бурҳонов) маълумоти дақиқу муфассале дар даст надоранд» (55, 3).

Дар ҳақиқат, хонандаи тоҷик то замони Истиқлолияти Тоҷикистон бар асари мухолифати идеологии мафкурабардорони Шӯравӣ оид ба ҳаёт ва эҷодиёти намояндагони адабиёти ҷадидияи тоҷик, ки ба қавли С.Айнӣ «сари таърихи адабиёти нави тоҷик» ба шумор меравaнд, маълумоти саҳеҳ надошт ва сабаби азобу шиканҷа ва охирҳои солҳои 30-юми садаи қатл гардидани зумрае аз онҳоро намедонист. Устод Табаров бо як матонати фавқулодда бо ҳаллу фасли масъалаи мазкур мепардозад ва оид ба ҳаёт ва эҷодиёти Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим (1875-1934), Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ (1875-1919), Саъдулло Рабиӣ (1889-1938), Абдуррауфи Фитрат (1886-1938), Садриддин Айнӣ (1875-1954) силсилаи асарҳо ба табъ мерасонад ва ҷолиб аст, ки мундариҷаи ҳар асар бо масъалагузорӣ, амиқияти андеша ва натиҷагириҳои асоснок тақвият ёфтааст. Дар ҳақиқат, тадқиқоте, ки дар асоси ҳуҷҷатҳо, далелу бурҳон, манбаъ ва сарчашмаҳои сершумори хаттӣ, маводи бойгонию мукотиботи адибон ва коргоҳи эҷодии муаллифон бунёд ёфтаанд, зиёда эътимодноку боварибахш буда, дар ҳалли бисёр муаммоҳои мундариҷавию бадеӣ, услубиву забонӣ ва ғоявию ҳунарии асари бадеӣ мусоидат доранд. Аз ҳамин нуқтаи назар, ҳар як тадқиқоти солҳои охир анҷом додаи устод Табаров дорои ҷанбаи амиқи таҳлилӣ мебошад ва тамоми паҳлуҳои мундариҷавию лафзии осори адибони ибтидои асри XX-ро фаро гирифта, иртиботи эҷодии нависандагонро ба замон ва воқеаҳои иҷтимоии давр нишон медиҳад. Ин усули тадқиқ ҳангоми накди осори адибони ибтидои садаи XX ниҳоят зарур аст, зеро аксари адибони ин давра, чун Садриддин Айнӣ, Аҳмадҷон Ҳамдӣ, Мирзо Сироҷ, Абдулвоҳиди Мунзим, Аҷзии Самарқандӣ, Тошхоҷа Асирӣ, Абдуррауфи Фитрат ва Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ дар ҷӯши воқеаҳои сиёсиву иҷтимоӣ қарор дошта, тамоми ҳастии худ ва эҷодиёташонро ба татбиқи ғояҳои маорифпарвариву инқилобӣ сафарбар кардаанд.

Соли 2008 китоби «Зиндагиномаи Садриддин Айнӣ (1875-1899)» чоп гардид. Маълум, ки оид ба ҳаёт ва эҷодиёти устод Айнӣ асарҳои бисёри хурду калон табъ гардидаанд ва шояд чунин савол пайдо мешавад, ки муаллиф дар ин китоби 480-саҳифагӣ чӣ чизи нав мегуфта бошад? Вале масъалаҳои ба миён гузошта аз нигоҳи илмӣ амиқу фарогир буда, доираи 25 соли зиндагиномаи С. Айниро (солҳои 1875-1899) фаро гирифтаанд ва ҳаллу фасли онҳо дар таърихи адабиёти нави тоҷик дорои аҳамияти хоссаанд. «Муаллифи рисолаи мазкур,– омадааст дар шиносномаи китоб, – дар асоси сарчашмаю маъхазҳои дастрас, бахусус дар навбати аввал эҷодиёти худи Айнӣ, кӯшиш ба харҷ додаст, ки тарҷумаи ҳоли мухтасари нависандаро аз рӯзи таваллуд то соли 1899, то шиносоӣ ба китоби сардафтари маорифпарварони тоҷик Аҳмадмахдуми Дониш (1826-1897) «Наводир-улвақоеъ», ки дар ҷаҳонбинии ӯ инқилоби фикриро ба вуҷуд оварда буд, мавриди баррасӣ қарор диҳанд» (50,2).

Аз таҳлилу тадқиқ бармеояд, ки шаҷараи устод Айнӣ ба Абӯабдуллоҳи Пояндаи Соктарегӣ (Хоҷа Садпирӣ) мерасад, ки эшон ба хоҷагони тариқати кубравия тааллуқ дошта, соли 1601 вафот мекунанд ва дар мазори сайидон ва хоҷагони Соктаре, ки ба аҷдоди Айнӣ мутааллиқ аст, ба хок супурда мешаванд. Дар рисола оид ба шаҷараи Айнӣ, аҷдод, волидайн ва хешу табори нависанда, деҳоти Соктаре ва Маҳаллаи Боло, ки бачагии адиб он ҷоҳо гузаштааст, таҳсил дар мактаби кӯҳна, мактаби духтарона ва мадрасаҳои Бухоро, шиносоӣ бо зиёиёни Бухоро ва осори онҳо… басо муфассал сухан меравад ва хонанда тавассути далелу ҳуҷатҳои фаровон ҷараёни ташаккул ва такомули устод Айниро чун шахсияти барҷастаи фарҳангӣ баръало эҳсос мекунад.

Устод Табаров бо далелҳои шайъӣ, аз ҷумла гуфтаҳои худи нависанда собит менамояд, ки соли таваллуди С. Айнӣ на 15 апрели соли 1978, балки 15 апрели соли 1875 мебошад. Аз ҷумла, «Садриддин Айнӣ 23 ноябри соли 1934 дар тарҷимаи ҳоли ба Абулқосим Лоҳутӣ ирсол кардааш чунин навишта буд: «Ман дар соли 1878 (мувофиқи ҳуҷҷатҳо, аммо дар ҳақиқат соли 1875)… таваллуд ёфтаам» (Архиви Лоҳутӣ,

Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ). Мувофиқи тадқиқот, Садриддин аз шашсолагӣ ба мактаб рафта, як сол дар мактаби пеши масҷиди Соктаре, се сол дар мактаби духтарона, як сол назди имом – хатиб ва се соли дигар назди падар таълим мегирад ва баъди дар вабо аз даст додани волидайн соли 1890 ба Бухоро барои идомаи таҳсил меравад. Дар Бухоро устодони Айнӣ дар ҷодаи шеър Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат ва дар наср Аҳмади Дониш (тавассути «Наводир-ул-вақоеъ») мебошанд: «Мақсади эҷоди насри бадеии Айнӣ пеш аз ҳама аз солҳои шиносоияш бо «Наводир-ул-вақоеъ» оғоз меёбад ва минбаъд ин фаъолияти бадеии ӯ сол то сол ривоҷу равнақ меёбад ва ӯ яке аз ситораҳои дурахшони насри реалистии Шарқ мешавад» (50,472).

«Зиндагиномаи Садриддин Айнӣ (1875-1899)» дорои аҳамияти калони илмӣ, таълимӣ ва тарбивӣ мебошад ва бо услуби хоси тадқиқотии худ адабиётшиносони тоҷикро водор мекунад, ки ҳангоми баррасии ҳолномаи шахсиятҳои шинохтаи фарҳангӣ чун тадқиқотчиёни рус, англис, олмонӣ, фаронсавӣ… ҷузъитарин лаҳзаҳои ҳаёти онҳоро ба эътибор гиранд. Устод Табаров моҳияти муайян кардани ҳар лаҳзаи зиндагии шахсиятҳои барҷастаи фарҳангиро чунин ба қалам додаст: «Агар насаба ва шаҷараи Садриддин Айнӣ ба мисли насаба ва шаҷараи бисёр адибону олимони тоҷики асри XX (Лоҳутӣ, Турсунзода, Ғафуров ва дигарон) тартиб дода нашавад, дар таҳлилу тадқиқи таърихи илму маданият ва адабиёту санъати халқи тоҷик садди калоне ва бесарусомоние ба вуҷуд меояд ва ҷои омӯзиши ҳаққониву дурусти онҳоро ривояту нақлҳои ғалат, афсонаҳо, устураҳо ва сохтакориҳо ишғол хоҳанд кард»(50, 139).

Соҳиб Табаров аз қабили он донишмандони камшуморест, ки асарҳои худро ҳамвора бо маълумоти нав, ҳуҷҷату маводи ба тозагӣ дастрас гардида такмил медиҳад ва таҳрирҳои навбатии асарҳои устод, чунонки аз таълифоти эшон оид ба ҳаёт ва эҷодиёти Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим бармеояд, басо ҷиддӣ буда, ба мундариҷа ва муҳтавои матн таъсири корӣ ва самарабахш мерасонанд. Соли 2002 китоби

Соҳиб Табаров бо номи «Мунзим. Беҳбудӣ» ба табъ расид ва вазифаи муаллиф дар ин асари ҳаҷман хурд оид ба ду намояндаи пешгоми адабиёти ҷадидияи тоҷик маълумоти мухтасар додан буду халос. Баъди чанде устод оид ба фаъолияти ватандӯстонаву ҷавонмардонаи писари Абдулвоҳиди Мунзим – Раҳим Бурҳонов маълумоти тозае ба даст меоварад ва лозим мешуморад, ки соли 2004 китобе бо номи «Мунзим – руководитель общества джадидов и председатель партии младобухарцев» ба табъ расонида, дар он оид ба зиндагӣ ва фаъолияти Раҳим Бурҳонов низ маълумот дарҷ намояд.

Бояд гуфт, ки Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим дар баробари фаъолияти сиёсӣ ва иҷтимоӣ чи дар замони амирӣ ва чи дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ чун шоир ва публитсисти тавоно ҳам ном бароварда буд ва устод Табаров дар таҳрири навбатӣ фаъолияти адабии ин шахсияти барҷастаро ҳамроҳ карда, соли 2009 асарро бо номи «Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим» чоп менамояд. Ва, ниҳоят, дар нашри соли 2011 китоби «Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим» тадқиқи ҳаёт ва фаъолияти Мунзим пурра ба анҷом мерасад(ниг. ба фасли «Абдулвоҳиди Мунзим дар нақди Соҳиб Табаров»).

Як силсила асарҳои Табаров С.Ш. ба тадқиқу ташхиси осори намояндаи барҷастаи адибони тоҷики ибтидои асри XX Абдурраufи Фитрат бахшида шудааст. Устод дар китобҳои «Мунозира»-и Абдурраufи Фитрат» (1997) «Баёноти Сайёҳи ҳиндӣ»-и Фитрат» (1999), «Васфи Ватан дар ашъори Абдурраufи Фитрат» (2001), «Раҳбари наҷот»-и Абдурраufи Фитрат– қомуси ҳаёти халқи тоҷик» (2002), «Мавлуди Шариф ё худ Миръоти хайр-ул-башар»-и Абдурраufи Фитрат» (2003), «Оила ва вазифаҳои хонадорӣ аз назари Абдурраufи Фитрат» (2003), «Се маорифпарвари тоҷик дар бораи амирони манғит»(2006) масъалаҳои мубрами адабиёти ҷадидияи тоҷикро вобаста ба ҳаёт ва эҷодиёти Фитрати Бухороӣ мавриди таҳлилу барасӣ қарор додаст ва азбаски ин асарҳо ба сабаби парокандагӣ ва камшумории адади нашр ҳатто ба қисмате аз мутахассисони адабиёти давраи нави тоҷик дастрас нагардидаанд, Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ Тоҷикистон тадқиқоти мазкурро дар

таҳрири нав дар ду ҷилд бо номи «Ҷаҳони андешаҳои Абдурраруфи Фитрат» (солҳои 2008 ва 2009) ба пешгоҳи хонандаи мутахассис пешниҳод намояд.

Дар даврони Истиқлолияти Тоҷикистон ба нақду баррасии эҷодиёти Абдурраруфи Фитрат зиёда таваҷҷуҳ зоҳир намудани устод Табаров бесабаб нест. Ин нависанда, ки ба таъбири устод Айнӣ, «аз талабагони истеъдодноку аз ҳама фозили Бухоро ба шумор мерафт» ва солҳои 1910-1914 дар мадрасаи «Воизия»-и Истамбул таҳсилро идома дода буд, то инқилоби Октябр (1917) беҳтарин ва муассиртарин асарҳои мансур ва манзуми реалистии тоҷикро эҷод намуд ва бо ҳамин дар бедории шуури миллӣ, худшиносӣ ва эҳсоси ватанхоҳиву озодандешии халқи тоҷик ҳиссаи арзанда ва муносиб гузошт.

Мутаассифона, Фитрати маорифпарвар солҳои 1916-1924 ба ҷараёни зарарноки пантуркизм ва панӯзбекизм гаравида, дар Ҷумҳурии халкии шӯравии Бухоро (1920-1924) ба мансабҳои вазири корҳои хориҷӣ ва вазири маориф расид ва дар ин айём ба бисёр хатоҳои сиёсӣ ва миллӣ роҳ дод.

Баъди таъсиси Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон (1924) Фитрат аз нав ба навиштани асарҳои тоҷикӣ шуруъ карда, мехост боз ба адабиёту фарҳанги тоҷик қаробат пайдо кунад, ки ин ҳолатро аз таълифоти бадеӣ, мақолаҳои илмӣ, дарс, маъруза ва суханрониҳои ӯ мушоҳида кардан мумкин аст. Аз ҷумла, намоишномаи «Шӯриши Восеъ» (1927), рисолаи таърихии «Даврони ҳукмронии амир Олимхон» (1930), асари публитсистии «Аморати Бухоро» (1930), пешгуфтор ба қиссаи «Одина»-и С.Айнӣ ва ғайра пайи ҳам ба табъ расиданд. Вале Фитрат дар миёни халқи тоҷик обрӯю эътибори авваларо барқарор карда натавонист ва оқибат соли 1937 ба маҳкама кашида, соли 1938 ба қатл расонида шуд. Дар замони шӯравӣ омӯзиш ва таълиму тадқиқи эҷодиёти Фитрат мамнуъ буд.

Бо вуҷуди аз сар гузаронидани ҳаёти пуртазоду моҷароҷӯёна давраи аввали эҷодиёти Фитрат имкон медиҳад, ки адиб яке аз поягузорони адабиёти давраи нави тоҷик шинохта шавад. Ба гуфти устод Айнӣ, «ранги адабиё-

ти нав гирифтани забони тоҷикӣ дар наср аз Абдурraуфи Фитрат оғоз меёбад». Тадқиқоти муфассали Соҳиб Табаров бошад, андешаи мазкури устод Айниро батамом тақвият медиҳад.

Устод Табаров баъзе тадқиқоти солҳои охири худро эссе-эзоҳот, эссеи тадқиқотӣ номида, вазифаи онҳоро басе хоксорона кам карда нишон медиҳад. «Мавзӯи ин эссе-эзоҳот, – гуфта мешавад дар муқаддимаи «Се маорифпарвари тоҷик дар бораи амирони Манғит», – хеле мушаххас ва возеҳу муайян мебошад, яъне он танҳо кору амалиёти шахсии худи амирони сулолаи Манғитро дар бар мегирад. Масъалаҳои умумитаърихии ҳеҷ яке аз амирони ин сулоларо дахолат намекунад»(63, 4). Дар асл асарҳои мазкур дар тадқиқу омӯзиши таърихи адабиёти давраи нави тоҷик нақши муҳим бозида, ба муҳаққиқони адабиёту таърих, ба устодону донишҷӯёни макотиби олӣ ва толибилмони мактабҳои миёнаи ҳамагонӣ маълумоти кофӣ медиҳад.

Ҳамин тариқ, устод Табаров тавассути пайванди ногусастании фаъолияти бедареғи илмию таълимӣ ба таъсиси мактаби адабиётшиносии пурқуввате муваффақ гардид ва табиист, ки баҳри идома ва рушду нумуи минбаъдаи ин мактаб ҳамвора ҷаҳду талош карда, дар роҳи душворгузари илм як қатор шогирдони собитқадам ва масъулиятшиносу амиқандеш ба воя расонд. Ин аст,ки мактаби адабиётшиносии устод Табаров ба тавассути шогирдони варзида – Солеҳ Салоҳ, Барот Нозимов, Хайрулло Муҳибов, Раҳим Мусулмониён, Асадулло Саълуллоев, Худойназар Асозода, Абдулхай Маҳмадаминов, Абдуҷабор Раҳмонов бомуваффақият идома ёфт ва боиси мавқеи боз ҳам баландтар касб кардани ин мактаби илмӣ гардид. Худи устоди соҳибмактаб дар ҷое чунин қайд намудааст: «Ҳангоми дар университети ҷоноҷонам кор кардан (1948-1985) ҳашт номзади илм тайёр кардам. Баъдҳо онҳо сарварии шаш мактаби мустақили адабиётшиносиро ба дӯши хеш гирифтанд». Устод боз дар суҳбат ба адабиётшинос Боймурод Шарифов кӯшишу талош ва ғамхориашро баҳри идомаи ин мактаби илмӣ чунин тавсиф намудааст: «Ман ҳамеша олимони асилро мекобам. Қариб ҳамаи шогирдони камина дар илми

адабиётшиносии тоҷик мақому мартабаи хоси худро доранд. Масалан, профессор Раҳими Мусулмониён, ки шогирди камина мебошад, яке аз олимони машҳури Тоҷикистон аст. Ӯ мактаби махсусе ташкил намуд. Эстетикаи адабиёти классикии моро тадқиқ кард.

Шогирди дигарам профессор Худойназар Асозода аст. Пас аз дифои рисолаи номзадӣ ӯ ба Афғонистон сафар намуд. Мо бо ҳам пайваста мукотиба доштем. Дар номаҳоям ҳамеша ба ӯ таъкид мекардам, ки дар Афғонистон миллионҳо тоҷикон зиндагӣ мекунанд ва аксари онҳо аз Тоҷикистон рафтаанд. Барои ҳамин ҳам адабиётшиносиро омӯзед, таҳқиқ кунед ва ба ин восита робитаву ҳампайвандии адабиёти Афғонистону Тоҷикистонро мустаҳкам намоед. Хушбахтона, ин шогирд масъулияти вазнинро ба дӯш гирифт ва мактаби дуюмам пайдо шуд, ки номаш адабиёти муқоисавӣ мебошад.

Ё мактаби сеюмамро гирем. Солҳои сол дар дорулфунун курси матншиносиро дар гурӯҳи адабиёти Шӯравӣ мехондам. Яке аз масъалаҳои омӯзишу тадқиқаш муҳим масъалаи матншиносии адабиёти муосири тоҷик буд. Ва ҳозир ман хурсандам, ки яке аз мутахасисони ҳамин соҳа, шогирди камина духтури илми филология Аламхон Кӯчаров шуд. Яъне, бевосита мактаби сеюми тадқиқоти адабиётшиносӣ дар Донишгоҳи миллӣ ба вуҷуд омад, на дар ҷои дигар.

Омӯзиши афкори адабии суханварони муосири мо низ аз масъалаҳои камомӯхташуда мебошад. Банда, ки аз солҳои чилум боз ба накди адабӣ машғул будам, сари ин масъала пайваста фикр мекардам. Афкори адабии тамоми халкҳои ҷаҳонро, аз Юнони Қадим сар карда, то ба имрӯз дар заминаи муқоиса меомӯхтам. Диққати шогирдонро ҷалб мекардам. Хушбахтона, ба ин мавзӯъ каму беш ҷавонмарди боистеъдод Абдулҳай Маҳмадаминов машғул шуд. Ӯ афкори адабиётшиносии моро дар симои устод Айнӣ ба итмом расонид ва доктор шуд.

Шогирди дигарам профессор Асадулло Саъдуллоев мебошад. Ӯ зери роҳбарии камина дар масъалаи публитсистика, ки бо накди адабӣ пайванди хос дорад, рисолаи номзадӣ дифоъ кард. Имрӯз аллакай ӯ духтури илми филология аст.

Дар охири умр аз он шодмонам, ки Абдуҷаббор Раҳмонов (ҳарчанд ӯ зери роҳбарии дигарон рисолаи номзадӣ ва докторӣ навишт) пурарзиштарин кореро дар илми адабиётшиносии тоҷик ба итмом расонд. Адабиётшиносии муқоисавӣ, аз он ҷумла ҳамон мавзӯе, ки А.Раҳмонов интихоб кардааст, асоси тамоми навъҳои адабиёти бадеӣ аст. Душвории омӯзиши мифология дар он аст, ки бояд муҳаққиқ забонҳои бисёреро донад. Бесабаб нест, ки олимони Аврупо ва баъзан русҳо 15-20 забонро медонистанду медонанд. Муқоисаву муқобалаи адабиёти халқҳои гуногун дар натиҷаи донистани забон ба даст меояд. Хулоса, таъсири курси адабиётшиносии муқоисавиро, ки солҳои сол дар Донишгоҳ мегузаштам, дар симои Абдуҷаббор Раҳмонов мебинам» (71,71-72).

Дар ҳақиқат, мактаби адабиётшиносии устод Табаров ба тавассути ҷаҳду талош ва сахтгирию масъулиятшиносии беҳамтои соҳибмактаби худ, чунонки шарқшиносони барҷастаи чех Ян Рипка ва Иржи Бечка низ таъкид кардаанд, ба яке аз мактабҳои пурқувват ва бонуфузи Иттиҳоди Шӯравӣ ва Тоҷикистони соҳибистиқлол табдил гардид ва баъдҳо ба ҷумҳуриҳои исломии Эрону Афғонистон низ доман паҳн кард. Ба гуфти яке аз шогирдони ҳамин мактаб профессор Худойназар Асозода, «С. Табаров олими сатҳи баланд буда, дар муҳити илмии Тоҷикистон ҳамон мавқеъро дорад, ки дар адабиётшиносии Шарқи солҳои 30-60-уми шӯроӣ академикҳо В. М. Алексеев, А. П. Баранников, В А. Гордлевский, И. Ю. Крачковский, В. В. Струве, И. А. Орбели ва аъзо-корреспандентҳои АИ СССР А. А. Фрейман, А. Ю. Якубовский, Пигулевская, Тревер, Энгенгалрдт ва амсоли инҳо доштанд» (7, 162-163).

Ҳамин тариқ, намояндагони мактаби адабиётшиносии устод Табаров паҳлуҳои гуногуни илмҳои филологияи тоҷикро кашф карда ва рушду нумӯ бахшида, дар китоби таъриху фарҳанги Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳифаҳои рангину муътамад ворид намуданд. Ин мактаб алҳол дар айни рушд қарор дорад.

# МУҲАҚҚИҚИ НАҚДИ МАТН

Соҳиб Шуҳратиевич Табаров аз зумраи он олимони сертараддуду пурмаҳсулест, ки дорои тарзу усули ба худ хоси тадқиқоту пажӯҳиш мебошанд. Устод дар давоми умри бобаракати хеш мактаби илмие ба вуҷуд овард, ки эътибору иқтидори тадқиқотии он аз тарафи Ян Рипка, Иржи Бечка, Д.С.Комиссаров, Манфред Лоренс, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода барин донишмандону адибони муътабари ҷаҳонӣ эътироф гардидааст. Аз нигоҳи ин муҳаққиқи дақиқназар, пажӯҳишу тадқиқот дар тамоми намудҳои илмҳо, аз ҷумла дар ҳамаи намудҳои илми адабиётшиносӣ, ба қонун ва талаботи дақиқияту далелнокӣ, ҳуҷҷатнокию асоснокӣ ва нозукбиниву бурҳоннокӣ такя менамояд ва онҳо ҳама гуна баёноти подарҳаво, сохтаву бофта, ҷилодору шаъшаавор ва бардурӯғу қалбакиро рад мекунанд ва дастгирӣ намекунанд.

Дар ҳақиқат тадқиқоте, ки дар асоси ҳуҷҷатҳо, далелу бурҳон, манбаъ ва сарчашмаҳои сершумори хаттӣ, маводи бойгониҳову мукотиботи адибон ва коргоҳи эҷодии муаллифон бунёд ёфтаанд, зиёда эътимодноку боварибахш буда, дар ҳалли бисёр муаммоҳои мундариҷавию бадеӣ, услубию забонӣ ва ғоявию ҳунарии асари бадеӣ мусоидат доранд. Ва яке аз қисматҳои илми адабиётшиносӣ, ки дар асоси чунин таҳлили ҳуҷҷатӣ фароҳам меояд, матншиносӣ мебошад. Бинобар ин, табиист, ки як қисмати муҳимми фаъолияти илмии устод Табаровро тадқиқи нақди матн ё худ матншиносӣ ташкил медиҳад.

Яке аз вазифаҳои мубрами матншиносӣ дар асоси омӯзиши гуногун таҳия ва табъи матни саҳеҳу беолоиши асари бадеӣ мебошад. То миёнаҳои садаи XX матншиносон чунин ақида доштанд, ки нақду пажӯҳиши нусхаҳо ва таҳияи матни саҳеҳи осори нависандагони давраи нав зарурат надорад. Табаров С.Ш. дар байни адабиётшиносони Иттиҳоди Шӯравӣ яке аз аввалин олимоне мебошад, ки дар

асоси омӯзиши ҷиддии илмӣ ба чоп ҳозир кардани асарҳои адибони давраи навро ба миён гузоштааст. Устод ҳанӯз соли 1962 ба масъалаи чопи осори адибони садаи XX таваҷҷуҳ зоҳир намуда, камбудии матни маҷмӯаҳои шоирони мутаваффо М.Сарвар, Н.Шанбезода ва Б.Азизиро дар он медонад, ки: «Дар ҳеҷ яке аз ин ду маҷмӯаи номбаршуда («Ашъори мунтахаб»-и М.Сарвар ва «Шеърҳо»-и Н.Шанбезода - А.К.) ба қоидаҳои оддитарини ба чоп ҳозир кардани асарҳои нависандагони советӣ ва қонунҳои илми матншиносӣ риоя карда нашудааст»(66,161).

Масъалаҳое, ки устод Табаров оид ба накди матн пешниҳод намудааст, ҳама муҳим ва саривақтӣ буда, ба талаботи илмию фарҳангии ҷомеа мувофиқати комил доранд. Устод дар мақолаҳои «Барои дуруст омӯхтани мероси адабӣ» ва «Боз барои дуруст омӯхтани мероси адабӣ», ки ҳарду соли 1962 навишта шудаанд, танҳо масъалаи чопи оммавии осори адибони ибтидои садаи XX тоҷикро ба миён мегузорад. Зеро дар солҳои 60-уми асри гузашта дар бораи ду навъи чоп – чопҳои илмӣ ва илмӣ-оммавии адибони ин давра сухан рондан ҳанӯз барвақт буд. Баъди 15-20 сол, вақте ки чопи оммавии осори адибони давраи нав, як андоза ба роҳ монда шуд, муҳаққиқ диққати адабиётшиносон, таҳиягарон ва ноширонро ба чопи илмӣ, аз ҷумла чопи илмӣ-интиқодии осори С. Айнӣ ҷалб менамояд. «Дар айнишиносӣ дар марҳалаи ҳозира, - қайд намудааст муҳаққиқ дар мақолаи «Аввал чопи интиқодӣ, баъд луғат» (1977), - яке аз вазифаҳои муҳим ба чопи академии интиқодӣ ҳозир намудани осори нависанда мебошад, чунки бе чопи дурусту мукаммали тамоми мероси ин устоди бузурги адабиёт... на танҳо дар бораи тадқиқи комили эҷодиёт, балки дар хусуси ба вуҷуд овардани луғати пурраи ӯ сухан рондан имконнопазир аст» (46,142).

Дар ҳақиқат, вақте ки дар бораи ба вуҷуд овардани луғати устод Айнӣ сухан меронем, бояд матни пурраву илмии кулли эҷодиёти нависандаро дар даст дошта бошем, ки ин кори саҳлу осон нест. То давраи таълифи мақолаи «Аввал чопи интиқодӣ, баъд луғат» (нусхаи пурраи ин мақола дар ҷ. II

китоби «Ҳаёт, адабиёт, реализм» бо номи «Луғати Айнӣ ва баъзе масъалаҳои чопи осори нависанда» ба табъ расидааст), яъне то соли 1977 19 сол боз ҷилдҳои алоҳидаи Куллиёти 15-ҷилдаи С. Айнӣ ба табъ мерасиданд ва то ин вақт 12 ҷилди Куллиёти мазкур чоп гардида буд. Ба қавли С.Табаров, аз рӯи ин амалиёти нопурра мураттаб сохтани луғати осори Айнӣ имкон надорад. Зеро, аввалан, ин Куллиёт ба ҳеҷ ваҷҳ тамоми мероси бои адабӣ, таърихӣ, адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, санъатшиносӣ ва эпистолярии нависандаро фарогир буда наметавонад. Ғайр аз ин, дар ҳамон ҷилдҳои ба табъ расида низ саҳву хатоҳо, гуногунхониҳо ва дахолати мураттибону мусаҳҳеҳон ва муҳаррирон ба матни нависанда хеле бисёр аст. Мисолҳои барои тасдиқи фикр овардаи устод Табаров ҷолиб ва боварибахш буда, зарурати таъхирнопазири ба вуҷуд овардани матни илмии осори Айниро бо тамоми возеҳӣ собит месозанд. Аз ҷумла, дар матни куллиётӣ ба ҷои калима ва таркибҳои **мардака** (аз «Одина»), **бодгарон** (аз «Дохунда»), **чапдар** (аз «Ғуломон»), **акнун биоем ба сари моддаҳои эътироз** (аз «Ҷавоб ё ки мусоҳаба») омадани калима ва таркибҳои **мард, бодигарон, чандар ва акнун биоем ба сари муддао** боиси хароб шудан ва барҳам хӯрдани мазмун, услуб, мантиқ ва хусусиятҳои сарфию наҳвии ҷумлаҳои алоҳида гардидаанд.

Устод Табаров исбот мекунад, ки агар як қисми саҳву хатоҳои матни куллиётӣ беихтиёр сар зада бошанд, пас қисми дигари хатоҳо ва гуногунхониҳо аз беэътиборӣ, камҳавсалагӣ ва ҳатто, баъзан аз ноогоҳии мутасаддиёни чоп рух додаанд. Аз ин ҷиҳат, мулоҳизаҳои мунаққид атрофи калимаи **Люблин** ҷолиби диққат аст. Дар «Ҳангоми обод кардани харобиҳо расид» («Шуълаи инқилоб», 3.02.1921) ном мақолаи С.Айнӣ чунин ҷумла омадааст: «Имрӯзҳо миёнаи шаҳри Лублин ва Петроград роҳи оҳани барқӣ доир шудааст». Мураттибони Куллиёт дар шарҳнома чунин қайд мекунанд: Лублин - Люблин (дар Полша)"(5, 395).

Маълум, ки масофаи байни Петроград ва шаҳри Люблини Полша садҳо км. аст ва дар солҳои 1920-21, ки Россия худ дар торикистон мезист, байни Петрограду Люблин кашида-

ни хатти роҳи оҳан номумкин буд. «Дар порчаи боло, - қайд кардааст С. Табаров,- сухан дар бораи маҳалчаи атрофи назди Ленинград - Любан меравад, ки он аз Ленинград якчанд километр дуртар воқеъ аст. Аз як худи ҳамин мисоли одӣ маълум мегардад, ки фарқ карда натавонистани маҳалчаи Любан аз шаҳри калони Люблин ба чӣ гуна саҳви ҷуғрофӣ, таърихӣ ва амсоли инҳо меовардааст»(46, 144). Дар ҳақиқат, қисмати муҳимми матни илмии устод Айниро ташреҳот ва тавзеҳот ташкил медиҳанд, ки онҳо аз матншиносон меҳнати зиёд, дониши амиқ ва таҷрибаи бои таҳиягариро тақозо доранд.

Масъалаи дигари ҷиддиеро, ки С.Табаров оид ба матни илмии осори С.Айнӣ мавриди баррасӣ қарор додааст, ин муайян кардани принсипҳои сабт ва ҳамоҳангсозии калимаҳо ва вожаҳои хориҷӣ мебошад, ки дар асарҳои нависанда онҳо ду-се тарзи навишт дошта, баъзан, ба ҳадди фаҳмиданашаванда аз асл дур гаштаанд: Петруград-Петербурғ- Петроград; дошнокиюн-дашнакиюн-дашнакиён; Қолчоқ-Колчок-Колчак; Дутуф; Лӯндун; ҷанубии Исловиё...

Ҳамин тариқ, ҳанӯз солҳои 70-уми садаи XX С. Табаров роҳҳои ба вуҷуд овардани матни илмии осори пурбаракати С.Айниро дар асоси талаботи илми матншиносӣ муайян мекунад. Аммо то ҳол дар бораи ба вуҷуд овардани Куллиёти илмии аввалин Қаҳрамони Тоҷикистон қароре қабул нашудааст. Зиёда аз ин, Куллиёти 15- ҷилдаи устод Айнӣ, ки аз чопи ҷилди аввали он 45 сол сипарӣ шудааст, ҳанӯз нотамом аст.

Соли 1978 матни илмии «Мухтасари тарҷимаи ҳоли худам» ном асари устод Айнӣ (бо пешгуфтори Муҳаммад Осимӣ ва кӯшишу эҳтимом ва дебочаи Камол Айнӣ) ба табъ расид. Ин матн бо хатти арабиасоси тоҷикӣ буда, аз рӯи дастхати нависанда китобат шудааст. Устод Табаров дар «Икдоми нек» ном тақризи худ зимни нишон додани бурду бохти матни илмии «Мухтасари тарҷимаи ҳоли худам» боз ба як қатор масъалаҳои мубрами матншиносии тоҷик дахл мекунад. Аз ҷумла, дахолати шахси беруна ба матни нависанда, ки хилофи қонунҳои матншиносӣ мебошад, дар матни илмии «Мухтасари тарҷимаи ҳоли худам» камтар мушоҳида

мешавад. Вале, мувофиқи тадқиқоти С.Табаров, дар матни илмии «Мухтасари тарҷимаи ҳоли худам» низ баъзе хатоҳои хурду калон роҳ ёфтаанд. Аз ин рӯ, муқарриз дар адабиёти давраи нави тоҷик масъалаи ба вуҷуд овардани нусхаи факсимил ё аккосиро ба миён мегузорад, то хонандаи мутахассис ба матни тамоман беолоиш, ки дастхати муаллифро иваз карда тавонад, сару кор дошта бошад. «Аммо дар оянда матни аккосӣ, факсимиле ва ё матни аслии чунин асарҳоро ба чоп ҳозир кардан беҳтар мебуд, то дар ҳангоми нусхабардорӣ ва покнавис кардани чунин асарҳо саҳву хатоҳои хурду калон ва гоҳо дағал ба вуқуъ наоянд. Барои ба ин мақсад ноил гардидан малакаи хеле калони илмӣ, махсусан илми матншиносӣ доштан лозим аст» (46, 147).

Мутаассифона, ҳоло ҳам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сабаби қобили истифода набудани бойгониҳои адибон имконияти ба вуҷуд овардани матнҳои илмии осори нависандагони садаи бистум фароҳам наомадааст. Мутахассисон маҷбуранд, ки асарҳои нависандагонро танҳо аз рӯи матнҳои чопӣ таҳия намоянд. Аз ин ҷиҳат, матни саҳеҳи китоби «Таҳзиб-ус-сибён» ном китоби С.Айнӣ, ки дар таҳияи С. Табаров (Душанбе: Маориф, 1994.-46с.) ба табъ расидааст, ҷолиби диққат аст. Дар пешгуфтори таҳиягар таърихи китобат ва чопҳои пешини асар бо тамоми амиқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Маълум мешавад, ки «Таҳзиб-ус-сибён» бо қарори ширкати «Бухорои шариф» чун китоби қироат барои нахустин мактабҳои ҷадидияи Бухоро таълиф гардида, дар зарфи ҳафт сол ду маротиба рӯи чопро дидааст. Асар дар Самарқанд бори аввал июли соли 1910 дар матбааи «Новое дело» бо теъдоди 2000 нусха ва бори дувум моҳи декабри соли 1917 дар матбааи Газаров ба табъ расидааст. Чопи дувум аз тарафи нависанда ҷиддан таҳриру тағйир ёфтааст. Ба гуфти устод Табаров, «дар қисми дувуми асар, ки дар чопи аввал нест, дар бораи оилаи Муҳаммадюсуф сухан меравад, инчунин ҳикояҳои пандуахлоқӣ, мукотибаи оилаи Муҳаммадюсуфро дар бар мегирад.

Нависанда ҳангоми ба чопи дувум тайёр намудани «Таҳзиб-ус-сибён» баъзе калимаву таркибҳои бемавқеъро ба

муродифҳои мақбулашон иваз менамояд. Ва таҳиягар, то ки хонандаи мутахассис раванди таҳрири нависандаро баръало мушоҳида намояд, шакли аввалро низ дар қавсайн қайд менамояд: «Аз мардум намеранҷад, ба зердастон шафақат ва меҳрубонӣ намуда, дуруштӣ (дар чопи 1910 хушунат– С.Т.) ва бадмуомилагӣ ҳаргиз намекунад»(15).

Забони «Таҳзиб-ус-сибён» сода ва равон буда, ба завқу фаҳми хонандагони синни хурди мактабӣ комилан мусоидат дорад. Ин аст, ки дар охири асар ба овардани қисмати «Эзоҳот» ё «Луғот» зарурат намондааст. Баъзе калимаву таркибҳо ва мафҳумҳои эзоҳталаб бошанд, дар поварақ шарҳ ёфтаанд: 1. Моеу тин – обу хок – С.Т. Умуман, матни саҳеҳи осори С.Айнӣ ба аҳамияти калон молик буда, барои чопҳои минбаъдаи илмӣ ва илмӣ-оммавии асари мазкур чун заминаи боэътимод қимат дорад.

Фаъолияти матншиносии С.Табаров танҳо бо таҳия ва чопи осори адибон маҳдуд намешавад. Дар мақолаҳои алоҳидаи муҳаққиқ, аз ҷумла дар «Матни аслии «Суруди озодӣ» кадом аст?», «Ислоҳи як ғалат», «Таърихи эҷоди «Парии Бахт», «Таърихи эҷоди «Мӯр ва офтоб», як қатор муаммоҳои накди матн, чун иродаи эҷодии нависанда, истифодаи тавзеҳоту ташреҳот, мавриди тадқиқи ҷиддӣ қарор гирифтаанд. То мақолаи С.Табаров «Матни аслии «Суруди озодӣ» кадом аст?» чи дар китобҳои дарсӣ ва чи дар асарҳои илмӣ нусхаҳои гуногуни ин шеър истифода гардида, он гоҳо «Суруди озодӣ» ва гоҳо «Марши ҳуррият» ном бурда мешуд. Дар ҷилди 8-уми Куллиёти 15-ҷилдаи Айнӣ нусхаҳои аввал ва охири «Суруди озодӣ» дар қисмати тавзеҳот пурра дарҷ гардида, нусхаи дувуми он он ба сифати матни асосӣ қабул шудааст, зеро, ба гуфти мураттибон «дар таҳрири дувум муаллиф иттиҳоди ранҷбару деҳқонро, ки асоси Ҳокимияти Советӣ мебошад, дар навбати аввал гузаштааст»(3, 493).

*Интиқом, интиқом, эй рафиқон!*
*Эй ҷафодидагон, эй шафиқон!*
*Баъд аз ин дар ҷаҳон ҳукмрон бод,*
***Ранҷбар, барзгар бо тифоқ!***

Вале устод Табаров исбот кардааст, ки матни асосии «Суруди озодӣ» матне мебошад, ки дар он иродаи охири шоир акс ёфтааст:

*Интиқом, интиқом, эй рафиқон!*
*Эй ҷафодидагон, эй шафиқон!*
*Баъд аз ин дар ҷаҳон ҳукмрон бод,*
***Пролетар, пролетар, пролетар!***

«Ба сабаби он ки, - изҳор доштааст С.Табаров, - устод Айнӣ бори охирин дар соли 1935 «Марши ҳуррият»-ро таҳрир карда, номи онро «Суруди озодӣ» гузоштааст ва дар баъзе бандҳо ва ҳатто дар банди васила, ки онро худи муаллиф нақарот номидааст, тағйирот даровардааст..., ба хонандагони муосир ва оянда бидуни иродаи охирини устод Айнӣ аз нав пешниҳод кардани чи матн ва чи номи собиқаи он хилофи талаботи илми матншиносӣ мебошад»(47). Соли 1978 нашриёти «Ирфон» ба муносибати 100-солагии устод Айнӣ «Суруди озодӣ»-ро ба сифати китоби алоҳида ба 15 забони ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ нашр намуд, ки матни тоҷикии он мувофиқи пешниҳоди С. Табаров дар асоси иродаи охирини нависанда чоп гардидааст.

Фаъолияти матншиносии устод Табаровро мулоҳизаҳои муҳаққиқ оид ба санагузории матн боз ҳам тақвият медиҳад. Санагузории матн, ба қавли адабиётшинос, бояд хеле аниқ, дақиқ ва муътамад бошад, зеро дар он таърих ва шароити эҷоди асар инъикос меёбад. Нодуруст нишон додани он хонандаро ба ғалат андохта, боиси баҳои беасоси танқиди адабӣ ба эҷодиёти адиб мегардад. Устод Табаров дар мақолаи «Таърихи адабиёти тоҷики асри бистумро бояд ба вуҷуд овард» чанд санаи хаторо оварда, аз ҷумла, менависад: «Раҳимӣ ғазали «Тиллокамарон»-ро дар охири солҳои сиюм эҷод намуда бошад ҳам, дар маҷмӯаи ӯ - «Шеърҳои интихоб кардашуда» (Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1940) дар зери он «соли 1919» навишта шудааст»(65, 135).

Табиист, ки дар адабиёти илмиву китобҳои дарсӣ барои

мактаби миёна низ ба «Тиллокамарон» чун ба аввалин шеъри М.Раҳимӣ баҳо дода шудааст. Бинобар ин, С.Табаров матншиносон ва таҳиягаронро водор менамояд, ки ҳатто ба санаи аз тарафи адибон ба асарашон гузошта низ назари танқидӣ дошта бошанд.

Дар баробари ин, устод Табаров як зумра адибонеро номбар мекунад, ки нисбат ба санагузории матнҳояшон ниҳоят дақиқ ва боэътиборанд. Ва аз санагузории «Намунаи адабиёти тоҷик» («Сарсухан -15 марти соли 1925; охири сарсухани қисми дувум - 17 майи 1925; як - ду сухан дар бораи қисми севум - 12 августи 1925; охири феҳраст - Самарқанд, тамом, 1925, 12 октябр, Айнӣ») маълум мешавад, ки С.Айнӣ дар Самарқанд дар таълифи ин китоб 211 рӯз сарф намуда будааст. Аз санагузории «Евгений Онегин» бошад («Соли 1823, 9 май, Кишинев, соли 1823, 25 сентябр, Болдино, 4 моҳу 17 рӯз»), чунин бармеояд, ки А.С. Пушкин дар Кишиневи Молдавия ба навиштани ин романи манзум оғоз намуда, онро дар мулки меросиву хусусии худ – деҳаи Болдинои губернияи Нижний Новгород ба охир расонидааст ва эҷоди асар чор моҳу ҳафдаҳ рӯзро фаро мегирад. Чунин мулоҳизаҳо муҳаққиқро ба хулосае меорад, ки: «Дар охири чопи матнҳои чи илмиву интиқодӣ, чи илмиву оммавӣ, чи мактабии асарҳои бадеӣ ва монанди онҳо санаи оғоз ва итмоми эҷоди онҳоро гузоштан зарур ва лозим аст»(65,137).

Устод Табаров агар дар мақолаҳои номбурда муаммоҳои алоҳидаи матншиносии адабиёти давраи нави тоҷикро мавриди таҳлилу тадқиқ кароp дода бошад, пас, дар «Методи таҳлили асари бадеӣ» ном китобаш мавқеъ ва моҳияти нақди матнро дар тадқиқи адабиётшиносӣ ба таври возеҳ баён месозад. Дар ҳақиқат, мавқеи таърихи матн, ки предмети омӯзиши матншиносӣ мебошад, дар тадқиқи таърихи адабиёт ва баррасии қонуниятнокии тафаккури бадеӣ ниҳоят калон аст. Вақте ки асари бадеӣ дар таҳрири охирин не, балки дар ҳаракат, дар ҷараёни ташаккул ва барқароршавӣ омӯхта мешавад, қонуниятнокӣ ва заминаи эстетикиву иҷтимоии асар, инчунин давраҳои фаъолияти эҷодии муаллифи он амиқтар ошкор гардида, ҷиддитарин баҳсҳои адабиётшиносӣ

бомуваффақият ҳал мегардад. Бинобар ин, тадқиқи таърихи матн ҳоло тамоми паҳлуҳои омӯзиши асари бадеӣ чун образҳо, хатти амалиёт, бандубаст ва забону услуби асарро фаро гирифта, бо ҳамин дар адабиётшиносӣ як соҳаи самараноки таҳлили филологиро ба вуҷуд овардааст. Устод Табаров ҳамин нуктаро дар назар дошта менависад: «Бе матни қонунӣ, бе муайян кардани асли асар (бе атрибутсия), бе омӯзиши тамоми вариантҳои асари бадеӣ ва монанди онҳо доир ба тамоми хусусиятҳои ғоявию тематикӣ, адабию бадеӣ ва фалсафию эстетикии он изҳори ақида намудан ва дар бораи он ба хулосаи мукаммал ва аниқ омадан кори ниҳоят мушкил аст» (55,117).

Агар ба тадқиқоти пурбаракати Табаров С., алалхусус, ба «Пайрав Сулаймонӣ» (Очерки ҳаёт ва эҷодиёт) ном рисолаи бунёдии устод таваҷҷуҳ намоем, боиси амиқрафти таҳлили филологӣ гардидани нақди матнро баръало эҳсос менамоем. Аз варақҳои ин тадқиқоти пурмуҳтаво бармеояд, ки мутасаддиёни чопи маҷмуаҳои Пайрав Сулаймонӣ бисёр калима, таркиб ва ҳатто порчаҳои алоҳидаи муаллифро ё тағйир додаанд ё аз матн ихтисор кардаанд ва барқарор намудани матн фаъолияти сангинеро ба уҳда доштааст. Ҷои таассуф аст, ки дастовардҳои С. Табаров оид ба нақди матни ашъори Пайрав дар чопҳои минбаъдаи маҷмӯаҳои шоир ба эътибор гирифта нашудааст. Масалан, муҳаққиқ дар бораи номи манзумаи «Ҷумҳурияти Тоҷикистон ва матбуоти ранҷбарии тоҷик» дар поварақ чунин ишора дорад: «Дар достони номбаршуда дар маҷмӯаҳои солҳои 1941, 1949, 1954, 1959 бе ҳеҷ асос ва сабаб калимаи «ҷумҳурият» ба «республика» иваз карда шудааст». Ё худ муҳаққиқ аз достони мазкур байти:

*Ӯ боҷситони Чину Эрон,*
*Фармонравои Ҳинду Афғон-ро*

оварда, дар поварақ таъкид мекунад, ки: «Дар «Қадам ба панҷсолаи дувум» ин мисраъҳо пасу пеш омадаанд. М.Турсунзода... онҳоро аз маҷмӯаи ашъори соли 1941 берун кардааст. Аз ҳамин сабаб аз маҷмӯаи солҳои 1949 ва 1959

низ ин байт гирифта шудааст. Ба сабаби он ки ин байт ба мавзӯи мустамликадорӣ вобастааст ва худи Пайрав онро аз ашъораш берун накардааст, аз достон гирифтани он, ба назари мо, ҷоиз нест»(54,158). Аммо дар маҷмӯаҳои баъдина, аз ҷумла дар Девони Пайрав (Душанбе: Ирфон, 1971) ва маҷмӯаи «Қаламам умри ҷовидони ман аст» (Душанбе: Адиб, 1989), на танҳо дархостҳои устод Табаров ба инобат гирифта нашудааст, ҳатто аз манзумаи мазкур боз чанд байти дигар ихтисор гардидааст.

Ҳамин тариқ, устод Табаров дар ҷараёни фаъолияти илмӣ-тадқиқотии худ мавқеи нақди матнро дар омӯзишу баррасии адабиёти давраи нави тоҷик муайян намуда, роҳҳои ба таҳлили филологӣ ҷалб намудани ин соҳаи илмро нишон дод ва бо ҳамин дар инкишофу такомули назария ва амалияи матншиносии тоҷик саҳми муносиб гузошт.

*Соли 2004*

## САҲМИ МУНОСИБ ДАР АЙНИШИНОСӢ

***(**Тақриз ба китоби С.Табаров «Романи «Ғуломон»-и С.Айнӣ ҳамчун романи таърихӣ». –Душанбе: Адиб, 2005. – 125 с.)*

Устод Садриддин Айнӣ дар як давраи басо мураккаб ва ҳассоси таърихӣ умр ба сар бурда, чун шахсияти воломақоми фарҳангӣ назди халқу ватани хеш масъулияти зиёде ба дӯш дошт. Аз ин рӯ, аз аввалин асарҳои бадеии насриаш ба тарзи реалистӣ ва воқеии тасвир рӯ меорад ва ин шеваи баён дар асарҳои минбаъдаи нависанда торафт мавқеъ пайдо карда, ба дараҷаи услуби фардии адиб такмил меёбад. Устод Айнӣ ҳанӯз дар матни аввали қиссаи «Одина» (1924-25) навишта буд: «Дар тавсифи Гулбибӣ қалами худ, ки намунаи қалами шоирони Шарқ аст, маҳмил намоем, қади ӯро сарву рӯи ӯро гул, мӯи ӯро сунбул, лабашро лаъл ва занахдонашро себ ном ниҳем, фақат ба ҳақиқат назар карда шавад, ин ташбеҳот дар боби як духтаре, ки бинандаи худро дар тапиш меандозад, ғояти пастҳиматона ва ғояти ҳақношиносона аст» (5,133). Ҳамин тамоюли услубии аз муболиға ва хаёлоти шарқӣ даргузашта, ҳар чизро монанди будаш намоён кардан нависандаро водор менамуд, ки ҷанбаи ҳуҷҷатию таърихии асарҳои бадеияшро мустаҳкам намуда, роҳҳои мувофиқи ба мундариҷаи бадеӣ созгор намудани ҳодисаву воқеаҳои таърихиро ҷустуҷӯ намояд.

Ҷанбаи таърихии насри бадеии устод Айнӣ таваҷҷуҳи бисёр адабиётшиносон ва мунаққидони осори нависандаро ба худ ҷалб намудааст. Дар байни онҳо асари монографии мунаққид Соҳиб Табаров «Романи «Ғуломон»-и Айнӣ ҳамчун романи таърихӣ», ки соли 2005 аз тариқи нашриёти «Адиб» дар ҳаҷми 7,5 ҷузъи чопӣ ба табъ расидааст, мавқеи арзанда дорад. Муаллиф дар «Пасгуфтор»-и тадқиқот чунин қайд кардааст: «Рисолаи «Романи «Ғуломон» ҳамчун романи таърихӣ» маҳсули тадқиқоти шогирдонаи роқими ин сатрҳо аст, ки дар солҳои 1947-1948 навишта ва дар соли 1949 дар

Институти шарқшиносии Академияи илмҳои ИҶШС бо роҳбарии профессор Е.Э.Бертелс барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои филология дифоъ гардидааст»(55, 236). Вале муҳтавои риола аз як муҳаққиқи комилу варзида шаҳодат медиҳад. Хонанда аз муқаддима, қисматҳои асосӣ ва хулосаи рисола оид ба моҳияти таърихии насри С. Айнӣ, махсусан ҷанбаи воқеии романи «Ғуломон» маълумоти амиқ гирифта, айни ҳол ба тарзу усули истифодаи асноду далелҳои таърихӣ дар асарҳои бадеии нависанда шинос мешавад. Мувофиқи тадқиқот, ҳеҷ нависандаи тоҷик дар асарҳояш воқеаҳои таърихиро ба мисли устод Айнӣ чунин моҳирона ва ба таври васеъ истифода накардааст.

Дар «Ҷаллодони Бухоро», «Одина» ва «Дохунда» барин асарҳои пеш аз «Ғуломон» ба вуҷуд омада низ тасвири воқеаву ҳодисаҳои таърихӣ беш аз пеш такмил ёфтаанд. «Ин гуна сол то сол аз «Одина» сар карда то «Ғуломон» васеъ интихоб кардани ҳодисаҳои воқеиву ҳаётӣ ва таърихӣ ва махсусан равшан инъикос намудани образи қаҳрамони асосии ҳар яке аз ин асарҳо аз тараққӣ кардани маҳорату истеъдод, дарку фаҳмиш ва инкишофу пешравии чи маҳорат ва чи ҷаҳонбинии бадеии нависанда шаҳодат медиҳанд»(55,104). Дар фаслҳои Y ва Y1 рисола романи «Ғуломон» дар партави воқеаҳои таърихӣ таҳлилу тадқиқ гардида, моҳияти асар чун романи таърихӣ ба таври возеҳ ошкор мешавад. Дар роман ҷараёни зиндагӣ ва муносибатҳои иҷтимоии халқи тоҷик дар зарфи зиёда аз 100 сол (аз солҳои 1824-45 то соли 1933) ба тасвир омадааст. Устод Табаров бошад, барои боз ҳам амиқтар намудани асосҳои мавзӯӣ ва мундариҷавии роман муносибатҳои ғуломдорӣ ва канизфурӯширо дар Осиёи Миёна аз асри ХУ1 сар карда тадқиқ менамояд ва таъкид мекунад,ки дар натиҷаи табаддулоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва хоҷагии дар ин аҳд миёни Эрону Мовароуннаҳр ба амал омада муносибатҳои ғуломдорӣ шакли сиёсӣ ва мазҳабӣ гирифт. Ин ҳодисаҳои нангину фоҷиавӣ дар Осиёи Миёна, аз ҷумла дар Бухорои амирӣ, то соли 1880 давом кард: «Ин беадолатиҳои таърихиро, – қайд кардааст устод Табаров, –

муоҳидаҳои сулҳи байни Русия ва аморати Бухоро ва Русияву хонигарии Хева ислоҳ менамояд»(55, 120). Мувофиқи шартномаи сулҳи амир Музаффар аз таърихи 23 июли 1868 ва Муҳаммад Раҳимбии 11 аз таърихи 12 августи соли 1873 бо генерал-губернатори Туркистон К.П.Кауфман тарафҳо аҳд карданд, ки «дар муддати 12 сол ғулому каниз ва чӯриҳои дар дасти хӯҷаинонашон бударо тамоман озод намоянд»(55, 120).

Устод Табаров фасли дувуми қисмати панҷуми тадқиқоташро «Вариант ва таҳрири «Ғуломон» ном ниҳода, дар он ҷараёни таҳаввул ва такомули асарро дар се нусха – ҳикояи «Қулбобо ё ки икки озод» (1928), романи «Қуллар» (1934) ва романи «Ғуломон»(1935) ба мушоҳида мегирад ва аз се ҷузъи чопии ҳикоя аввал ба бисту панҷ («Қуллар») ва баъд ба сию нуҳ ҷузъи чопӣ («Ғуломон») расидани асар муносибати нависандаро ба тасвири воқеаҳои таърихӣ муайян менамояд. Дар нусхаи тоҷикӣ лаҳза, лавҳа ва ҳатто эпизодҳое мавҷуданд, ки онҳо дар «Қуллар» тамоман ба кор бурда нашудаанд ва мавҷуд нестанд. Аз ин ҷиҳат, дар таҳрири тоҷикии асар дохил намудани лаҳзаи «Моҷарои канизак Ҷаҳоноро», ки ба тавассути дастрас намудани ривоят-маҳзари хариду фурӯши як канизак ба вуқӯъ пайвастааст, ҷолиби диққат аст: «Ман ин ҳуҷҷати муҳимро оид ба фурӯши ғуломон баъди он ки варианти ӯзбекии «Ғуломон» -ро ба охир расонда, онро ба нашриёти Ӯзбекистон супоридам, дастрас кардам», –қайд кардааст устод Айнӣ. Нависанда ин ривоят-маҳзарро, ки дар он Эшони аълам ва се муфтии дигар муҳри худро пахш кардаанд, дар таҳрири тоҷикии «Ғуломон» дар шакли бадеӣ дохил менамояд. Лаҳзаи «Моҷарои канизак Ҷаҳоноро» дар байни боби Х11 қисми якуми роман омада, ба такмили мундариҷавии ин боб ва, умуман, ба мазмуни ғоявии асар таъсири амиқ расондааст. Хонанда маҳз дар ҳамин порча ба тавассути тасвири комили бадеӣ ба дараҷаи нестӣ расидани ҳуқуқи инсони меҳнатиро дарк карда, ба моҳияти ғуломтозию ғуломфурӯшӣ мароқи бештаре зоҳир менамояд. Соҳибназар, ки канизаки харидаашро соҳиби аввалааш пас намегирад, мегӯяд: «Агар касе

асперо аз касе бихарад ва он асп шабкӯр бошад, ё бадном барорад, ҳақ дорад, ки аспро ба соҳибаш гардонда диҳад ва пули худашро гирад. Ин канизакро ҳам, ки як моли 52-тилоӣ аст, иллате пайдо шудааст, бояд шумоён бозпас гирифта пули маро диҳед» (3, 84).

Қисмати шашуми асар, ки «Мундариҷаи романи «Ғуломон» ва тасвири ҳаёти халқи тоҷик дар он» ном дорад, хусусияти таърихии романи «Гуломон»-ро басо мувофиқ ҷамъбаст менамояд. Устод Табаров ҳар як лавҳаву лаҳзаи мундариҷа, хатти сужет ва амалиёту муносибати образҳои романро ба сарчашмаҳо ва далелҳои таърихӣ қиёс намуда, асосҳои воқеии асарро муайян менамояд. Махсусан хариду фурӯши ғуломону канизон дар корвонсарои «Поиостона»-и Бухоро ба қонуниятҳои таърихии адабиву бадеӣ пурра мувофиқат мекунанд. Вақте ки ғуломҷаллоби хевагӣ Муҳаммад Каримбой як ғуломбачаи 16-сола ва як канизаки 14-соларо ба амир Ҳайдар пешкаш намуда, ба фурӯхтани ғуломону канизакон иҷозат мегирад, ба корвонсарои «Поиостона» аз гирду атрофи Бухоро харидорони зиёде ҷамъ меоянд ва бозори ғуломфурӯшӣ чунон гарм мешавад, ки «дар аввали бозор ду ғулом, ки дар вақтҳои одӣ ба 60 тило мерафтанд, ҳар кадом ба 120 тило фурӯш ёфтанд». Аз ин рӯ, Абдураҳимбой барин ғуломҷаллобон дар фикри паст карда-ни нархи ғуломону канизон меафтанд ва овоза мекунанд, ки бештари ин ғулом ва канизон суннӣ буда, дар мазҳаби Имоми Аъзаманд ва аз хоки Афғонистонанд.» Дар ҳақиқат, аксари ғуломон ва канизакони ба фурӯш монда, аз ҷумла Раҳимдоди ҳафтсола, аз ҷиҳати мазҳабу эътиқод суннӣ буданд ва шариати ислом ба сифати ғулом ва канизу ҷӯрӣ фурӯхтани онҳоро манъ карда буд. Аз тарафи дигар, табааи Афғонистонро, ки шоҳи он ба аморати Бухоро муносибати неки дипломатӣ дошт, дар бозорҳои ғуломфурӯшии Бухоро ба сифати ғулом ё каниз фурӯхтан мумкин набуд. Бинобар ин, ғуломтозон ва ғуломфурӯшон асирони суннии Афғонистонро маҷбур мекарданд, ки ба гӯиши эронӣ чанд калимаи заруриро аз бар намуда, худро мутааллиқи мазҳаби шиа шуморанд. «Ҳамин тавр,– омадааст дар роман,– ба во-

ситаи дӯғу пӯписа, задану ҷазо додан, истинтоқ кардан ва танбеҳҳои сахт асирони ҳиротӣ дар муддати як ҳафта –даҳ рӯз тамом як эронӣ барин набошад ҳам, 15-20 калимаро, ки дар аввали гуфтушунид даркор мешаванд, бо лаҳҷаи Эрон гап зада метавонистагӣ шуданд. Сунниён номҳои панҷ тани олӣ або ва дувоздаҳ имомро ба тартиб ёд гирифтанд» (3,44).

Бинобар ин, даллолон «шиа» будани ғуломон ва канизони ба фурӯш монда, аз ҷумла Раҳимдоди хурдсолро, ки номашро Неқадам монда буданд, ба осонӣ «исбот» намуданд. Ва Абдураҳимбои ғуломҷаллоб итминон пайдо кард, ки ғуломбачаи харидагии ӯ – Неқадам шиа ва маҳалли зисташ Данивари Эрон мебошад.

Дар рисола лаҳзаҳои муассири тасвири «Ғуломон» муфассал ва амиқ таҳлил гардида, бо ҳамин моҳияти иҷтимоӣ ва услуби воқеии тасвири роман бо тамоми возеҳӣ таъкид меёбад. Аз ҷумла, устод Табаров лаҳзаи ба дасти Неқадам задани тамғаро ба тадқиқ гирифта, ба хулосае меояд, ки: «Дар айни замон нависанда ба тасвири лаҳзаи ба ваҳшонияти ношуниданӣ ба банди дасти Неқадам пахш кардани тамғаи тафсонда бори дигар тасдиқ мекунад, ки дар давраи амирӣ сарватмандон дар байни ҳайвонот ва канизону ғуломони худ ҳеҷ ягон фарқеро намедиданд»(62,164).

Дар ҳақиқат, лаҳзаи ба дасти Неқадам задани тамға яке аз муассиртарин лаҳзаҳои «Ғуломон» мебошад, ки аз маҳорати барҷастаи нигорандагии нависандаи он гувоҳӣ медиҳад. Хонандаи имрӯз аз тасвири ин лавҳа моҳияти ғуломию канизиро, ки дар ҷомеаи асримиёнагӣ шакли қонуниро гирифта буд, басо хуб эҳсос намуда, то метавонад, баҳри ҳифзи шарафу номуси инсонии худ кӯшиш менамояд. Абдураҳимбой ба воситаи тамғаи думчадори наълшаклаш, ки бо он молҳои ба Русия фиристодааш, ҳамаи гӯсфандон, галаи аспҳо, қатори шутурҳо ва ғуломону канизонашро нишона мекард, Неқадами хурдсолро ҳам нишона карда ба қатори молҳои тамғадор ва гумнашавандааш медарорад: «Набӣ Полвон Неқадамро пуштнокӣ ба замин хобонд ва бо ёрии Қалмоқоим дасту поҳояшро ба замин пахш кард. Пас аз он Набӣ Полвон тамғаи дар оташ тафсонда суп-сурх шударо аз

думчааш бо анбӯр бардошта ба банди дасти Неқадам пахш кард. Бача бо ҳавли ҷон чирросзанон фарёди ҷонгудозе баровард. Пас аз он нафасаш ба дарун афтод. Пас аз он қадре осуда шудагӣ барин шуд. Бача аз ҳуш рафта буд.

Набӣ Полвон тамғаи ба дасти бача часпондамондаро, чунонки муҳри ба сурғучи гудохта пахш карда шударо бардорад, бо зӯр канда гирифт. Ҷои доғшудаи бачаро Қалмақоим намади сӯхта пахш кард»(3,108).

Абдураҳимбой Неқадамро бо нархи 60 тило харид ва ӯро тамға зада, ба қатори дигар ғуломон ва канизони зархаридаш ҳамроҳ намуд. Бой аз ин муносибатҳои нангини ҷомеаи феодалӣ оид ба ҳуқуқҳои инсонӣ ҳарчи бештар истифода кардан хоста, дар фикри бо роҳи осон ва бехарҷи зиёдатӣ зиёд намудани саршумори ғуломону канизонаш меафтад ва дар баробари ғулому канизони зархарид боз соҳиби ғулому канизони хоназод шудан мехоҳад. Абдураҳимбой хурсандӣ ва қаноатмандиашро аз ин «кашфиёти худ» чунин ифода мекунад: «Агар ман 25 ҷуфт ғулом ва канизакони миёнсоламро бо якдигарашон қатӣ карда фиристонам, Худо диҳад, дар даҳ сол аз ин ҷо 150 нафар ғулом ва канизакони хоназод мерӯяд. Ана ҳамин кор барои мо тӯи ҳақиқӣ мешавад»(3, 165).

Ҳарисӣ ва манфиатҷӯии Абдураҳимбой ҳадду канор надорад. Ӯ барои ҳарчи зиёдтар соҳиби ғуломони хоназод шудан на танҳо Неқадам ва Гулсум барин ғуломону канизони муқаррариро ба якдигар хонадор мекунад, ҳатто Калмоқоим ном зани худро, ки аз ҳисоби канизон буд, ба Ашӯр ном ғуломи зархаридаш хонадор мекунад.

Устод Табаров воқеаҳои асарро оид ба зиёд кардани ғуломону канизони хоназод бо роҳи хонадор кардани ғуломону канизони зархарид муфассал ба тадқиқ гирифта, асосҳои воқеӣ ва таърихии тасвири нависандаро нишон медиҳад. Дар баробари ин, муҳаққиқ хизмати адибро дар корбурди истилоҳоти **ғулому канизаки зархарид, ғулому канизаки хоназод, мардикор, духтархона, мукотиба, ғумо** шарҳ дода таъкид мекунад, ки вожаҳои мазкур то инқилоби Октябр дар муносибатҳои табақавии ҷомеаи тоҷикон дар ис-

тифода будаанд ва баъзеи ин истилоҳот маҳз ба тавассути нависандаи «Ғуломон»ба замони мо омада расидаанд: «Ба фикри банда,– қайд кардааст устод Табаров,– агар С.Айнӣ намебуд, дар ҳаёти ҷамъиятӣ, дар таърихи забони тоҷик қариб касе аз истилоҳи «Ғуломи хоназод» (ғайр аз «ғуломи зархарид»-и ба пули нақд харида шуда) огоҳӣ намеёфт»(62, 183).

Ҳамин тариқ, устод Табаров тамоми ҳодисаву воқеаҳои дар «Ғуломон» тасвир гардида, аз ҷумла ҳаракати ҷадидон, «воқеаи Колесов», ҷанги шаҳрвандӣ ва ҳаракати пантуркистӣ, тақсимоти ҳудуди миллӣ ва ислоҳоти замин дар Осиёи Миёна, инчунин ба вуҷуд омадани сохти колхозиро дар атрофи Бухоро вобаста ба ҳақиқати таърихӣ ба тадқиқ мегирад ва мундариҷаи романро ба асарҳои зиёди таърихшиносону мардумшиносони барҷастаи ҷаҳон муқоиса карда ба хулосае меояд, ки: «Нависанда... воқеиятро, чи қадар талх бошад ҳам, ҳаққонӣ мегӯяд, вайрон ва таҳриф намекунад, ба ҳар як ҷузъ, лавҳа, лаҳҷа ва колорити миллӣ росту дуруст баҳо ва шарҳу эзоҳ медиҳад ва бо ҳамин аввалин романи муҳташами таърихиро дар адабиёти тоҷик ба вуҷуд меорад» (62, 226).

Бинобар ин, рисолаи «Романи «Ғуломон»-и Айнӣ ҳамчун романи таърихӣ» тадқиқоти комилу пурмуҳтаво буда, бо масъалагузорӣ, баррасии амиқ, хулосаҳои мушаххаси илмӣ, дастовардҳои муътамади назарӣ ва фарогири умдатарин масоили романи таърихӣ дар айнишиносӣ ва, умуман, адабиётшиносии тоҷик мавқеи сазовор дорад.

*Соли 2005.*

## АБДУЛВОҲИДИ МУНЗИМ
## ДАР НАҚДИ СОҲИБ ТАБАРОВ

Дар номаи раиси Ҷамъияти германию тоҷикӣ Александр Хайзер аз 5-уми октябри соли 2009 ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри мусоидат ба конференсияе, ки моҳи декабри соли ҷорӣ дар Берлин баргузор мегардид, омада: «Конференция организуется в честь 135 – летия со дня рождения Абдулвохида Мунзима, а также частично и 85-го юбилея известного таджикского литературоведа профессора Сохиба Шухратиевича Табарова. С.Ш.Табаров практически единственный ученый, посвятивший всю свою научную деятельность изучению наследия Мунзима, а также воспитавший целый ряд учеников, в той или иной мере разделивших его научные интересы»(75).

Албатта, «Соҳиб Табаров амалан ягона олимест, ки тамоми фаъолияти илмии хешро ба омӯзиши мероси Абдулвоҳиди Мулзим сарф кардааст» гуфтани ҷаноби Хайзер, як андоза, баҳснок мебошад. Зеро зиндагинома ва фаъолияти ҷамъиятию адабии Мунзим ғайр аз Табаров С.Ш. таваҷҷуҳи дигар олимони тоҷикро низ ҷалб намудааст, ки соли 1967 аз тарафи Шамсулло Девонаев ва Юсуф Акбаров бо муқаддимаи муфассал ба табъ расонидани маҷмӯаи осори Мунзим ва соли 1988 аз тарафи Хуршеда Отахонова ба хонандагон пешниҳод кардани «Арзи ҳол»-и Абдулвоҳиди Мунзим» гувоҳи ҳол аст. Ғайр аз ин, фаъолияти адабиётшиносӣ ва тадқиқотии устод Табаров танҳо ба таҳлилу тадқиқи ҳаёту фаъолияти Абдулвоҳиди Мунзим маҳдуд намешавад, балки хеле серпаҳлӯ ва фарогир мебошад. С.Ш.Табаров дар муддати умри бобаракати хеш зиёда аз 800 рисола, китоби дарсӣ, воситаи таълимӣ, мақолаи илмӣ ва илмию оммавӣ таълиф намуда, дар рушду нумуи фарҳанги миллии тоҷик ҳиссаи басо арзанда ҳамроҳ намудааст. Дар ҳар асари марҳилавии ин муҳаққиқи серкору дақиқназар ва соҳиби табъи салим як паҳлуи муҳимми ада-

биётшиносии тоҷик ба тадқиқ омада, ҷанбаи ҳунарӣ ва диди эстетикию иҷтимоии осори даҳҳо адибони гузаштаву имрӯзаи ватаниву хориҷӣ мавриди баррасии ҷиддӣ қарор гирифтааст.

Вале ҷаноби Хайзер як ҳақиқати бебаҳсро таъкид кардааст, ки адабиётшиноси номии тоҷик Соҳиб Табаров ҳолнома ва фаъолияти иҷтимоиву фарҳангии Мунзимро басо муфассал ва ҷиддӣ ба тадқиқ гирифтааст, ба дараҷае ки дар ҳафт соли охир се рисолаи муҳаққиқ бо номҳои «Мунзим. Беҳбудӣ» (2002), «Мунзим – роҳбари ҷамъияти ҷавонон ва фирқаи ҷавонбухориён» (2003 ва «Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим» (2008)[5] ба табъ расидаанд.

Як хусусияти муҳимми фаъолияти илмию сухансанҷии устод Табаров дар таҳлилу тадқиқи амиқ, муфассал, бо далелу бурҳони қотеъ асосёфта ва бо замони адиб пайвастаи осори адабиёти бадеӣ мебошад. Ба андешаи ин мунаққид, «адабиёшиносе, ки солнома, моҳнома, рӯзнома ва гоҳо ҳатто соатномаи адиберо, ки меомӯзад, пурра надонад, осори бадеии ӯро ҳеҷ гоҳ мукаммал, росту дуруст ва дақиқу саҳеҳ ба доираи таҳлил гирифта наметавонад» (58,3).

Чунин тарзи тадқиқ муҳаққиқро водор мекунад, ки ҳангоми таҳлилу баррасӣ тамоми паҳлуҳои мундариҷавиву лафзии осори адибонро ба эътибор гирад, иртиботи эҷоди нависандагонро ба замон ва воқеаҳои иҷтимоии давр нишон диҳад ва осори адибонро аз рӯи меъёрҳои адабии замон баҳо диҳад.

Аввалҳои соли 1989 дар маҷаллаи «Садои Шарқ» мақолаи муфассали Соҳиб Табаров бо номи «Барге чанд аз шаҷараи Мунзим» дарҷ гардид, ки дар он зиндагиномаи ин адиби мумтозу фидоии миллат аз санаи ба дунё омадан то лаҳзаҳои вопасини умр ва макони оромгоҳи абадияш баён ёфтааст. Устод бо истифода аз сарчашмаҳои муътамаде чун «Тазкори ашъор»-и Садри Зиё, иловаи «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и Возеҳ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Муҳтарам, «Намунаи адабиёти

[5]Китоби «Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим» соли 2008 аз тариқи нашриёти «Нодир» ба табъ расидааст, вале дар муқова саҳван соли чопи он 2009 қайд гардидааст.

тоҷик» ва «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ, хотираҳои хешону пайвандон ва «Арзи ҳол»-и Мунзим ҷараёни зиндагӣ, айёми донишҷӯӣ ва инкишофи фикрию фаъолияти адабии ин адиби мубориэро басо амиқ муайян намудааст. Маълум мешавад, ки Абдулвоҳид дар хурдӣ аз падару модар маҳрум гардида, маҳз тавассути сарпарастӣ ва ғамхории Садри Зиё ташаккул ва рушду нумӯ ёфтааст.

Мунзим, аз ҳама аввал, ба ҳунари хаттотиаш маълуму машҳур мегардад. Ӯ чанд муддат назди Шарифҷонмахдуми Садри Зиё машқи хат намуда, чун муншии дарбори ин шахсияти маъруф фаъолият мекунад ва баъд дар мирзохонаи Насруллоқӯшбегӣ ба хидмати китобат маъмур гардида, ба унвони Мирзо соҳиб мешавад. Табиист, ки Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим асарҳои зиёдеро китобат намудааст, ки дар байни онҳо китобати Қуръони маҷид, «Наводир-улвақоеъ»-и Аҳмадмахдуми Дониш ва Мунтахаби ашъори Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат дорои аҳамияти калони илмӣ мебошанд. Қуръони маҷид, ки аз тарафи Мулло Абдулвоҳиди Котиби Ҷӯйборӣ ва Мулло Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим дар соли 1327 ҳиҷрӣ (1909 мелодӣ) китобат меёбад, се маротиба дар Самарқанд табъ мегардад: «Алҳамдулилоҳи вал мина, ки бори савум Қуръони маҷид ва китоби ҳамид бо қалами шикастарақами муҳаққари қорӣ Абдулвоҳиди Бухорӣ мунтабиъ гардид. Аз тиловаткунандагони ин Каломи Шариф риҷоманд ва умед дорам, ки баъд аз ҳар тиловат, ки дуо ва фотеҳа мекунанд, ин бандаи гунаҳкори ғариқи дарёи исёнро аз хотири мубораки шарифи худ фаромӯш накарда, ба караму эҳсони худ ва фотеҳа ёд кунанд» (15, 158).

Устод Табаров фаъолияи хаттотии Мунзимро дар таърихи афкори сиёсиву иҷтимоии халқи тоҷик ниҳоят арзишманд арзёбӣ карда мефармояд: «Агар Мунзим дар таърихи афкори сиёсиву ҷамъиятӣ ва тамаддуни халқи тоҷик дигар ҳеҷ коре намекард ва танҳо бо ҷамъ овардану бо хатти зебои худ, ки он ҳам як навъи санъати олитарин ба шумор меравад, нусхабардорӣ кардан ва маҳфуз доштани «Наводир-улвақоеъ»-и Аҳмади Дониш ва ашъори Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат иктифо менамуд, номи худро барои насли минбаъда

ҷовидон мегардонд» (49,89).

Самти дигаре, ки ҳам дар мақолаҳои «Барге чанд аз шаҷараи Мунзим» ва «Раҳбари хат»-и Мунзим» ва ҳам дар тадқиқоти минбаъдаи устод Табаров мавриди баррасии ҷиддӣ қарор гирифтааст, фаъолияти маорифпарварӣ ва равшангароии Абдулвоҳиди Мунзим мебошад. Муҳаққиқ зимни таҳлили заминаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҳаракати таҷаддудхоҳии ибтидои садаи XX дар Бухоро ба чунин хулоса меояд, ки «Мунзим дар ин замон яке аз сарварони намоёни ҳаракати маорифпарварӣ ва роҳбарони намоёни ҳаракати ҷадидӣ мегардад ва қисми маорифпарварон ва озодихоҳони Бухоро дар атрофии ӯ гирд меоянд» (59, 21).

Дар ҳақиқат, Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим дар байни ҳамаслакони худ, чун Садриддин Айнӣ, Аҳмадҷони Ҳамдӣ, Абдухалилмаҳдум, Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ, Мирқодирмаҳдум, Усмон Хоҷа, ки дар даҳсолаи аввали асри XX тavaҷҷуҳи ҷомеаро ба мактабҳои усули ҷадидия ва тарзи нави таълим ҷалб карда буданд, дар мақоми сарварӣ ва мавқеи раҳнамоӣ қарор дошт. Моҳи ноябри соли 1908 дар Бухоро дар хонаи Мунзим аввалин мактаби усули нав кушода шуд, ки дар он Мирзо Абдулвоҳид мудир ва муаллими аввал буд ва барои талабагони ин мактаб нахустин китоби алифборо бо номи «Раҳбари хат» таълиф намуд. Ва вақте ки 26 сенябри соли 1909 мактаби усули ҷадидия аз тарафи ҳукуматдорони Бухоро расман баста мешавад, 1 декабри соли 1910 бо сарварии Мунзим ҷамъияти махфии «Тарбияи атфол» таъсис меёбад, ки дар низомномаи он «Халқро ба ислоҳоти умумӣ ташвиқ кардан, фасодҳои тарзи идораи амирро фош намудан, аҳолиро бар зидди ин идораи золимона барангехан» навишта шуда буд.

Ин барнома баъдҳо чун қисми таркибии фаъолияти фарҳангӣ ва иҷтимоии Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим арзиш пайдо мекунад ва дар даҳаи дуюми асри XX вобаста ба вазъияти сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеаи Бухоро боз ҳам такмил ёфта, тамоми мақсаду мароми ҷамъияти ҷавонон ва фирқаи ҷавонбухориёнро фаро мегирад. Мунзим, аз ҷумла, тавассути ба хориҷа, махсусан ба Туркияву Олмон, барои хондан

фиристодани ҷавонони соҳибистеъдод, ҳатто соли 1922 ба Олмон бурдани 44 нафар ҷавонони лаёқатманд, ки дар байни онҳо писаронаш – Раҳим ва Рашид низ буданд ва дар макабҳои немисзабони Берлин ҷой кардани онҳо, инчунин мусоидат ба чопи асарҳои маорифпаварону озодфикрон, таъсиси кутубхонаи «Маърифат» ва ширкати «Баракат» дар роҳи инқилоби фарҳангии ҷомеаи тоҷикони ибидои асри XX кӯшишҳои бедареғ намудааст. Ҷолиб аст, ки ҳангоми сафари Олмон Мунзим «Қизбола ё ки Холида» ном китоби хониши адабии устод Айниро, ки мусанниф барои мактабҳои ибтидоии духтарона таълиф карда буд, дар ширкати «Ковиён»-и Берлин бо хароҷоти пули шахсии худ дар ҳаҷми 20 саҳифа 2 январи соли 1924 чоп мекунад. Устод Табаров сафари якунимсолаи Мунзимро ба Олмон (аз июни соли 1922 то январи соли 1924) муфассал мавриди баррасӣ қарор дода, таъкид мекунад, ки «як худи ҳамин хидмати Мунзим дар тарбия ва таълими фарзандон барои ҳазорҳо волидон ва махсусан тоҷикпадарон асрҳои аср намунаи ибрат шуда метавонад» (55,92).

Фаъолияти фарҳангӣ ва равшангароии Мунзим аз соли 1925 дар Самарқанд чун муҳаррири шуъбаи самарқандии Нашриёти давлатии Тоҷикисон ва аз соли 1928 дар Душанбе чун ноиби раиси (раис Нусратулло Махсум) Комиссияи ҷорӣ кунондани алифбои лотинӣ, ходими варзидаи соҳаи маориф ва матбуот идома меёбад ва дар ин айём мақолаҳои зиёд навишта, дар мубоҳисаҳои илмӣ фаъолона ширкат меварзад. Мутаассифона, мувофиқи тадқиқи устод Табаров, аз оғози соли 1933 нуқтаи назари танқиди вулгарӣ ва субъекивӣ нисбат ба эҷодиёти Мунзим ба мисли эҷодиёти Муинзода, Ҳамдӣ, Сарвар, Зеҳнӣ, Азизӣ, Комилӣ ва монанди инҳо тадриҷан меафзояд» ва ҳатто устод Лоҳутӣ, ки он вақтҳо дар Маскав мезист, фирефтаи баъзе мақолаҳои иғвогаронаи матбуоти Тоҷикистон шуда, Мунзимро чун яке аз роҳбарони ҳаракати панисломии Осиёи Миёна ба қалам медиҳад (55,97). Ва ин доғи сиёҳ («душмани халқ» будан) на танҳо ба Мирзо Абдулвоҳид, инчунин ба фарзандонаш – Раҳим ва Рашид низ басо гарон меафтад.

Фоҷиаи ба сари Мунзим омада бозгӯи фоҷиаи аксари кулли зиёиёни тоҷик дар солҳои мудҳиши 30-юми садаи XX мебошад, ки реша дар сиёсати худкомаи мамлакати шӯравӣ дорад. Вале кору пайкори ин шахсияти барҷаста дар назди халқи тоҷик ва Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон басо арзишманд буда, ҷанбаи амиқи омӯзандагӣ дорад. «Мунзим, – қайд мекунад устод Табаров фаъолияти маорифпарварӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии ин шахсияти воломақомро хулоса карда, – дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ, илмиву фарҳангӣ ва адабиву фалсафии тоҷики оғози асри XX ҳамчун давомдиҳандаи афкори сиёсиву ҷамъиятӣ ва иҷтимоиву фалсафии маорифпарварони тоҷики охири асри XIX ба сарварии Аҳмадмахдуми Дониш баромад мекунад ва бо созмондиҳии ҷамъиятҳои ҷавонону «Тарбияи атфол», таъсиси рӯзномаву муассисаҳои маданиву равшаннамоӣ ва махсусан фирқаи ҷавонбухориён дар ин давраи нави таърихӣ равияи он маорифпарваронро ба система ва ба шакл медарорад» (55, 183).

Тадқиқоти устод Табаров оид ба фаъолияти адабии Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим низ басо густурда ва фарогир мебошад. Муҳаққиқ заминаҳои илмию адабии фаъолияти эҷодии Мирзо Абдулвоҳидро ёдрас шуда, аввалин шеърҳои ӯро ба солҳои 1896-1897 мутааллиқ медонад. Минбаъд фаъолияти эҷодии адиб рӯз то рӯз инкишоф ёфта, то охири умри адиб идома меёбад. Мутаассифона, Мунзим осорашро гирдоварӣ накардааст ва, ба гуфти устод Табаров, « ба тавассути тазкираву баёзҳо ва баъдтар маҷаллаву рӯзномаҳо ва ҳатто китоби алифбои худи Мунзим барои мактабҳои усули ҷадид– «Раҳбари хат» баъзе аз намунаҳои ашъори давраи тоинқилобии ӯ дастраси хонандагони имрӯза ва оянда гардидаанд» (55, 107).

Маълум, ки Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим дар баробари назм ба наср низ таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Вале устод Табаров асосан ба назми адиб эътибор додаст ва ашъори Мунзимро ба ду давра – то инқилоби Октябр ва баъди инқилоби Октябр ҷудо карда ба тадқиқ гирифтааст. Ашъори Мунзим дар шаклҳои ғазал, қитъа, рубоӣ, маснавӣ, фард, чаҳорпора ва тарона эҷод шудаанд, вале таҳлил бешар ба жанри асосии

осори шоир – ғазал равона шудааст. Дар нақди устод Табаров, Мунзим анъанаи ғазалсароиро батамом риоя карда, муҳтавои онро дархӯри рӯҳи замон намудааст. Муҳаққиқ менависад: «Мутолиаи ду ғазали фавқ ва эҷоди якчанд назира ба ғазалҳои шуарои гузашта – Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ва ҳамзамонони шоир – Наҷиби Ҳинду, Абулқосим Лоҳутӣ ва ба дигар шоирон собит менамояд, ки ин шоири маорифпарвар ба ғазалсароӣ завқи ниҳоят калон доштааст» (48,110), ба дараҷае ки дар ғазалҳои аввалинаш аз уҳдаи назирасароӣ пурра баромадааст. Ин ҳолатро алалхусус аз мақтаи назираи ба ғазали Камоли Хуҷандӣ гуфтаи Мунзим баръало мушоҳида кардан мумкин аст:

Камол:
Гуфт: «Агар дорӣ хаёли дурри васли мо, Камол,
Қаъри ин дарё бипаймо сарбасар». Гуфтам:
«Ба чашм».
Мунзим:
Гуфт:– Дар дунболи ман чун бод дав. Гуфтам: – Ба сар,
Гуфт:– Мунзим, рез хуноби ҷигар. Гуфтам:– Ба чашм.

Ҳамчунин, устод маҳорати баланди ғазалсароии Мунзимро дар пайравӣ ба ғазалҳои илтизомии «Обу теғ»-и Восифӣ таъкид мекунад. Бо таҳлили муфассали ғазали «Обу теғ»-и Мунзим, аз ҷумла байтҳои:

*Намезанӣ ба дами теғи тезу мехоҳӣ,*
*Маро чу моҳии беоб изтироб диҳӣ.*
*Надода об, ба каф теғ, ташна хоҳӣ кушт,*
*Чӣ кардаам, ки маро инчунин азоб диҳӣ –*

муҳаққиқ бо чунин хулоса меояд, ки «ҳанӯз дар солҳои пешазинқилобӣ, аз давраи аввали фаъолияти эҷодияш дар ихтирои як навъи ниҳоят мураккаби ғазал– дар офариниши ғазали илтизомӣ яке аз шоирони баркамол будани Мунзимро баръло мушоҳида кардан мумкин аст» (55,117).

Устод Табаров фаъолияти шоирии Мунзимро ба фаъолияти иҷтимоии ӯ тавъам медонад ва барои тасдиқи ин ақида

қасидаи «Мактаб»-и шоирро, ки аз 31 байт иборат буда, ба таърифу тавсифи мактаб, илму маориф ва муаллим бахшида шудааст, мавриди баррасии муфассал қарор медиҳад. Ва ба чунин хулоса меояд, ки мазмуну муҳтавои қасидаи «Мактаб», ки дар китоби «Раҳбари хат» ворид гардидааст, шеърҳои устод Айниро дар асари «Таҳзиб-ус-сибён» ба хотир меорад ва ин ду маорифпарвар тавассути шеърҳои китобҳои дарсиашон «тамоми камолоти ҷисмонӣ, фикрӣ ва рӯҳию ахлоқии ҳар як фардро ба тарзи таълиму тарбия дар мактаби усули ҷадидӣ алоқаманд медонанд» (55,122).

Умуман, қасидаи «Мактаб» ба бедории миллӣ ва худшиносии мардуми тоҷик нигаронида шудааст:

*Барои рафъи амрози ҷаҳолат ҳаст омода,*
*Зи шаҳди илму ирфон шарбати уннob дар мактаб*
*Илоҳӣ, ташнагони маърифат– авлоди миллатро,*
*Ба лутфат аз зулоли илм кун сероб дар мактаб.*

Мувофиқи тадқиқоти устод Табаров, шеърҳои Мунзим дар арафаи инқилоби Октябр ва баъд ба рӯҳи замон ва сиёсати давр зиёда мувофиқат карда, оҳанги граждaниву иҷтимоӣ ва тарзи баёни публитсистиву хитобӣ мегирад. Ғазали «То ба кай» мисли шеърҳои «Марсия» ва «Суруди озодӣ»-и Айнӣ, «Хитоб ба фуқарои Бухоро»-и Ҳамдӣ, «Як тахаттури алим»-и Фитрат ифодакунандаи талаботи сиёсӣ ва мавқеи синфии муаллиф мебошад. Ба гуфти муҳаққиқ: «Гарчанде ки хонандаи имрӯза «Хез, то резем хуни золимон мардонавор» барин мисраъҳои мантиқан камқимати Мунзимро қабул намекунад, аммо вақте ки ба чунин мисраъҳо ҳамчун ба далелҳои мушаххасу муайяни таърихиву адабӣ ва иҷтимоии замони гузаштаи ҷамъияти Бухоро эътибор дода мешавад, бо ростиву ҳақиқати афкори синфию сиёсӣ ва иҷтимоии шоир бовар кардан мумкин аст» (55, 139).

Чун мавод ва чун падидаи мушаххаси таърихӣ арзи вуҷуд кардани осори баъдиинқилобии Мунзимро аз маснавии «Дар бораи алифбои наву куҳна» ва достони «Инқилоби ҳоли деҳқонон – зафари пахтакории онон» низ мушоҳида кардан

мумкин аст. Мунзим, ки худ хушхату хаттоти машҳур буд, дар маснавии «Дар бораи алифбои наву куҳна» аз зарурат алифбои арабиасосро наҳ мезанад, онро ҳамрангу шабеҳи туркони золим медонад ва мақоми таърихиву адабии алифбои мазкурро паст мезанад, бо вуҷуди ин маснавии мазкурро, ба андешаи устод Табаров, «яке аз намунаҳои нахустини ашъори илмиву бадеӣ ва илмиву оммавии Абдулвоҳиди Мунзим дар назми шӯроии тоҷик шуморидан мумкин аст» (55, 176).

Шеърҳои баъди инқилоби Октябр, аз ҷумла ғазалҳои замони шӯравии Мунзимро таҳлил карда, устод Табаров ба чунин хулоса меояд, ки шоир ашъори хешро мувофиқи талаботи қатъии давра ва шароити таърихии замони худ эҷод кардааст ва чунин вазъи ноҳинҷори адабӣ (яъне ҳар он чизе, аз ҷумла асари адабиву бадеие, ки бо номи сотсиализм алоқаманд буд, аз ҳама чизҳои гузашта беҳтар шуморида мешуд) услуби бадеии нигориш ва муассирии ифодаро халадор карда, боиси ба бозёфтҳои бадеӣ муваффақ нашудани шоир гардидааст (55, 180).

Умуман, дар тадқиқу баррасии муфассалу холисонаи устод Табаров, Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим бештар чун шахсияти барҷастаи маорифпарвар, инқилобчӣ ва мубориزи зиндагии огоҳонаву арзандаи халқи тоҷик ба назар мерасад, ки дар давраи мураккабу аз нигоҳи сиёсӣ пурталотуми се даҳаи аввали асри XX ҳамеша дар сафи пеши қувваҳои солиму пешбари ҷомеа қарор дошта, дар таърихи нави фарҳанги ҷомеаи тоҷик саҳми басо арзишманду муносиб гузоштааст.

*Соли 2009*

# УСТОД РӮДАКӢ ДАР ШИНОХТИ С. ТАБАРОВ

Ашъори Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар бинни Муҳаммади Рӯдакӣ, агар андешаҳои ҳамзамонони одамушшуароро ба ҳисоб гирем, зиёда аз 1000 сол боз мавриди омӯзишу пажӯҳиши олимону суханварони ватанию хориҷӣ қарор доранд.

Аз ибтидои асри XIX ашъори боқимондаи устод Рӯдакӣ таваҷҷуҳи шарқшиносони аврупоӣ ва баъдтар, русро ҷиддан ҷалб намуд ва донишмандони бузурге чун Амеде Журден, Ҳаммер, Ҳ. Эте, Т.Нёлдеке, Шеффер, Э.Браун, Р. Николсон, У. Ҷексон, Р. Фрай, Ян Рипка, В.В. Бартолд, А.Е.Кримский, А.А. Семёнов, Е. Э.Бертелс осори султони шоирони форсу тоҷикро ба забонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ тарҷума карда, бахри тадқиқи муфассали ин ганҷинаи маърифат камари ҳиммат бастанд. Донишманди тоҷик Аълохон Афсаҳзод оғози давраи нави тадқиқи зиндагинома ва осори устод Рӯдакиро аз «Рӯдакӣ–шоири Сомониён»(1873) ном мақолаи мутафаккири немис Ҳ. Эте дониста, таъкид кардааст: «Эте аз 23 маъхаз осори Рӯдакиро ҷамъ оварда, онро ба немисӣ тарҷума кард. Ӯ масъалаи кӯри модарзод будани Рӯдакиро ба зери шуҳба гирифт ва баъдан олимон дар хусуси ҷиҳати тарҷумаи ҳоли Рӯдакӣ баҳс оростанд»(9, 73).

Аҳвол ва осори устод Рӯдакӣ аз охирҳои асри X1X сар карда дар таълифоти Шиблии Нуъмонӣ, Ризозода Шафақ, Забеҳуллои Сафо, Бадеуззамони Фурӯзонфар барин донишмандони шинохтаи Шарқ низ мавриди баррасии амиқ қарор гирифтааст. Асари сеҷилдаи профессор Саид Нафисӣ «Аҳвол ва ашъори Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммад Рӯдакии Самарқандӣ» бошад, чун тадқиқоти бунёдӣ боиси ба марҳалаи тоза ворид гардидани рӯдакишиносӣ гардид.

Дар адабиётшиносии давраи нави тоҷик ба устод Рӯдакӣ ва ашъори ӯ аз нимаи солҳои 20-уми садаи XX таваҷҷӯҳи бештар зоҳир гардид. Баъди таъсиси Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон(1924) халқи аз беадолатиҳои сиёсӣ ҷабрдидаи тоҷик бо аввалин имконияти мусоиди фарҳангӣ масъалаи

бунёди Рӯзи Рӯдакиро ба миён гузошт ва, ба қавли Камолиддин Садриддинзода Айнӣ, «бе ҳеҷ муболиға метавон гуфт, ки номи Рӯдакиро якҷоя бо номи халқи тоҷик ҷумҳурии навбунёди мо дубора зинда кард ва ҷовидонии ӯро пойдор гардонид(2,56).

Омӯзишу пажӯҳиши аҳвол ва осори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод Айнӣ оғоз мегирад ва дар муддати зиёда аз 80 сол дар миёни муҳаққиқони шинохтаи фарҳангу адаби тоҷик фарде нест, ки ягон паҳлуи осори боқимондаи падари адабиёти форсу тоҷикро мавриди баҳсу баҳрабардорӣ қарор надода бошад.

Мунаққид ва адабиётшиноси маъруф Соҳиб Табаров дар ҷараёни фаъолияти доманадори илмӣ борҳо ба осори гаронбаҳои устод Рӯдакӣ мурочиат карда, ба ин восита ақидаҳои адабӣ- эстетикӣ ва танқидии хешро тақвият додааст. Аз ҷумла, мунаққид дар хусуси табиати номатлуби накди адабии ғаразнок сухан ронда, пайдоиши ин навъи нақдро баробари ба вуҷуд омадани адабиёти бадеӣ медонад ва барои тасдиқи фикр ба накди эҷодиёти Рӯдакӣ истинод мекунад: «Ин фикрро дар мисоли баҳои гуногун ва мухталифу мутафарриқ додан ба қасидаи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ «Бӯи ҷӯи Мӯлиён…» барин шеърҳои машҳур аз тарафи назариячиёну мунаққидони ҷудогонаи асрҳои миёна ва муосир… тасдиқ кардан мумкин аст» (48, 213-214).

Устод Табаров дар мақолаҳои «Рӯдакӣ» (1947), «Рӯдакӣ-ҳамзамони мо» (1958) ва «Тазмини Пайрав ба як қасидаи Рӯдакӣ» (1976) ҳаёту эҷодиёти султони шоирони форсу тоҷикро мавриди тадқиқи муфассалу амиқ қарор додааст. Ҳар яке аз ин се мақола дар солҳои гуногун навишта шуда, дорои вазифа ва муҳтавои муайяни илмӣ мебошанд.

Баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар тамоми Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ, масъалаи мактабу маориф ва таълими фарогири насли наврас дар мадди назари давлату ҷомеа қарор гирифт ва устод Табаров дар вазъияте, ки муаллимон ва мактаббачагон ба китобҳои дарсӣ ва дигар манбаъҳои иттилоотӣ эҳтиёҷ доштанд, дар

саҳифаҳои рӯзнома ва маҷаллаҳо оид ба аҳволу осори намояндагони барҷастаи адабиёти ғановатманди тоҷик мақолаҳои зиёде дарҷ намуд.

Танҳо соли 1947 дар рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон» бо сарлавҳаи умумии **Бузургони мо** «Абулқосим Фирдавсӣ», «Абӯалӣ Сино», «Носири Хусрав», «Рӯдакӣ», «Саъдии Шерозӣ», «Умари Хайём» барин мақолаҳои муҳаққиқ ба табъ мерасанд, ки ба хонандагони синни миёнаи мактабӣ нигаронида шудаанд. Дар мақолаи «Рӯдакӣ» ба таври содаву фасеҳ чанд шеъри қофиласолори адабиёти форсу тоҷик таҳлил гардида, насли наврас ба омӯхтан, тасҳеҳи ҳаёту фаъолият ва кашфи асрори эҷодиёти шоир ҳидоят мешавад. Муаллиф дар шинохти шахсият ва эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ азму талоши устод Айниро намунаи ибрати ҷавонон дониста, таъкид мекунад, ки: «То солҳои охир қабри Рӯдакӣ ҳам маълум набуд. Қабри вайро дар соли 1941 нависандаи ордендори тоҷик С. Айнӣ дар натиҷаи ҷустуҷӯи бисёр дар қишлоқи Рӯдаки райони Колхозчиён ёфтааст» (64,3).

Соли 1958 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷашни 1100- солагии бузургдошти соҳибқирони шоирон устод Рӯдакӣ таҷлил гардид. Ба ин муносибат асру мақолаҳои зиёди илмӣ ва илмию оммавии донишмандоне чун Абдулғанӣ Мирзоев, Шарифҷон Ҳусейнзода, Холиқ Мирзозода, Расул Ҳодизода, Муҳаммадвафо Бақоев, А.Н.Болдирев, Михаил Занд, А.А.Гваҳария, Камол Айнӣ ва дигарон ба табъ расиданд. Устод Табаров низ ба муносибати ин ҷашни бошукӯҳ мақолаи муфассале навишт, ки дар он паҳлӯҳои таърихӣ, иҷтимоӣ, эстетикӣ ва тарбиявию ахлоқии осори боқимондаи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба тадқиқ омадааст. Ба қавли мунаққид, сирри чун нобиғаи фарҳангӣ эътироф шудани ин фарзанди барӯманди тоҷик дар он аст, ки ӯ дар қатори Гомер, Софокл, Аристотел, Эсхил, Горатсий, Данте, Сервантес, Шекспир, Гёте, Пушкин, Чернишевский барин абармардони тамаддуни ҷаҳонӣ ифодагари ғояҳои олӣ, афкори пешқадам ва ахлоқи ҳамидаи умумиинсонӣ мебошад (67, 95).

Устод Табаров пеш аз он ки ба таҳлилу тадқиқи мушаххаси ашъори Рӯдакӣ шурӯъ намояд, мавқеи шоирро дар ада-

биёти тоҷик, аз ҷумла дар байни ҳамасронаш таъкид мекунад ва бо ҳамин мартабаи адибро чун поягузори адабиёти зиёда аз ҳазорсолаи форсӣ муайян менамояд: «Ҳанӯз то сар шудани эҷодиёти Рӯдакӣ дар сарзамини Мовароуннаҳр ва Хуросон даҳҳо шоироне буданд, ки ба забони форсӣ- дарӣ шеър мегуфтанд, вале дар ин соҳа ҳеҷ кадоми онҳо дар мазмун ва мундариҷа, дар маҳорат ва қобилият, дар санъат ва бадеиёт, дар ҳаҷм ва миқдори байтҳо, дар ихтирои шаклу жанрҳои адабӣ, дар тартиб додани девони ашъор ба дараҷаи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ нарасида буданд» (67, 96).

Дар мақолаи «Рӯдакӣ–ҳамзамони мо» муаллиф кӯшидааст, ки қадру қимат ва эътибори ин нобиғаи аҳди Сомониёнро баъди ҳазор сол, дар шароити дигари таърихӣ нишон диҳад. Ва маълум мешавад, ки чун Рӯдакӣ бузургоне, ки бори фарҳанги миллатро ба дӯш гирифтаанд, ҳеҷ гоҳ аз хотирҳо фаромӯш намешаванд, балки бо гузашти солиёни зиёд асрори зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии онҳо боз ҳам беҳтару хубтар ошкор гардида, дар қатори дигар муқаддасот дар қалбу рӯҳи халқи худ ҷойгоҳи шоиста меёбанд. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аз ибтидои асри XX чун рамзи ҳастии миллати тоҷик мавқеъ пайдо кард ва ба тавассути китобҳои дарсии мактабҳои ҳамагониву олии кишвар азизи ҳар як хонадон гардид.

Аз таҳлили муфассали устод Табаров бармеояд, ки ашъори боқимондаи Рӯдакӣ, аксаран, масъалаҳои ҳастии воқеии инсониятро фаро гирифта, бо рӯҳи пурқуввати миллӣ ва байналмилалии худ асрҳо боз ба ғояҳои олии ҷомеа созгор омадаанд. Мавзӯъҳои ақлу хирад, илму дониш, сулҳу дӯстӣ, панду ахлоқ, ишқу муҳаббат ва ғайра, ки дар шаклҳои рубоӣ, маснавӣ, қасида, қитъа, байт бо ҳунари волои нигорандагӣ суруда шудаанд, чун мавзӯъҳои ҷовидонаи адабиёти бадеӣ дар эҷодиёти адибони минбаъда идома ёфтаанд. Дар мақола, чун ҳусни мақтаи зерин, порчаҳои шеърии бисёре мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтаанд:

*Ангушт макун ранҷа ба дар кӯфтани кас,*
*То кас накунад ранҷа ба дар кӯфтанат мушт.*

Муаллифи мақола ба маҳорати баланди шоир дар тасвири бадеии **мукофоти амал** ишора карда гуфтааст: «Дар ин байт, ки мисраъҳои ҷамъбасткунанда ва хулосаи тамоми ақидаи ин шеъри шоир ҳам мебошад, фикр хеле возеҳ ва мақсади бадеӣ-эстетикӣ хеле мукаммал ифода ёфтааст» (67,103).

Дар охири мақола муҳаққиқ ба фасоҳату балоғати ашъори Рӯдакӣ ишора карда, ҷозиба ва муассирии сабки баёни шоирро дар заминаи воқеии тасвир медонад ва таъкид мекунад, ки: «Аз ҳамин сабаб санъати бадеии ашъори Рӯдакӣ манбаи бебаҳо барои адибони оянда гардид ва ҳамаи санъаткорони баъдина худро ворис ва шогирди ин сухансарои беҳамто ва санъаткори моҳир, давомдиҳандаи сабки ӯ шумоританд»(67, 109).

Дар ҳақиқат, таъсири файзбахши офаридаҳои Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба шоирони минбаъдаи форсу тоҷик фарогир ва гуногунпаҳлӯ мебошад, ки онро алалхусус аз мақолаи «Тазмини Пайрав ба як қасидаи Рӯдакӣ» ба таври мушаххас мушоҳида кардан мумкин аст.Маълум, ки ба қасидаи «Бӯи ҷӯи Мӯлиён» дар муддати мадид шоирони зиёде ба мисли Саноии Ғазнавӣ, Ҷалолуддини Румӣ, Шаҳобуддини Вассоф, Сурӯши Исфаҳонӣ, Сипандии Самарқандӣ, Шиблии Нуъмонӣ тазмин баста, назираҳо гуфтаанд, вале таваҷҷуҳи устод Табаровро танҳо тазмини шоири боистеъдоди ибтидои асри XX Пайрав Сулаймонӣ ҷалб намудааст, зеро «Тазмини ғазали Рӯдакӣ», ки дар охирҳои соли 1925 ба пешвози Рӯзи Рӯдакӣ эҷод гардида аст, бозгӯи як лаҳзаи ҳассоси таърихи халқи тоҷик буда, гувоҳи ҳамовозии офарандаи он ба масъалаҳои тақдирсози миллат мебошад. Таҳлили муқоисавии ғазали тазминии Пайрав ба тағаззули қасидаи «Бӯи ҷӯи Мӯлиён»-и Рӯдакӣ, ки ҳарду аз ҳафт байт иборатанд, муҳаққиқро ба натиҷаҳои ҷолиб раҳнамун месозад. Натиҷаи аввал ба мақтаи шеъри тазминшаванда:

***Пайрав, аз тазмини он устоди назм:***
*«Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме»*

иртибот дошта, аз хусусиятҳои сохтории ғазали тазминшаванда бармеояд: «Шеъри Пайрав дар равияи қасидаи Рӯдакӣ

навишта шуда, он мувофиқи талаботи вазну қофия ва радифи порчаҳои боқимондаи «Бӯи ҷӯи Мӯлиён» эҷод шудааст ва дар он нишонаҳои яке аз навъҳои машҳури тазмин- тазмини мусарраҳро пурра дарёб кардан мумкин аст» (67, 115).

Натиҷаи дигар аз муқоисаи мундариҷа ва сабки баёни шеърҳои мазкур бармеояд. Дар қасидаи «Бӯи ҷӯи Мӯлиён» мавзӯи асосӣ васфи Ватан мебошад, ки он ба тавассути образи амири тавоно ва муносибаташ ба пойтахти шукӯҳманди давлати Сомониён–Бухоро ҳаллу фасл гардида аст. Бинобар ин, воситаҳои тасвир ва махсусан ташбеҳ дар ифодаи ҷоҳу ҷалоли Насри Сомонӣ ва шукӯҳу эътибори Бухорои шарифи асри X саҳми бештаре доранд:

*Мир моҳ асту Бухоро осмон,*
*Моҳ сӯи осмон ояд ҳаме.*
*Мир сарв асту Бухоро бӯстон*
*Сарв сӯи бӯстон ояд ҳаме (67, 116).*

Мавзӯи асосии шеъри Пайрав бошад, аз васфи дарёи Ому ва манзараҳои соҳили он иборат аст. Аз ин ҷост, ки, мувофиқи тадқиқот, аз ҳафт байти ғазали Пайрав чортоаш бевосита ба васфи Ому ва ҷои дилкашу босафо будани соҳилҳои он алоқаманд гардонда шудааст:

*Соҳили Ому, фазои дилкашаш*
*Дар назар хулду ҷинон ояд ҳаме.*
*Оби Ҷайҳун бо ҳама ҷӯшу хурӯш,*
*Ҳамчу шӯхе саркашон ояд ҳаме.*
*Моҳиёнаш ҳамчу оҳуи Хутан,*
*Гаҳ аёну гаҳ ниҳон ояд ҳаме.*
*Даста – даста мурғҳо андар ҳаво*
*Сӯи Ҷайҳун корвон ояд ҳаме (43, 48).*

Дар тасвири Пайрав боду ҳавои соҳили Ому ҳамчун хулду ҷинон, ҷараёни оби дарё ба сони шӯхи саркаш, моҳиёни он монанди оҳуи Хутан ва парвози парандагон аз болои Ҷайҳун мисли корвон аст. Яъне, шоири қарни XX на ба лирикаи иҷтимоӣ ва тасвири воқеӣ (чунонки дар «Бӯи ҷӯи Мӯлиён» мушоҳида мешавад), балки ба лирикаи манзаравӣ

ва тасвири романтикӣ таваҷҷуҳ намудааст, ки ин ҳолат аз ҳар як ифодаи рамзию воситаи тасвири шеъри тазминшаванда баръало маълум шуда меистад: «Дар тазмини Пайрав он чиз ҷолиби диққат аст, ки ӯ аз Рӯдакӣ, пеш аз ҳама, ҳаётӣ будани образҳо, тасвирот, бадеиёти олӣ, маҳорати ҳақиқӣ, содабаёнӣ, таносуби сухан ва санъатҳои бадеиро омӯхтааст, яъне шоир пайрави сабки бадеии Рӯдакист, вале на муқаллидонаю кӯркӯрона» (67, 117).

Натиҷагирии савум аз қиёси тазмини Пайрав ба шеърҳои пеш аз ӯ ба қасидаи «Бӯи ҷӯи Мӯлиён» тазминшаванда бармеояд. Аз ҷумла, андозаи шеъри Пайрав ба тазмини шоири воломақоми асрҳои Xl-Xll Саноии Ғазнавӣ муҳаққиқро ба мулоҳизаҳои ҷолиб овардааст. Пайрав дар тамоми тазминаш аз шеъри Рӯдакӣ радифи «ояд ҳаме», калимаҳои «Ому», «Ҷайҳун» «сӯи» ва мисраи тазминии «Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме»- ро истифода бурдаасту халос. Саноӣ бошад, дар ҳафт байти тазминаш аз «Бӯи ҷӯи Мӯлиён» панҷ мисраъро иқтибос, радифи «ояд ҳаме» ва калимаҳои «осмон», «сӯи»-ро истифода карда, танҳо чор байти асл офаридааст, ки онҳо низ дар пояи шеъри Рӯдакӣ қарор надоранд. Гуфтан бамаврид аст, ки бемуваффақият баромадани тазмини Саноиро академик Абдулғанӣ Мирзоев низ таъкид кардааст: «Саноӣ бо вуҷуди аз шоирони пурмаҳсули забардасти аср будани худ дар ин ғазал аз ӯҳдаи ҷавоби ҳеҷ як байти шеъри Рӯдакӣ баромада натавонистааст» (24,35).

Устод Табаров тазмини Пайравро ба ашъори тазинии баъзе шоирони дигар низ қиёс намуда, бо ҳамин дар истифодаи суннатҳои волои адабӣ, дар маҳорату истеъдод ва қобилияти шеърсароӣ ба дараҷаи камолот расидани ин шоири ҷавони ибтидои асри хх- ро ошкор месозад.

Ҳамин тариқ, тадқиқоти мунаққид ва адабиётшинос Соҳиб Табаров роҷеъ ба ҳаёту эҷодиёти устод Рӯдакӣ ва таъсири файзбахши ашъори шоир гуногунпаҳлу ва амиқу дақиқ мебошад ва бо маъалагузорию навгонии худ дар рушду нумӯи рӯдакишиносии тоҷик саҳми муносиб дорад.

*Соли 2008*

# ЛУҒАТНОМА

*(Соҳиб Табаров. «Луғати русӣ-тоҷикии истилоҳоти адабиётшиносӣ». – Душанбе: Маориф, 1980. –52 с.)*

Луғаттартибдиҳӣ дар таърихи забон ва адабиёти тоҷик анъанаи бое дорад. Луғатҳои дузабонаи соҳавие, ки вақтҳои охир аз тарафи Комитети терминологияи Тоҷикистон ба чоп тавсия шудаанд, нишони такомули илму маданияти тоҷик ва дӯстию ҳамкории халқҳои мамлакатамон мебошанд. «Луғати русӣ-тоҷикии истилоҳоти адабиётшиносӣ» ном китоби Соҳиб Табаров аз ҷумлаи чунин таълифот маҳсуб меёбад. Муаллиф вазифаашро дар муқаддима ба таври зерин муайян кардааст: «Чопи зиёди асарҳои илмӣ- тадқиқотӣ, илмӣ-омавии оид ба адабиётшиносӣ, китобиёту тақризу мақолаҳои танқидӣ ва амсоли онҳо, ки ҳар сол ба забони русӣ мебароянд ва аксари хонандагони тоҷик низ аз онҳо баҳраманд мешаванд, муаллифи ин сатрҳоро водор намуданд, ки қисме аз истилоҳҳои русии адабиётшиносиро ба забони тоҷикӣ тарҷума намояд ва бо ҳамин эҳтиёҷоти хонандагонро қонеъ гардонад»(51, 3).

Пешравии илми адабиётшиносӣ дар шароити ҳозира ягонагии методи тадқиқ, равобити адабии халқҳои СССР дар зарфи зиёда аз 60 сол боиси дар адабиётшиносии тоҷик дохил шудани як силсила мафҳумҳои нав гардид: поэма (достон), композитсия (бандубаст), пролог (оғоз), эпилог (хотима, анҷом), дилогия (дугона), текстология (матншиносӣ) ва ғайра.

Вақте ки истилоҳҳои нави адабиётшиносӣ ба доираи васеи хонандагон пешкаш карда мешаванд, шарҳу тафсири онҳо ҳатмист. Масалан, агар истилоҳи «нона» шарҳ дода нашавад (як навъ шеър, ки ҳар бандаш аз 9 мисраъ иборат аст ва тарзи гуногуни қофиябандӣ дорад, ки яке аз онҳо спенсер аст ва «Ҷайлд Гаролд» - и Байрон дар он шакл навишта шудааст: абаббабаа») на ҳамаи хонандагон онро мефаҳманд.

Дар «Луғати русӣ - тоҷикии истилоҳоти адабиётшиносӣ» ҳамагӣ 2326 истилоҳ тарҷума карда, шарҳу эзоҳ ёфтааст. Маҳдудияти ҳаҷм муаллифро водор намудааст, ки диққати хонандагонро, пеш аз ҳама, ба истилоҳҳои серистеъмолу аввалиндараҷа, ки дар тадқиқи адабиёти муосир ба аҳамияти калони илмию амалӣ моликанд, ҷалб намояд.

Истилоҳоти ба поэтика ва шаклҳои шеърӣ бахшидаи луғатнома, ки миқдоран хеле бисёранд, на танҳо робитаи қавии қонуну қоидаҳои мероси манзуми халқҳои гуногунро мефаҳмонанд, инчунин сарчашмаи муҳимми навпардозиҳои шоирони советии тоҷик будани поэтикаи назми рус ва Ғарбро нишон медиҳанд. Аз ин нуқтаи назар тарҷума ва шарҳу тафсири мафҳумҳои **пеон, эпитрит, тертсет, ситсилиана, секстина** дар таҳлилу тадқиқи анъана ва навоварӣ, омӯхтани назарияи назм барин масъалаҳои адабиётшиносии тоҷик кӯмак мерасонанд.

Дар байни истилоҳоти ба мазмун, мундариҷаи ғоявӣ ва моҳияти иҷтимоии адабиёти бадеӣ бахшидашудаи луғатнома мафҳумҳои методу ҷараён ва мактабу равияҳои гуногуни адабиёти муосири хориҷиро дарбаргиранда бештар ба назар мерасанд, ки ин бесабаб нест. Дар замони ҳозира, ки адабиёти бадеии халқҳои гуногун боз ҳам бештар иртибот пайдо кардааст, ба моҳияти ҷараёну услубҳои гуногуни санъати хориҷӣ дуруст сарфаҳм рафтани хонандагон имконият медиҳад, ки аз фарҳангу тамаддуни миллатҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ҳарчи беҳтару хубтар огоҳ бошанд. Истилоҳҳои **абстрактсионизм, авангардизм, сюрреализм, фрейдизм, экзистентсиализм** аз ҳамин дидгоҳ дуруст шарҳ дода шудаанд. Пайвастагии адабиёт бо навъҳои дигари санъат сабаб шудааст, ки муҳаққиқ ба истилоҳоти ин соҳаҳо ҳам сарукор дошта бошад. Тарҷума ва тафсир ёфтани як қатор мафҳумҳои оид ба театр, аз ҷумла, «**антитеатр», интерлюдия, интермедия**, **пантомима, премера, репертуар, декоратсия** барои возеҳу равшан фаҳмидани асарҳои драмавӣ кӯмак мерасонанд.

Дар луғати «Русӣ-тоҷикии истилоҳоти адабиётшиносӣ» баъзе носаҳеҳиҳо ба назар мерасад. Масалан, баҳри рамал

чунин шарҳ дода шудааст: «…дар вазни арӯз шеъре, ки рукнҳояш аз фоилотун, фоилотун, фоилотун, фоилотун иборат аст». Дар ҳақиқат, рукни аслии баҳри рамал фоилотун аст. Лекин он дар як мисраъ нафақат чор бор, балки ду ё се бор низ такрор ёфта метавонад. Бинобар ин «рамал-баҳрест, ки рукни аслиаш фоилотун аст» гуфтан ва дигар баҳрҳои солимро низ ба ин тартиб шарҳ додан беҳтар мебуд. Ё худ мувофиқи луғатнома **пеони сеюм** «шеърест, ки ҳар рукни мисрааш аз як ҳиҷои кӯтоҳ, як ҳиҷои дароз ва як ҳиҷои кӯтоҳ (яъне аз се ҳиҷо–А.К) иборат аст», ки ин ба таърифи **пеон** («шеъре, ки тақтеи он чаҳорҳиҷоӣ буда…») мувофиқат намекунад. Инчунин аз таърифи пеон ва тартиби чор навъи он пай бурдан душвор нест, ки пеони сеюм аз се ҳиҷои кӯтоҳ ва як ҳиҷои дароз (VV-V) иборат аст.

Умуман, луғатномаи устод Соҳиб Табаров ба адабиётшиносону журналистон, муаллимону студентон ва дӯстдорони илму адабиёт туҳфаи муносибе буда, дар айни ҳол дар мураттаб сохтани луғати мукаммали адабиётшиносии тоҷик таҳкурсии хубест.

*Соли 1981*

# ФЕҲРИСТНИГОРӢ ВА ОСОРНОМАИ ШАХСИИ С. ТАБАРОВ

Феҳристнигорӣ аз бахшҳои муҳим ва басо зарурии соҳаҳои гуногуни илм буда, таърихи қадима ва пурбор дорад. «Ривоҷу густариши илму фарҳанг ва навишта шудани ҳазорҳо ҷилд китобҳои хаттӣ, афзудани соҳаву риштаҳои фаннӣ ва вусъати ҷуғрофии ҳавзаҳои илмӣ дар кишварҳои исломӣ ниёзҳои тозаеро пеши аҳли илм оварданд, – гуфтааст адабиётшинос А. Насриддинов ва афзудааст: - Муҳимтарини онҳо огоҳӣ доштан аз китобҳои таълифшуда ва нусхаҳои хаттии онҳо мебошад» (30, 161).

Дар ҳақиқат, феҳристнигорӣ ё китобшиносӣ чун манбаи боэътимоди баррасӣ ва иттилоотӣ дар рушду нумуи ҳар соҳаи илм саҳми муносиб мегирад ва аз давраи Ҷолинуси юнонӣ (129 – 200м.) оғоз ёфта, дар тамоми мамлакатҳои мутамаддини дунё вобаста ба афзоиши китобу махзанҳои китобнигоҳдорӣ бо суръати тамом инкишоф ва такмил ёфтааст.

Дар асрҳои миёна шахсиятҳои фарҳангии зиёд солиёни дароз дар ин соҳаи илм заҳмат кашидаанд. Масалан, Мустафо ибни Абдулло (1017-1067 ҳ.қ.), ки бо номи Ҳоҷӣ Халифа низ маъруф аст, 20 соли умри худро ба таълифи «Кашф-уз-зунун» ном феҳристнома сарф кардааст, ки дар он «қариб 25 ҳазор китобу рисола ва тақрибан нуҳ ҳазору панҷсад нафар муаллифони осори илмию адабӣ оварда шудааст» (30, 162).

Баробари ба вуҷуд омадани дастгоҳҳои чопӣ аввал дар кишварҳои Ғарб ва баъдтар дар мамлакатҳои Шарқ соҳаи феҳристнигорӣ боз ҳам инкишоф ёфта, нусхаҳои хаттӣ ва чопии китобхонаҳои гуногуни ҷаҳон дар феҳристномаҳо тавсифу тавзеҳ дода мешуданд.

Феҳристнигорӣ минбаъд боз ҳам густариш ёфт ва сифатан мукаммал гардид. Мусаннифони феҳристнигор аз дастовардҳои феҳристнигории пешин истифода карда, ҷанбаи илмӣ ва амалии ин соҳаро тақвият медиҳанд ва онро

ба бахшҳои алоҳида ҷудо намуда, бо ҳамин имкониятҳои фаровони услубиву усулии феҳристсозиро ба аҳли илм пешкаш месозанд. Бартарии «Феҳрасти нусхаҳои хаттии форсӣ» (6 ҷилд) ва «Феҳраствораи китобҳои форсӣ» (15 ҷилд) ном таълифоти феҳристшиноси машҳури эронӣ Аҳмади Мунзавӣ аз феҳристномаҳои пешин дар он аст, ки мусанниф аз 85 ҷилд феҳристномаи нусхаҳои хаттии китобхонаҳои бузурги ҷаҳон истифода кардааст (30,164).

Дар давраи нав, замони густариши бемайлон ва бесобиқаи илму фарҳанги ҷаҳонӣ, феҳристнигорӣ аҳамияти боз ҳам бештар касб намуд, ба дараҷае ки ягон тадқиқоти адабиётшиносӣ, ягон куллиёти нависанда, ки ба талаботи илмӣ ҷавобгӯ бошад, бе истифодаи (мураттабсозии) масъалаҳои библиографӣ ба субут расида наметавонад.

Феҳристномаҳои адабиёти хаттӣ ва чопӣ аз рӯи таъйиноти худ ба ду навъ – **феҳристҳои оммавӣ** ва **феҳристҳои хос** ҷудо шуда, мувофиқи гурӯҳбандии нашрияҳо таснифӣ, мавзӯӣ, алифбоӣ ва ғайра мешаванд ва ҳар кадом усули хоси корбурд дошта, дар китобхонаҳо ва маъхазҳои китобнигоҳдории кишварҳои гуногуни дунё васеъ истифода мешаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таъсиси Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии ба номи Фирдавсӣ ва Китобхонаи илмии марказии Академияи илмҳои Тоҷикистон феҳристнигории осори чопӣ низ ба роҳ монда шуда инкишоф ёфт. Соли 1941, то оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ, бори аввал ду рӯйхати тавсиявии китобҳои Китобхонаи республикавии ба номи Фирдавсӣ ба табъ расид. Соли 1955 бошад, бо саъю кӯшиши С. Тоҷиддинов ва А.Е. Маҷӣ феҳристи китобҳои мансуб ба АИ Тоҷикистон тартиб дода шуд. Минбаъд дар ин ду муассисаи бонуфузи фарҳангӣ ҳам феҳристҳои асарҳои нодир ва қадима ва ҳам феҳристҳои умумӣ васеъ ба роҳ монда шуд. Аз ҷумла, феҳристномаҳои шахсӣ, ки аз хотирномаҳои умумӣ сар карда, то солномаи ҳаёт ва эҷодиёт, феҳристҳои китобхонаи нависанда, феҳристномаҳои дастхатҳои нависандагонро фаро мегиранд, густариш ёфтанд. Дар байни чунин феҳристномаҳо махсусан дуҷилдаи «Феҳрасти асарҳои

С. Айнӣ ва адабиёти оид ба ӯ» (ҷ. 1 соли 1963 ва ҷ. II соли 1978), ки аз тарафи Ҷ. Азизқулов ва З. Муллоҷонова таҳия гардидааст ва «Мирзо Турсунзода, Нишондиҳандаи библиографӣ» (Душанбе, 1972), ки аз тарафи ходимони шуъбаи илмӣ- библиографии Китобхонаи илмии маркази АИ Тоҷикистон мураттаб шудааст, бо фарогирӣ ва пуррагии маводи пешниҳодшуда фарқ мекунанд.

Соли 1961 бо қарори Шӯрои таҳририӣ – нашрии АИ Тоҷикистон дар Китобхонаи илмии маркази ин муассиса силсилаи «Биобиблиографияи олимони Тоҷикистон» ба роҳ монда шуд ва дар ин силсила феҳрастномаҳои шахсии академикҳо ва аъзо-корреспондентони АИ Тоҷикистон, одатан ба муносибати ҷашнҳои солгарди донишмандон, фаро гирифта мешаванд. То соли 1984 25 номгӯи ин силсила бо номҳои «Павел Николаевич Овчинников», «Бобоҷон Ғафурович Ғафуров», «Рауф Баротович Баротов», «Константин Титович Порошин» ва дигарон ба табъ расид.

Соли 1984 ба муносибати 60-солагии устод Табаров Китобхонаи илмии маркази АИ Тоҷикистон осорномаеро бо номи «Соҳиб Шуҳратиевич Табаров» (номгӯи 26-ум) аз тариқи нашриёти «Дониш» ба табъ расонд, ки он аз бахшҳои «Саҳнаҳои асосии ҳаёт ва фаъолияти С.Ш.Табаров», «Очерки мухтасари ҳаёт ва фаъолияти олим», «Рӯйхати асарҳои чопшуда», «Асарҳои таҳриркарда ва тартибдода», «Адабиёт дар бораи ҳаёт ва фаъолияти С.Ш.Табаров», «Нишондоди алфавитии асарҳои С.Ш.Табаров», «Нишондоди номҳо» иборат аст.

Бахши «Очерки мухтасари ҳаёт ва фаъолияти С.Ш.Табаров» ба қалами профессор Р. Мусулмонқулов тааллуқ дорад ва он ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таълиф ёфта, паҳлуҳои гуногуни фаъолияти қаламкашии устодро фаро гирифтааст. «Таълифоти С.Ш.Табаровро, - қайд кардааст Р. Мусулмонқулов, - мувофиқи хусусият, моҳият ва арзиши худ ба гурӯҳҳои зерин тақсим кардан мумкин аст: 1. Мақолаҳои тарғиботӣ; 2. Тақризҳо, мақолаҳои танқидӣ; 3. Тадқиқотҳои монографӣ; 4. Асарҳои дастурию таълимӣ» (26,16).

Устод Табаров ҳанӯз аз синни 14-солагӣ ба навиштани хабарҳо оғоз намудааст ва дар қисмати «Рӯйхати асарҳои чопшудаи С.Ш.Табаров» номгӯи хабарҳо, асару мақолаҳои илмӣ, илмӣ-оммавӣ, китобҳои дарсӣ, дастуру восита ва барномаҳои таълимӣ мувофиқи соли ба табъ расидаашон (солҳои 1938-1984) қайд гардидаанд. Дар ин қисмат хонанда на танҳо оид ба ном, соли чоп ва макони нашру миқдори саҳифаҳои таълифоти хурду калони муаллиф маълумот мегирад, инчунин аз тақризҳои ба ин ё он асари устод навиштаи олимону мутахассисон низ иттилоъ пайдо мекунад. Масалан, аввалин китоби устод Табаров бо номи «Материалҳо оид ба омӯхтани адабиёти советии тоҷик» соли 1948 аз тариқи Нашриёти давлатии Тоҷикистон нашр мешавад. Аз феҳристнома маълум мешавад, ки дар бораи ин китоб соли 1950 тақризи Я.Исоев ва соли 1951 тақризи Х.Мирзозода ба табъ мерасанд.

Дар қисмати «Асарҳои таҳриркарда ва тартибдодаи С.Ш.Табаров» номгӯи асару маҷаллаҳое оварда шудаанд, ки таҳти назари домулло Табаров ба табъ расидаанд ё устод дар таҳриру мураттабсозии онҳо фаъолона ширкат варзидааст. Бояд гуфт, ки нақши муҳаррир дар асарҳои бадеӣ ва илмӣ басо калон ва калидӣ мебошад ва муҳарриронe чун устод Табаров бо дониши фарогир, масъулияти баланди корӣ ва муносибати холисона ба такмили ҷанбаи илмии асару мақолаҳои таҳриршаванда мусоидат карда, бо ҳамин дар рушду нумӯи илму фарҳанги тоҷик дар замони шӯравӣ ҳиссаи арзанда ҳамроҳ намудаанд. Китобҳои таҳриркардаи устод Табаров, аз ҷумла «Саҷъ ва сайри таърихии он дар насри тоҷик» - и

Р. Мусулмонқулов, «Ғазал ва анъанаи он дар эҷодиёти устод Абулқосим Лоҳутӣ»-и М. Давлатов, «Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб»-и Р.Амонов, чун намунаи олии ҳамкории муҳарриру муаллиф дар таърихи илми филологияи тоҷик эътибори калон доранд.

Қисмати асосии феҳрист бо унвони «Адабиёт дар бораи ҳаёт ва фаъолияти С.Ш.Табаров» ба охир мерасад. Дар ин бахш ҳамаи мақолаҳое, ки ба ҳаёт ва осори муаллиф бахши-

да шудаанд ё ба фаъолияти устод қисман дахл кардаанд, мувофиқи тартиби алифбо ном бурда мешаванд. Аз номгӯи мақолаҳои муаллифони ватаниву хориҷӣ мақоми С.Табаров чун донишманди варзидаи давр баръало намоён мешавад.

Дар қисмати «Нишондоди алфавитии асарҳои С.Ш.Табаров» таълифоти устод ва осори таҳриру таҳиякардаи ӯ бо тартиби алифбо аввал бахши ба забони тоҷикӣ ва баъд бахши ба забони русӣ таълифёфта оварда шудаанд. Ин осорнома бо қисмати «Нишондоди номҳо» анҷом меёбад ва он бо усули феҳристнигории илмӣ батамом мувофиқат карда намунаи хуби феҳристномаи шахсӣ мебошад.

Бояд гуфт, ки фаъолияти илмию танқидии С.Ш.Табаров баъди соли 1984 боз ҳам густариш ёфт ва баъди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари мақолаҳои сершумор асарҳои бунёдиву арзишманди устод пай дар пай чоп шудан гирифтанд. Аз тарафи дигар, номгӯи як қатор мақолаҳое, ки то соли 1984 чоп гардида буданд, дар осорномаи аввал қайд нашудаанд. Масалан, дар осорномаи пешин дар қатори мақолаҳои соли 1951 дарҷгардида се мақолаи устод – «Ёзучи олим»: дар бораи С.Айнӣ («Қизил Тоҷикистон», 1949, 25 сентябр), «Дар бораи «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ» («Тоҷикистони сурх», 1949, 6 сентябр) ва «Мактаби калони эҷодӣ» («Тоҷикистони сурх», 1949, 30 ноябр) ном бурда нашудаанд.

Зиёда аз ин, дар феҳристномаи шахсии пешин бахши «Роҳбарӣ ба диссертатсияҳои номзадӣ» ҷой дода нашудааст. Ҳол он ки аз ҳафт рисолаи номзадие, ки бо роҳбарии устод Табаров навишта шудаанд, дифои шаштои он то соли 1984 сурат гирифтааст. Бинобар ин, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон тасмим гирифтаанд, ки соли 2003 осорномаи устод Табаровро аз нав бо иловаи таълифоти минбаъдаи муаллиф чоп намоянд. Ба гуфти муҳаррири ин осорнома профессор А. Маҳмадаминов, «усули ҷой додани маводҳо аз феҳристи соли 1984 тафовуте надорад. Бинобар ин, дар ин нашр ҳам феҳраст, ҳам аппарати ёрирасон, ҳам нишондоди алифбоии

асарҳои С.Ш.Табаров ва ҳам нишондоди номҳо дар асоси библиографияи соли 1984 ба шакл дароварда шудаанд» (23,2).

Ин аст, ки осорномаи дувум аз шумораи тартибии 570 оғоз гардида, дар он аввал маводи аз осорномаи пешин берун монда бо тартиби солҳои чопшуда ҷой дода мешавад. Ҳамчунин, дар осорномаи дувум бахши «Роҳбарӣ ба диссертатсияҳои номзадӣ» илова гардидааст, ки он рӯйхати фишурдаи рисолаҳои номзадиро бо номгӯи муаллифону мавзӯи тадқиқот ва соли дифоъ фаро гирифтааст. Ҳамин тариқ, дар ду барориши осорнома (солҳои 1984 ва 2003) миқдори таълифот ва асарҳои таҳриру таҳиякардаи домулло Табаров ба 733 ва адабиёту қайдҳои оид ба ҳаёт ва фаъолияти устод ба 241 номгӯй расидааст.

Устод Табаров дар даҳ соли охир, чунонки ба донишмандони ин синнусол хос аст, ба навиштани мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-оммавӣ кам таваҷҷуҳ намуда, асосан ба таълифи асарҳои бунёдӣ (чун «Зиндагиномаи Садриддин Айнӣ» (1875-1899)), ки аз сӣ ҷузъи чопӣ иборат аст, таҳриру такмил ва таҷдиди назари баъзе асарҳои пештар чоп гардида (чун «Пайрав Сулаймонӣ», ки бори аввал соли 1962 дар ҳаҷми 25 ҷузъи чопӣ ба табъ расида буд) ва нашр кардани асарҳои то ҳол рӯи чопро надида (чун «Романи «Ғуломон»-и Айнӣ ҳамчун романи таърихӣ», ки солҳои 1947-1948 таълиф ёфтааст) машғул мешавад. Ҷолиб аст, ки ҳангоми ба тартиб овардани бойгонии хеш устод боз ба якчанд хабару мақолаи дар матбуоти даврӣ чоп гардидааш, ки дар ду барориши пештараи осорнома ном бурда нашудаанд, дучор мешавад ва номгӯи онҳоро (чун хабарҳои «Кӣ гуфтааст? – «Ҷавонони Тоҷикистон», 1945, 31 октябр, «Тайёрӣ ба мусобиқаи гимнастикӣ» - «Газетаи муаллимон», 1941, 24 апрел ва мақолаҳои «Нависандаи бузурги рус» - «Блокноти агитатор», 1964, №5, -С. 243-244») дар ҳошияи нусхаи кории китоби аввали осорнома қайд мекунад.

Бо ибтикори шуъбаи библиографияи миллии Китобхонаи миллии Тоҷикистон бахшида ба ҷашни муборaки 90-умин солгарди устод Табаров осорномаи пурраи ин донишманди

басо сермаҳсул зери назари академик Носирҷон Салимов мураттаб ва чоп карда шуд ва ҷолиб аст, ки ин осорнома аз ду феҳристномаи пешин бо мукаммалӣ ва муназзамии мавод фарқ мекунад. Аввал ин ки дар феҳристномаҳои пешин асарҳои илмӣ, илмӣ-методӣ ва таълимии С.Табаров бо хабару мақолаҳо ва мусоҳибаҳои муаллиф дар якҷоягӣ мувофиқи тартиби солҳо оварда шудаанд. Дар феҳристномаи охир бошад, осори ғановатманди устод ба қисматҳои «Асарҳои илмӣ, илмӣ – методӣ ва таълимӣ. Нашрҳои алоҳида», «Мақолаҳо дар матбуоти даврӣ ва нашрияҳои давомдор», «Маърузаҳои С.Ш.Табаров», «Мусоҳибаҳои С.Ш.Табаров», «Корҳои таҳриркарда ва таҳиянамудаи С. Табаров», «Роҳбарӣ ба диссертатсияҳои номзадӣ» ҷудо шуда, ба кадом забон таълиф ёфтани мавод низ ишора мегардад. Аз ҷумла, қисмати «Мақолаҳо дар матбуоти даврӣ ва нашрияҳои давомдор» ба риштаҳои ба **забони тоҷикӣ, ба забони русӣ, ба забони ӯзбекӣ** ҷудо карда шудааст.

Дар ду осорномаи пешин қисмати маводи «Адабиёт дар бораи ҳаёт ва фаъолияти С.Ш. Табаров» аз рӯи тартиби алифбо оварда, соли таълиф ва забони навишти онҳо танзим нашудааст. Дар осорномаи охир бошад, ҳангоми ҷобаҷогузории маводи қисмати «Адабиёт доир ба ҳаёт ва фаъолияти С.Ш.Табаров» ҳам забони таълифот, ҳам соли таълифот ва ҳам тартиби алифбо ба эътибор гирифта шудааст. Масалан, мақолаҳои Шарифӣ А. «Олими ҷавон» ва Ефимов С. «Путь человека» ҳарчанд ҳар ду соли 1951 таълиф ёфтаанд, аввалӣ дар риштаи забони тоҷикӣ ва дувумӣ дар риштаи забони русӣ ҷойгир шудаанд. Чунин усули тартиб додани феҳристномаҳо, ки шуъбаи библиографияи миллии Китобхонаи миллии Тоҷикистон пеш гирифтааст, ба стандарти имрӯзаи ҷаҳонӣ оид ба библиографияи шахсӣ мувофиқат карда, боиси танзим ва мураттабии боз ҳам бештари номгӯй ва шарҳу тафсири мавод мегардад.

Мувофиқи осорномае, ки шуъбаи библиографияи миллии Китобхонаи миллии Тоҷикистон тартиб дода, ба табъ расондааст, алҳол номгӯи асарҳои илмӣ, илмӣ-методӣ ва таълимии устод Табаров ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ (баъзе асарҳо

бо ҳаммуаллифӣ ва баъзеи дигар такроран чоп шудаанд) ба 65, мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-оммавӣ, хабар, маърӯза ва мусоҳибаҳо ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ ба 681, корҳои таҳририӣ, таҳияҳо ва роҳбарӣ ба диссертатсияҳои номзадӣ ба 50 адад мерасанд. Адабиёте, ки ба ҳолнома ва фаъолияти илмию омӯзгории устод Табаров бахшида шуда ё қисман дахл кардаанд, 246 номгӯйро ташкил додаанд.

Ҳамин тариқ, осорномае, ки аз тарафи шуъбаи библиографияи миллии Китобхонаи миллии Тоҷикистон (мураттиб сардори шуъбаи библиографияи миллӣ Иброҳимова Сабоҳат, муҳаррир профессор Аламхон Кӯчаров, бо сарсухани доктори илмҳои филологӣ Шамсиддин Солеҳов) бахшида ба ҷашни 90-солагии устод Табаров таҳия ва чоп гардид, басо мукаммал ва муназзам буда, аз як тараф, фаъолияти серсоҳа, бомаром ва пурсамари адабиётшиносӣ, мунаққидӣ ва омӯзгории донишманди шинохтаи тоҷикро басо равшану возеҳ инъикос намояд, аз тарафи дигар, ба муҳаққиқону суханшиносон дар омӯзишу тадқиқи осори ин шахсияти барҷаста имконияти васеъ фароҳам меоварад.

*Илм танро ба ҷои ҷон бошад,*
*Сари беилм бадгумон бошад.*

## БОБИ 3.

## РӮЗНОМА ВА ОСОРХОНАИ С.ТАБАРОВ

### *НИГОҲЕ БА «ТААССУРОТИ АҚЛУ ДИЛ»*

Агар кас дар суҳбати устод Табаров ширкат дошта бошад, беихтиёр байти соҳибқирони шоирони форсу тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба ёдаш мерасад, ки гуфтааст:

*Тан-т яку ҷон якеву чандин дониш,*
*Эй аҷабо, мардумӣ ту ё дарё?*

Дар ҳақиқат, Соҳиб Табаров бо мутахассиси соҳаи забон чун забоншинос, бо мутахассиси соҳаи таърих чун муаррих ва ба мутахассисони соҳаи табиат чун табиатшинос суҳбат мекунад ва сирри чунин дониши амиқу фарогири устод, алалхусус, аз дафтарҳои қайдҳои илмӣ, конспектҳо ва хотираҳои эшон басо равшан ошкор мегардад.

Банда ҳафт дафтари қайдҳои илмӣ ва конспектҳои устод Табаровро, ки дар соли 1965 навишта шудаанд, варақ задам. Дар онҳо маводе ҷой дода шудаанд, ки дар рӯзнома ва маҷаллаҳои дар китобхонаҳои мамлакат маҳфузбуда дарҷ гардида, ба корҳои илмӣ ва таълимии устод иртибот доранд. Устод дар охири дафтари № 7 чунин қайд дорад: «Работая и собирая материалы по ист. тадж. сов. лит. в газетном зале Госуд. публич. библиотеки им. Ленина с 6 окт. По 17 ноября 1965 г. со стороны сотрудников отдела всегда чувствовал доброе отнощение, получал все необходимые помощи».

Устод инчунин аксари рӯзнома ва маҷаллаҳои дар Китобхонаи давлатии ба номи Фирдавсӣ маҳфузбударо, чун «Самарқанд», «Ойина», «Ҳуррият», «Овози тоҷик», «Бедо-

рии тоҷик», «Бигиз», «Тоҷикистони сурх», «Комсомоли Тоҷикистон», «Ҳақиқати Ӯзбекистон», «Барои маорифи коммунистӣ», «Пролетари Хуҷанд», «Литературная газета», «Литературный Узбекистан», варақ зада, хабару мақолаҳои муҳимму заруриро, то ки ҳангоми истифода ғалате рух надиҳад, ба эътибори кулли маълумот қайд мекунад: «Пролетари Хуҷанд». № 58(134). 2 июли 1931. Саҳифаи адабиёти нафис, № 14. Лоҳутӣ: «Орзу дорам, ки пас аз мурдан бадани маро дар кремотурӣ бисӯзонанд. Устухонҳои маро дар шиша карда, ин ғазалро рӯи он бинависанд:

*Оташ агарчи сӯхт тани нотавони ман,*
*Гул кард ишқу монд ба ҷо устухони ман.*
*Фонӣ шавад замонаву хомӯш намешавад*
*Он шуълаҳо, ки ҷаста бурун аз даҳони ма*н».

Чун порчаи боло, ҳамаи қайду шарҳҳои дар дафтарҳои қайдҳои илмӣ ва конспектҳои устод Табаров ҷой гирифта, дорои қимати калони илмӣ ва ҷанбаи таърихиву ҳуҷҷатӣ мебошанд.

Устод Табаров, чи хеле ки дар суҳбат ба рӯзноманигор Абдулқодири Раҳим иброз доштааст, ба навиштани хотираҳо аз охирҳои солҳои сиюм, аз айёми донишҷӯӣ, оғоз менамояд ва дар аввал ёддоштҳояш бо номи «Дафтари хотира» сабт мешаванд. Баъдҳо, аз соли 1968, сабти хотироти домулло бо номи «Таассуроти ақлу дил» дар дафтарҳои 96-варақа идома меёбад. Соли 2007 ба саволи А.Раҳим «ҳоло «Таассуроти ақлу дил» чанд дафтар шудааст?» устод ҷавоб медиҳад: «100 дафтар». Албатта, баъдҳо ба сабаби заъфи пирӣ ва бемории пай дар пай рафти китобати хотирот сусттар гардид. Бо вуҷуди ин устод ягон вақт қайд намудани хотираҳояшро қатъ накардааст ва ҳоло дафтари 118-уми «Таассуроти ақлу дил» дар арафаи анҷомёбист.

Устод Табаров дар ҳама ҷо ва дар ҳама ҳолат хотираҳояшо рӯи коғаз меорад. Аз ин ҷиҳат як ёддошти нависанда Абдулҳамиди Самад оид ба хотиранависии устод басо ҷолиб аст. 29 июни соли 1995 як зумра адибону оли-

мон, аз ҷумла устод Табаров, барои ширкат дар ҷашни 50-солагии Ҳабибулло Файзулло ба мавзеи Ховалинг сафар мекунанд. Ва азбаски дар роҳи дароз мошинҳо вайрон мешаванд, соати нуҳи шаб ба шаҳраки Ховалинг мерасанд ва меҳмонон аввал ба бинои Ҳукумати ноҳия медароянд. «Устод Табаров, – ба хотир меорад А.Самад, – ҳанӯз дар идораи ноҳия дафтари ғафси 96-варақа талаб карду хома. Бардорузан, такидану афшондани мошин дар роҳи фарозу ноҳамвор мӯсафедро хеле хаставу лакот карда. Вале ин дархости устод барои мизбонон ғайричашмдошт буд. Бо вуҷуди ин, кормандони соҳаи савдо нисфи шаб ба чор тараф давида, ниҳоят ду дафтар ва чанд хомаи худнавис ёфтанд. Муаллим аз ин меҳрубонии онҳо хеле нарм шуд ва дарҳол ба иншои сафарнома шурӯъ кард. Ман аз ӯ чашм наканда, дар дил ба ғайрату заҳматписандияш аҳсант мехондам»(40, 500).

Бояд гуфт, ки аз «Дафтари хотира»-ҳо танҳо дафтари №2 мондаасту халос. Мувофиқи гуфти устод, ҳангоми донишҷӯӣ ва солҳои аввали корӣ ба сабаби хонаи истиқоматӣ надоштан дафтарҳои хотираашро бо китобҳо ва конспектҳояш дар хонаи донишҷӯи Институти занона Фароғат Орифова дар Душанбе мемонад ва қисми дигари навиштаҳояшро ба Муъминобод мебарад. Мутаассифона, дафтарҳои хотира нобуд шудаанд ва минбаъд ин нобудшавӣ ба устод таъсири бад расонда, як муддат ёддошт карданро қатъ мекунад. Ва боз аз ибтидои солҳои 60-ум ёддоштнависиро сар мекунад, зеро медонад, ки ёддоштнависии шахсиятҳои фарҳангӣ, агар беғаразона ва хайрхоҳонаву оқилона бошад, минбаъд чун дастоварди миллӣ аҳамият пайдо мекунад, чуноне ки устод дар яке аз хотироташ таъкид намудааст: «Ҳамватанони азизам! Ҳар як мактуб, хатча, сурат ва ҳуҷҷати адибу олиму рассому артисту оҳангсозу ҳайкалтарошу кинобарори миллии хурду калони худро маҳфуз доред. Пас аз 50-100 сол ҳуҷҷатҳои муҳимми таърихӣ, илмӣ, маданӣ ва адабӣ хоҳанд гашт».

Дар ҳақиқат, вақте ки рӯзномаи устод Табаровро варақ мезанем (устод лутфан иҷозат дод, ки се дафтари хотирааш-ро варақ гардонам), аҳамияти илмӣ, таълимӣ ва тарбиявии

онро беш аз пеш эҳсос мекунем. Дафтари хотираи №2 аз 25. 02. 1941., вақте ки Соҳибназари 17-сола дар курси дуюм мехонд, оғоз меёбад ва ин навиштаҳо таъкид бар он доранд, ки устод аз ҳар рӯзи донишҷӯӣ басо пурсамар истифода мекардааст: 28.02.1941. Ба болои Фонвизин корро давом додам. Ин реферат доир ба адабиёти руси асри ХУ11 мебошад. Ба компанияи интихобӣ ба Совети Миллатҳо чун пропагандист ба колхози «Озодии занон №1» рафтам. Ин колхози шефии мо аст.

Устод фаъолияти ҳаррӯзаи донишҷӯияшро мухтасар қайд мекунад ва ин қайдҳо, ки ба рӯзҳои душвори пеш аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ рост меоянд, ба донишҷӯёни имрӯзаи Тоҷикистон намунаи ибратанд: 4.03.1941. Корро аз болои реферати «Фонвизин – комедиянависи бузурги асри 18» тамом кардам. Соати 6 ба участкаи интихоботӣ ба Совети Миллатҳо аз округи № 212 ҳамчун пропагандист рафтам. Соати 8 доклади рафиқ Астафев (муаллим) «Маркс, Энглис дар бораи Шекспир»-ро шунидем.

Албатта, қайдҳои давраи донишҷӯии устод аз лиҳози муҳтавои илмӣ ҳанӯз шогирдонаанд, вале дар онҳо муҳокима ва баҳодиҳии мустақилона ба асарҳои бадеӣ равшану возеҳ эҳсос мегардад ва аз ояндаи неки фаъолияти мунаққидии эшон дарак медиҳад: 15.04.1941. Ба анализи диалектҳо дар «Шодӣ» машғул шудам. Икромӣ қаҳрамони худро барои фарқ намудан танҳо аз рӯи забон – диалекташ нигоҳ мекунад. Айнӣ тамоман дигар. Вай ҳамчун устоди бузург. Ҳеҷ кас намегӯяд, Одина аз Қаротегин нест. Ҳама ӯро қаротегинӣ (на аз забонаш, балки аз рафтору кор, хулқу ахлоқ, донишу фаҳмиш) мешуморанд. Икромӣ, аз устод омӯзед!

Устод Табаров дафтарҳои хотираи давраи баркамолиашро «Таассуроти ақлу дил» ном гузоштааст ва бо ҳамин вусъати андеша ва умқи муҳокимаҳои илмиро дар ин дафтарҳо таъкид намудааст. Банда дафтарҳои № 1 ва №4 «Таассуроти ақлу дил»-ро варақ задам. Агар дафтари № 1 аз миёнаи апрели соли 1968 оғоз ёбад, пас дафтари № 4 ибтидои феврали соли 1969 ба анҷом мерасад. Яъне, дар зарфи 10 моҳ қайди

хотираҳои устод чор дафтари 96-варақаро фаро гирифтаанд, ки ин аз қобилияти фавқулоддаи заҳматписандии эшон дарак медиҳад!

Устод Табаров дар хотимаи дафтари № 4-и «Таассуроти ақлу дил» нияту моҳияти рӯзноманависиро чунин шарҳ додаст: «Ин дафтарҳои ман рӯзномаи беистам ҳастанд ва чунин рӯзҳоро ман ворӣ ҳазорҳо ҳазор тоҷикони асри XX шаборӯз аз сар гузаронидаанд. Ман ҳам он «сосед» (шахси тоқа) ҳастам, ки заррае аз «все человечество» (тоҷикони асри XX)

ҳисоб меёбам. Ман фақат чизҳои худам аз сар гузаронидаамро бе сохтакорӣ ба қалам додам ва ғояҳоямро, андешаҳои шахсиямро ифода кардам».

Вале ин саргузашт ва андешаҳои шахсӣ, ки аз ҷониби як олими маъруф баён гардидаанд, аксаран, хусусияти иҷтимоӣ ва рӯҳи таълимиву ахлоқӣ пайдо карда, ба инкишофи тафаккури мардуми тоҷик дар асри XX1 низ саҳми муносиб мегиранд. Устод Табаров дар зиндагӣ як шиор дорад: «Фақат меҳнат, меҳнат ва меҳнат!» ва ин шиор, чи хеле ки аз «Таассуроти ақлу дил» бармеояд, аз тарзи ҳаёти худи домулло сар задаст.

Устод, ки меҳри китобхонӣ тавассути муаллимони аввалинаш дар омӯзишгоҳҳои Самарқанд, Панҷакент ва Кӯлоб дар дилаш маҳкам ҷой гирифта буд, ҳангоми донишҷӯӣ дар пойтахти кишвар тақдири худро ба китобхонаи ба номи Фирдавсӣ басо мустаҳкам пайваст намуд, ба дараҷае ки ин махзанро «хонаи дуюм ва ҳатто хонаи зиндагии худ» мешумурд. Устод дар як вохӯрӣ ба кормандони китобхонаи ба номи Фирдавсӣ оид ба тарзи истифодааш аз китобҳо суҳбат карда, гуфт, ки аввал зиёдтар аз энсиклопедияҳо истифода мебурд ва ба муносибати рӯзи таваллуди бузургони адабиёт, чун Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Л.Толстой, Чехов, Горкий…, мақолаҳо менавишт. «Вақте ки соли 1939 И.В.Сталин 60-сола шуду ба ин муносибат аввалин унвони Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистиро гирифт, дар донишгоҳҳо стипендияи сталинӣ ҷорӣ гардид ва банда барандаи стипендияи сталинӣ шудам. Дигар танҳо китоб мехондаму китоб мехон-

дам, кори дигар надоштам». Ва ҳамин файзи китобхонӣ буд, ки устод мактаби миёнаро дар ҳафт сол ва Донишгоҳи омӯзгории Душанберо дар се сол хатм кардааст.

Умуман, Китобхонаи ба номи Фирдавсӣ чун муассисаи сеҳрнок ҳастии устодро батамом фаро гирифта буд ва ҳаракат мекард, ки ягон китоби арзишманду пурмуҳтаво аз назари эътибори ӯ дур намонад. «Китоб ва китобхона дӯстони ҷонии ман мебошанд, маро ягон сол дар китобхонаи олиҷанобе ҳабс карда монанду аз ҳавои он нафас кашам ва аз китобҳо ғизо гирам… Банда худамро бе китобу бе китобхона мурда меҳисобам», – қайд кардааст устод дар дафтари № 4 «Таассуроти ақлу дил» 5 феврали соли 1969.

Бинобар ин, ҳангоми кору фаъолият дар муассисаҳои илмиву таълимӣ низ андаке фурсат меёфт, дарҳол ба китбхонаи ба номи Фирдавсӣ мешитофт ва ӯро кормандони китобхона чун узви Шӯрои илмӣ аз дарбон сар карда, то роҳбари муассиса гарм истиқбол мегирифтанд ва дархосташро зуд ба ҷо меоварданд. Устод ба унвони «Хонандаи фахрии Китобхонаи илмии Тоҷикистон» № 1 сарфароз гардидааст.

Устод Табаров бародари шоир Ҳабиб Юсуфӣ – Абдулло Юсуфовро[6], ки баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба Душанбе омада, як муддат дар шуъбаи дастхатҳои Китобхонаи ба номи Фирдавсӣ кор мекунад, муаллими худ дар масъалаи омӯхтани хатти арабиасоси тоҷикӣ медонад. «Ман ҳар рӯз вақт ёфта ба шуъбаи дастхатҳои китобхона мерафтам ва аз Абдулло Юсуфов тарзи навишту хондани хатти арабиро меомӯхтам, – ба ёд меорад устод, – баъд ӯ баъзе китобҳоро дикта мекарду ман менавиштам. Аз ҷумла, асарҳои Фитратро ман бо ёрии ӯ (ҷояш ҷаннат бошад) навишта гирифтам».

Устод дар «Таассуроти ақлу дил», чун Абдулло Юсуфов, аксари кормандони ин китобхонаи бонуфузро бо некӣ ва сипос ёд мекунад: «Мамлакат ном зани куҳансоле дар

---

[6]. «Бародари калони Ҳабиб Юсуфӣ Абдулло Юсуфов саводи комили арабӣ дошта, дар мактабҳои Душанбе забони арабӣ дарс медод, соли 1970 вафот кард» (Раҳим Ҳошим).

даромадгоҳи ин китобхона ҳаст, ки ӯро аз солҳои ҷанг боз мешиносам, чунон инсон, чунон меҳрубон, чунон хушмуомила аст, ки тимсолаш кам аст. Ирина Осип Телман-ку яке аз куҳнатарин шиносҳоям мебошад. Аз ӯ куҳнатар Қосимова буд, ки ба нафақа баромад. Вай апаи Ғанӣ Абдулло аст. Зани нависанда Ҷалол Икромӣ – Саодат-апа ҳам қадрдони қадимаи банда мебошад. Фофанова бошад, ким-кай ба нафақа баромадааст. Онҳо ҳама библиографанд, ҷони одаманд».

Устод Табаров нисбат ба китобхонаҳои ба номи Ленин ва БАН (Китобхонаи Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ) камтар китоб доштани китобхонаи ба номи Фирдавсиро қайд мекунад, вале таъкид медорад, ки одами китобхон аз ин махзани илму маърифат низ барои тамоми умраш беҳтарин китобҳоро ёфта метавонад. Ва таҷрибаи китобхонии худи устод Табаров тасдиқи ин фикр аст: «Имрӯз,–ишора шудааст дар «Таассуроти ақлу дил» 6 январи соли 1969, – ними рӯз дар Китобхонаи ба номи Фирдавсӣ будам ва чизҳои даркориро аз назар гузаронидам – Киршон, Хименгуэй, Макаров, Шагинян, Фадеев, Шкловский, Пруст, Эсхил ва ғ.».

Мумкин аст чунин савол ба миён ояд, ки Соҳиб Табаров китобҳои зиёди илмию бадеии сатҳи ҷаҳониро ба кадом забонҳо мутолиа мекунад ва устод ғайр аз забони модарӣ ва забони русӣ, ки ҳукми забони муоширати умумииттифоқиро гирифта буд, боз кадом забонҳоро медонад? Вақте ки дафтарҳои «Таассуроти ақлу дил»-ро варақ мезанем, майлу рағбат ва андешаи устодро ба забону забондонӣ басо равшан мушоҳида мекунем.

Ва боз амиқ дарк менамоем, ки яке аз рукнҳои муҳимми оилаи зиёӣ ва бомаърифат забондонӣ мебошад: «Хубаш, ки ҳам ба забони маҳбубу дӯстдори модариам, ҳам ба забони русӣ, ҳам ба забони форсӣ, ҳам ба англисӣ хонам, – қайд кардааст устод 29 августи соли 1969. – Аммо ҳар кас қобилият надорад, ки чун Шагинян полиглот (касе, ки аксари забонҳои бонуфузи дунёро медонад- А.К.) бошаду ҳамаи асарҳои заруриро дар оригиналаш хонад. Полиглот шудан ба ман барин одами кундзеҳн амри маҳол аст. Ман асосан бо

забони лазизи модариям ва русӣ мехонам. Форсиву англисиро – гоҳ-гоҳ, немисиро ба воситаи Вандаҷону Саодатҷон, франсавиро ба воситаи Вандаҷон мехонам… Чайкин, Маррҳо, Бертелс, Бартолд… полиглот буданд».

Оре, носозгории шароити иҷтимоӣ ва муҳити ноҳинҷори зист ба Соҳиб Табаров имкон надод, ки чанд забони бонуфузи хориҷиро пурра фаро гирад, вале ҳамеша ба донишҷӯён ва ҳамсуҳбатон талқин мекард, ки бузургии шахсиятҳои ҷаҳонӣ, пеш аз ҳама, дар забондонии онҳо мебошад. «Забоншиноси бузурги гурҷӣ, узви вобастаи АИ Иттифоқи Шӯравӣ Георгий Ахвледиани, ки чил забонро медонист, образи марказии чандин асарҳои бадеӣ, аз ҷумла «Кулоҳи профессор Ахвледиани»-и Мирзо Турсунзодаи тоҷик гардид». Ин талқиноти устод Табаров дар шароити Тоҷикистони соҳибистиқлол ба сиёсати фарҳангии мамлакат иртибот мегирад.

Аз «Таассуроти ақлу дил» андешаҳои устод Табаров оид ба касбу пешаҳои гуногун равшан ҳувайдо мегардад. Устод бар он аст, ки дар зиндагӣ ҳама касб зарур ва даркор мебошанд ва онҳо муносибати самимона ва огоҳонаи инсонҳоро тақозо доранд. «Ҳар як кор, чи хурду чи калон, нек аст ё бад, агар ӯро дӯст дорӣ, хуб аст. Фарроши беҳтарин аз муаллими бад беҳтар аст, чунки яке бо дилсӯзӣ, самимона кор мекунад, дигаре дилсардона, бепарвоёна, бемуҳаббат».

Ва устод худ ба пешаи муаллимӣ аз ҳамин дидгоҳ наздик мешавад. Якуми сентябри соли 1969, ба муносибати Рӯзи муаллимон, эшон чунин қайд мекунанд: «Азоби муаллим аз азоби модар ҳам мушкилтару пурмашаққаттар аст, вале банда касби пурмашаққати муаллимиамро ба ҳеҷ касби дигар иваз намекунам».

Устод худқурбонӣ, ҷонфидоӣ ва серталабиро аз сифатҳои аслии касби муаллимӣ медонад, вале муаллиме, ки баҳри ободии Ватан ва ояндаи неки халқаш талош меварзад, ҳамаи ин душвориҳоро ба осонӣ паси сар мекунад, чун устод Табаров, ки гуфтааст: «Касби муаллимӣ дар хунам меҷӯшад ва бе он зиндагӣ карда наметавонам».

Оре, касби муаллимӣ дар сиришти устод рехта шудааст.

Ӯ ҳангоми тадрис дар Донишгоҳи миллӣ пайваста ба донишҷӯён курсҳои нав, чун матншиносӣ, назарияи танқиди адабӣ, адабиётшиносии муқоисавӣ, методи таҳлили асари бадеӣ, мехонд ва пайваста савияи дониши назарию усули таълими хешро такмил медод. Табиист, ки устод бо лексияи озод ва фарогиру пурмуҳтавои худ донишҷӯёнро ба андеша, ҷустуҷӯ ва фаъолият водор мекард. 4 апрели соли 1968 дар «Таассуроти ақлу дил» усули лексияхонии устод шарҳ ёфтааст: «Ман лексияро бе конспект, бадоҳатан мехонам. Ҳеҷ гоҳ аз рӯи матн лексия хонда наметавонам ва, баъзан, худам ҳис мекунам, ки бисёр нағз фаҳмонда истодаам. Илҳоми лексияхонӣ ба дониши студент вобаста аст. Дар лексия баҳсу мунозира ва мулоҳизаронии ҳои илмии беисти ҳозиразамонро дӯст медорам. Бо далелу ҳуҷҷат исботи мақсадро вазифаи асосии лектор мешуморам».

Ин аст, ки донишҷуён ба дарсҳои муаллим бо шавқу завқи зиёд ширкат варзида, аз он баҳраи зиёд мебардоштанд, онҳоро, чи хеле ки муллима Талбакова ёдовар мешавад, лексияҳои пурмуҳтаво ва ҷаззоби устод чун оҳанрабо ба худ мекашид: «Устод Табаров дар курси чорум аз назарияи адабиёт ба мо дарс мехонданд, ба назар чунин менамуд, ки муаллим тамоми таърихи башарро медонанд, тамоми олимони дунёро мешиносанд, аз тамоми гуфтаҳои адибони олам бархурдоранд. Гуфтаҳои худро бо гуфтаҳои олимони ҷаҳонӣ, чун Софокл, Ян Рибка, Е.Э. Бертелс, Иржи Бечка…, қувват медоданд, ки ин барои мо донишҷӯён шавқангез ва пуртаъсир буд. Ҳатто ҳангоми мисол овардан баъзе қисматҳои адабиётро ба фанҳои дақиқ – физика, астрономия, математика алоқаманд менамуданд, муаллим аз тамоми илмҳои замон бохабаранд»(69, 134).

Лексияҳои устод дар баробари ҷанбаи амиқи илмӣ доштан дорои аҳамияти калони тарбиявӣ буданд ва донишҷуёнро водор мекарданд, ки ба зиндагӣ, масъалаҳои рӯзмарраи ҳаётӣ зиёда таваҷҷуҳ намоянд. «Мавзӯи дарси устод Табаров,– ба ёд меоварад Боймурод Шарифзода, – танҳо маҳдуд ба як масъалаи фаннӣ набуд, балки сари ҳар як таҳлил мисоле аз ҳаёти воқеӣ нақл мешуд. Аз саломи одӣ

сар карда, то ба автобусу дигар нақлиёт савор шудан, одоби салом додан, вақтро ғанимат шумурдан ва амсоли ин масъалаҳое буданд, ки насиҳатҳои устод барои мо, ҷавонони аз деҳот омада, чун об дар хушкӣ зарур буд» (72, 139).

Ин усули лексияхонӣ ва баёни мавзӯъ ба устод имконият медиҳад, ки ба донишҷӯён аз наздик шинос шавад, дар ҷараёни саволу ҷавоб қобилият, малака ва майлу рағбати онҳоро ба қисматҳои гуногуни адабиёти бадеӣ муайян кунад ва минбаъд дар асоси ташхис ҳар ҷавонро ба ин ё он масъалаи илмӣ ҳидоят намояд. Фикр дорам, ба насри бадеӣ машғул шудани Юсуф Акобиров ва боз оид ба зиндагӣ ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ асари публитсистие таълиф намудани ин нависанда маҳз ба ҳидояти устод Табаров сурат гирифтааст: «Юсуф Акобировро аз ҳангоми таҳсилаш дар университет мешиносам. Касе хабарам дод, ки студент Акобиров аз Соктаре, ватани устод Айнӣ, аст. Пас, маълумоти дигаре ба гӯшам расид: Акобиров худаш аз авлоди устод Айнӣ аст. Аз ҳамин сабаб чи дар маҳфили «Адибони ҷавон» ва чи дар лексияҳоям ба ӯ супориш додам, ки доир ба Айнӣ ва авлоди ӯ материал (ҳикоя, нақл, ривоят…) ҷамъ намояд, чунки вай аз он маҳаллест, ки оид ба Айнӣ нақлу ривояти зиёде мавҷуд аст ва аз имрӯз он материалҳоро ҷамъ кардан лозим аст».

Устод Табаров дар миёни пешаҳои муаллимӣ ва мунаққидӣ як пайвастагӣ ва монандии комил дарёфтааст, зеро касби мунаққидӣ ҳам дорои мушкилиҳои зиёд буда, ба такмили маҳорати эҷодии адибон ва инкишофи ҷараёни адабии давр равона шудааст, вале мунаққид ба назарҳо намоён нест ва, баъзан, зарра барин хатои ӯро мисли фил нишон медиҳанд. Ва устод чун шахси душворписанду собитқадам маҳз ин ду пешаи тақдирсозро интихоб кардааст: «Бигузор ҳақоратам кунанд, ба ҳамааш тоб меорам, аммо ин ҳарду касби дӯстдорамро қатъ намекунам. Муаллимӣ ва мунаққидиро то зиндаам, дӯст хоҳам дошт».

Устод Табаров бо хоксорӣ ва фурӯтании ба худ хос моҳияти иҷтимоӣ ва илмии «Таассуроти ақлу дил»-ро маҳдуд арзёбӣ менамояд ва ин навиштаҷотро сирф баёни

ҳолатҳои шахсӣ медонад: «Дар ин хотираҳо ғайр аз таассуроти шахсӣ чизеро қайд карданӣ нестам. Лабораторияи эҷодӣ ва илмиамро шарҳ доданӣ нестам, чунки ҳар як фарди илмпарвар роҳу равияи хоси худро дорост ва аз ин ҷост, ки чизе аз фаъолияти мунаққидӣ ва адабиётшиносиямро баён намекунам».

Вале хонанда аз ин ёддоштҳо ҳам ба фаъолияти адабиётшиносӣ ва ҳам ба фаъолияти мунаққидии устод равшану возеҳ огоҳӣ меёбад. Мулоҳизаҳои устод оид ба назарияи танқиди адабӣ, предмети омӯзиш ва рӯҳи иҷтимоии он, таърихи пайдоиш, таҳаввул ва иртиботи он ба дигар қисматҳои адабиётшиносӣ хеле қавӣ ва пурмуҳтаво мебошанд. Аз мулоҳизаҳои пайдарпайи адабиётшиносии устод кас гумон мекунад, ки мундариҷаи китобҳои устод маҳз дар дафтарҳои хотирот тарҳрезӣ шудаанд: «Танқиди адабиро ойинаи афкори эстетикӣ-бадеӣ шуморем, хато нахоҳем кард. Дар ҳар давраи таърихӣ ва таърихи адабӣ танқиди адабӣ моҳияти асосии масъалаҳои инъикоси воқеияти зиндагиро ба воситаи образҳои бадеӣ мекушояд; роҳи минбаъдаи тараққиёти эҷоди бадеиро муайян мекунад; хислатҳои беҳтарини протсесси адабиро дастгирӣ мекунад ва тамоилҳои зарарнок ва қафомондаро фош мекунад; ҳодисаҳои адабӣ, асарҳои ҷудогонаи адибонро дар инкишоф ва тараққиёти рӯзафзуни афкори адабӣ-бадеӣ таҳлил менамояд ва ғайра».

Ҳамин тариқ, дар дафтарҳои «Таассуроти ақлу дил» асарҳои хурду калони Мирзо Турсунзода, Сотим Улуғзода, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Раҳим Ҷалил, Ашӯр Сафар, Фазлиддин Муҳаммадиев, Муъмин Қаноат, Пӯлод Толис, Ҳабибулло Файзулло, Гулрухсор… мавриди мулоҳизоти мухтасар ва муфассал қарор гирифтааст. Ҷолиб аст, ки намояндагони адабиёти муосири тоҷик ҳамеша дар заминаи суннатҳои адабии ҷаҳон ва иртибот ба осори пурарзиши классикони адабиёти тоҷик баҳогузорӣ мешавад. Соли 19712 60-солагии шоири бузурги тоҷик Мирзо Турсунзода дар тамоми қаламрави Иттифоқи Шӯравӣ ботантана таҷлил мегардад ва устод дар дафтари хотирот сабабҳои машҳурӣ

ва мавқеи ҷаҳонӣ пайдо кардани ин суханвари воломақомро қайд карда, андешаҳояшро чунин хулоса менамояд: «Бузургонро бузургон тавлид мекунанд. Турсунзода аз мактаби Низомиву Ҳофиз, Саъдиву Ҳилолӣ, Камолу Биноӣ, Айниву Лоҳутӣ, Пайраву Раҳимӣ ба олами адабиёти оламгири (назми) тоҷик дохил шудааст. Ин сарварону саромадони назм роҳи минбаъдаи эҷодиёти шоири ҳассос ва ҷӯянда – М.Турсунзодаро муайян кардаанд.

Агар Кантемир, Сумароков, Ломоносову Державин асоси назму рукни адабиёти русро намегузоштанд, А.С.Пушкинро лозим меомад, ки кори онҳоро сар кунад ва дар ин ҳолат Пушкин … то ба дараҷаи адиби ҳабиби ҳамаи халқҳои олам (адиби байналмилалӣ) намерасид. Ба бузургии М.Турсунзода низ пешгузаштагон роҳбаладӣ намуданд».

Рафти муҳокима ва андешаҳои устод дар масъалаҳои гуногуни адабиётшиносӣ ва равобити адабӣ басо қавӣ ва сергунҷоиш ба назар мерасад. Ин олими муқтадир адабиёти ғановатманди форсу тоҷикро дар сатҳи ҷаҳонӣ баррасӣ намуда, мавқеи классикони адабиётамонро бо роҳи муқоиса ба бузургони адабиёти дигар миллатҳо муайян менамояд. Устод достони «Мазҳакаи Илоҳӣ»-и шоири маъруфи итолиёвӣ Алигери Дантеро дар тарҷумаи русӣ мутолиа намуда, ба чунин натиҷа мерасад, ки: «Мазҳакаи Илоҳӣ» чун «Мазҳакаи инсонӣ» шоҳасарест, ки таърих тимсолашро хеле кам дидааст. «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ бо мавзӯъ, мазмун, образҳои барҷастааш аз чунин шоҳасарҳо хеле баланд истад ҳам, онҳоро бо ҳам муқобил гузоштан мумкин нест. Ҳар кадом вазифаи таърихӣ, ҷамъиятӣ, роли философӣ-эстетикии худро баҷо меорад ва ҳарду шоҳасарҳои бузурги оламшумул ба шумор меравад. Таърих чи дар назди Данте ва чи дар назди Фирдавсӣ вазифаи конкретӣ гузошта буд ва онҳо чун фарзандони давраи конкретӣ ин вазифаи таърихиро бо сеҳри қалами бадеӣ иҷро карданд».

Андеша ва муҳокимаҳои устод Табаров дар «Таассуроти ақлу дил» дигар соҳаҳои санъатро низ фаро гирифтаанд. Устод оид ба санъатҳои тасвирӣ, мусиқӣ, театр, кино ва намояндагони барҷаставу оламшумули онҳо чун мутахассиси

варзида сухан меронад, ба дараҷае ки дар чанд ҷумла аҳамияти эстетикӣ ва иҷтимоии ин ё он навъи санъат бозгӯ мешавад. Таъсире, ки дар ақлу шуури устод Табаров аз тамошои мусавварaи «Писари пушаймоншуда»-и Рембранти голландӣ (дар Эрмитажи Ленинград) ба вуҷуд омадааст, аз зеҳни тез, диди фарох ва маҳорати санъатшиносии эшон дарак медиҳад. Дар бардошти устод мундариҷа ва ғояи инсонпарваронаи ин шоҳкорӣ басо амиқ таҷассум ёфтааст: «Падар чӣ қадар шахси муқаддасу ғамхору меҳрубонест: писарро, чӣ кора, чӣ навъе бошад, дӯст медорад, аз гуноҳи ӯ мегузарад. Писари бетаҷриба, қайсар ва гапногиру роҳгумкарда ва падари пири авфкунанда. Рангҳо, рӯҳия, ҳолати психологӣ дар чашми ҳар кас ашк ва дар дил ғаму андӯҳи чуқуре ба вуҷуд меоранд. Рӯҳ, дил, ақли падару писар дар ҳар як штрихи ин сурат намоён шуда меистад.

Инсон, инсонро дӯст дор! Одам, Одам шав! Каси хато кардаро ба чоҳи адам тела мадеҳ,ислоҳаш кун, роҳи дурусташ нишон деҳ! Дар сахтӣ, азобу машаққат меҳрубонӣ, ғамхорӣ зоҳир кун! Ба азоби Одам наханд, тамасхур макун! – чунин чизҳоро, чунин мақсадро, чунин идеяро хондам аз ин шоҳи суратҳои Рембрант».

Аз хотироти устод Табаров садоқат ва муҳаббати сӯзон ба Ватан ва мардуми кишвари азизаш ҳамвора эҳсос мегардад. Эшон ҳар комёбӣ ва пешрафти фарҳангии халқашро бо шодиву фараҳ пешвоз мегирад ва бисёр мехоҳад, ки халқи тоҷик дар дунёи мутамаддин соҳиби мавқеву манзалати хоса бошад. Муҳим он аст, ки устод ба оянда и неки фарҳанги кишвараш боварӣ дорад. 29 октябри соли 1968 устод чунин қайд дорад: «Орзу дорам, ки чун «Спартак», «Отелло», «Евгений Онегин» опера ё балете дар мавзӯи фоҷиаи падару писар, ки адабиёти олам мислашро чун Рустам ва Суҳроб надидааст, ба вуҷуд ояд. Инчунин асари мусиқӣ, ки аз дасти композитори типи Чайковский, Рахманинов, Прокофев, Хачатурян, Қара Қараев пайдо гардад, асар зинда мемонад. Ку композиторе, ки «Рустам ва Суҳроб»-и безаволро ба вуҷуд орад. Албатта, чунин рӯз хоҳад расид».

Дар «Таассуроти ақлу дил» аз арбоби намоёни сиёсиву

фарҳангии ватаниву хориҷӣ ва шахсиятҳои машҳури ин диёр номҳои бисёре зикр гардидааст, ки, мутаассифона, бар асари беэътибории наслҳои баъдина баъзе аз онҳо аллакай аз ёдҳо рафтааст. Устод Табаров гаштаю баргашта таъкид мекунад, ки тавассути бойгониҳои ҳукумативу шахсӣ шахсияти нафароне, ки ба миллати худ хизмати бедареғ намудаанд, муайян карда шавад ва ба ин муносибат масъалаи зарурати шаҷаранома ё насабномаро ба ҳар хонадон ба миён мегузорад: «Сад афсӯс ки мо – тоҷикони асри XX шаҷаранома ё насабнома надорем, чунонки ҳамаи мардуми мутамаддини олам, хусусан скандинавиҳо, чунин насабнома ё шаҷаранома доранд».

Умуман, «Таассуроти ақлу дил» аз ҷиҳати мавзӯъ, мундариҷа ва услуби баён басо ҷолиб ва пурмуҳтаво аст. Дар дафтарҳои хотироти устод ҷараёни зиндагии пуршӯри як шахсияти огоҳдили фарҳангӣ бо тамоми паҳлуҳояш ҳувайдо мешавад. Зиёда аз ин, дар ёддоштҳо муҳити адабии давр, нишастҳои эҷодӣ, маросимҳо, урфу одат ва суннатҳои мардумӣ низ хотирмон таҷассум ёфтаанд. Дар яке аз нишастҳои хоссаи адибон Муъмин Қаноат олими ҷавон – Аълохон Афсаҳзодро ба Мирзо Турсунзода шинос мекунад. Устод Турсунзода мегӯяд: «Номи нав – Аълохон ва қадимаи адабӣ – Афсаҳзод бо ҳам як омадаанд, –ва меафзояд. – Дар солҳои 30-юм номҳои нав, револютсионӣ чун Мэлс, Энергетика, Октябр… пайдо шуданд. Самад Ғанӣ писарашро Октябр ном кард. Калонтар, ки шуд, ҳар вақт дар ҳавлӣ ягон бетартибӣ мекард, модараш аз тирезаи ошёни дуюм сар баровარда: – Ҷавонимарг шавӣ, Октябр, Ту куҷоӣ, Октябр? Мур, Октябр, – гуфта писарро танбеҳ медод. Самад Ғанӣ маҷбур шуд, ки номи писарашро дигар кунад. Ӯро Ӯктам ном гузошт».

«Таассуроти ақлу дил» чун маъхази муҳимми фарҳангӣ ба «Ганҷинаи нақди адабии Соҳиб Табаров» зебу фарр мебахшад.

## «ГАНҶИНАИ НАҚДИ АДАБИИ СОҲИБ ТАБАРОВ»

Моҳи октябри соли 2006 дар ҳаёти адабиву фарҳангии ноҳияи Муъминобод воқеаи муҳим ба вуқӯъ пайваст. Дар маркази ноҳия иншооти фарҳангие бо номи «Ганҷинаи нақди адабии Соҳиб Табаров» таъсис ёфт ва дар расми ифтитоҳи он меҳмонони зиёд аз адибон, олимон ва дигар намояндагони аҳли фарҳанги пойтахти ҷумҳурии азиз ва манотиқи гуногуни Тоҷикисон ширкат варзиданд. Устод Табаров ба муносибати ин чорабинӣ дар маҷлисгоҳи бинои Ҳукумати Муъминобод бо шукргузории зиёд сухан гуфта, аз ҷумла, чунин қайд намуд: «Махсусан банда ба сарвари Ҳукумати Муъминободам Сафаралӣ Зокиров ташаккуру эҳтироми худам ва хонаводаамро баён карданиям. Сафаралӣ Зокиров он кореро, ки ду раиси собиқи ноҳия аз соли 1994 то сли 2005 ба ҷо оварда натавониста буданд, дар муддати зиёда аз як сол ба ҷо овард.

Камина ва оилаам аз Раиси Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Маҳмадсаид Убайдуллоев сипосгузору шукргузор ҳастам, ки дар муддати се-чор соли охир сохтмни ин осорхонаро ба зери назорати худ гирифт ва дар ин кори фарҳангдӯстонаи ӯ мададгори асосияш мудири шуъбаи иҷтимоиёти Маҷлиси Олӣ муҳтарам Рамазон Ғозиев буд» (Дафтари қайдҳо, № 1).

Дар ҳақиқат, вазъи ноҳинҷори нигоҳдории мероси хаттӣ ва чопии адибону олимони тоҷик солҳо боз хотири устод Табаровро озурда месозад. Устод сатҳи баланди ҳифозати китобхона ва бойгониҳои Пушкин, Л. Толстой, Достоевский, Чехов, Белинский, Некрасов, Горкийро ба назар меоваранду аз вуҷуд надоштан ё қобили истифода набудани бойгониҳои аҳли қалами тоҷик афсӯс мехӯрад ва борҳо қайд кардааст, ки: «Дар Тоҷикистон архиви адабиёт ва санъат ташкил кардан лозим аст. Бе архив ҳеҷ як корамон пеш нахоҳад рафт. Ҳаким Карим, Юсуфӣ, Пайрав, Сарвар ва даҳҳо дигар ади-

бони мутаваффо инро исбот кардаанд. Мо намедонем, ки архив, дастнавис ва осори даҳҳо адибонамон дар куҷоянд» («Таассуроти ақлу дил, №4).

Ин ҳолати ногувор устодро водор мекард, ки дар бораи тақдири минбаъдаи китобхонаи хеш низ андеша намояд ва соли 1994, дар арафаи ҷашни 70-солагӣ, ба чунин фикр омад, ки дар маркази ноҳияи Муъминобод осорхонаи фарҳангӣ таъсис намояд, вале ҷомаи амал пӯшидани ин фикр вақти зиёд ва саргардониву пофишороиҳои пайдарпайро тақозо намуд. Дар арафаи ин ҷашни муборак, вақте ки Олимҷон Табаров аз ноҳияи Муъминобод ба хабаргириии амакаш меояд, устод Табаров ба бародарзодааш чунин маслиҳат медиҳад: «Олимҷон, чӣ мешавад, ки ҳама хешу табор ҷамъ шаведу дар маркази ноҳияи Муъминобод як биное созед, ки банда тамоми осори илмию фарҳангиямро (аз китобу дастхатҳо сар карда) ба он ҷо интиқол диҳам. Шояд, мардуми ноҳияи Муъминобод аз боигарии маънавии ман ҳам баҳраманд шаванд ва ба ин восита дар ноҳияи азизам боз як муассисаи фарҳангӣ арзи ҳастӣ намояд».

Олимҷон ҳам, ки мунтазири чунин маслиҳат буд, ба раиси Ҳукумати Муъминобод Ҷумъахон Сафаров ариза навишта, дархост мекунад, ки раис баҳри дар маркази ноҳия бунёд кардани осорхонаи адабиётшинос ва мунаққиди маъруфи тоҷик Соҳиб Табаров мусоидат намояд. Раис ин нияти некро дастгирӣ карда, ба хулосае меояд, ки бинои собиқи почта таъмир карда, ба Осорхонаи Соҳиб Табаров табдил дода шавад. Аммо ин андеша ҷомаи амал намепӯшад.

Баъди ба кор омадани раиси нави ноҳия Раъно Каримова (муаллима солҳои 2000-2005 ин вазифаро ба уҳда дошт) низ масъалаи Осорхонаи Соҳиб Табаров дар чанд ҷаласаи ҳукумати ноҳия мавриди баррасӣ қарор мегирад ва муаллима мутасаддиёнро водор мекунад, ки аз пайи дарёфти ҷойи мувофиқи осорхона шаванд. «Вақте ки дастгирии раисаро оид ба таъсиси осорхона ба домулло Табаров хабар додам, – мегӯяд Олимҷон,– домулло басо хурсанд шуд ва гуфт, ки осорхона «Ганҷинаи нақди адабии Соҳиб Табаров» номгузорӣ шавад. Баъд дар бораи хонаи бачагони ноҳияи

Муъминобод дар солҳои 1932-34 асри гузашта сухан кард ва гуфт, ки: «Ҷойи хӯрокхӯриамон дар назди ҷойи ҳозираи лагери пионерӣ буд. Мо саҳар, нисфирӯзӣ ва бегоҳӣ он ҷо рафта хӯрок мехӯрдем ва азбаски ман мелангидаму омадурафт бароям душворӣ мекард, акоям Мирзоназар аз ошпазҳо илтимос мекард, ки гоҳ-гоҳ маро дар ошхона иҷозати хоб кардан диҳанд ва ман баъзе вақт дар назди оташдони ошхона мехобидам».

Муаллима Раъно Каримова, вақте ки аз ин ёдоварии устод Табаров иттилоъ меёбад, қарор медиҳад, ки «Ганҷинаи нақди адабии Соҳиб Табаров» дар ҷойи ҳамон ошхонаи таърихӣ, ки дар солҳои душвори зиндагӣ як қисмати бачаҳои муъминободӣ дар он ба ғизо таъмин мегардиданд, сохта шавад ва бошад, ки имрӯз аҳолии ноҳияи Муъминобод аз ин ганҷина ғизои маънавӣ бардоранд.

Ҳамин тариқ, бо саъю талоши мунтазами устод Табаров, дастгирӣ, мусоидат ва назорати Раиси Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадсайид Убайдуллоев ва масъулияту эҳсоси баланди фарҳангдӯстии раисони ноҳияи Муъминобод, хосса Сафаралӣ Зокиров, дар шафати боғи марказӣ ҳашт сол пеш бинои хуштарҳу зебое бо номи «Ганҷинаи нақди адабии Соҳиб Табаров» бунёд гардид.

«Ганҷинаи нақди адабии Соҳиб Табаров» аз саҳни ҳавлӣ таваҷҷуҳи бинандаро ба худ ҷалб мекунад. Байти:

*Илм танро ба ҷои ҷон бошад,*
*Сари беилм бадгумон бошад, –*

ки дар тарафи рости даромадгоҳи бино бо ҳарфҳои барҷаста сабт гардидааст, касро ба олами илму фарҳанг ҳидоят менамояд. Бино аз долон ва се ҳуҷра – хонаи кори мудири «Ганҷина…», китобхона ва қироатхона иборат аст. Суханҳои ҳикматнок, расмҳои алоҳидаи хурду калон ва суратҳои ҳамҷояи устод Табаров бо Президенти Мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, устод Табаров ва аҳли оилаи ӯ бо донишмандон, ҳамкорон ва шогирдон дар девори ҳуҷраҳо

ба бинанда таассуроти амиқ мебахшад ва эҳсос мекунад, ки шахсиятҳои барҷастаи ба китобу қалам дил додаро, иншоаллоҳ, умри абад насиб бошад. Дар ҷевонҳои қироатхона тамоми дастхатҳову ҳуҷҷатҳои устод, тақризҳо ба корҳои илмии аспирантон ва донишҷӯён, ҳамчунин рӯзнома ва маҷаллаҳои гуногун, аз ҷумла қариб тамоми нусхаҳои пешини маҷаллаи «Садои Шарқ», «Илм ва ҳаёт», «Хорпуштак» нигаҳдорӣ мешаванд.

Ҷолиб аст, ки устод Табаров то тавониста, тамоми ҳуҷҷатҳои расмии дар давоми умри бобаракат аз тарафи ҳукумат ва муассисаҳои дигар ба ӯ додаро нигоҳ доштааст. Масалан, тобистони соли 1940 дар Муъминобод Соҳибназарро барои шиноснома гирифтан ду фелдшер муоина карда «дар соли 1924 таваллуд шудааст» гӯён маълумотнома медиҳанд. Устод дар ёддошти «Чӣ рӯзҳое аз сарам гузаштааст» қайд мекунад, ки: «Ҳамин справкача бо муҳри шуъбаи паспорти Муъминобод дар бораи гирифтани паспорт маҳфуз аст».

Таваҷҷуҳи моро бештар китобхона ҷалб намуд. Китобхона, мувофиқи рӯйхати мудири «Ганҷина…» Олимҷон Табаров, домани чор ҳазор китобро фаро мегирад, ин китобҳо дар ҷевонҳо батартиб гузошта шудаанд ва, асосан, адабиёте мебошанд, ки устод Табаров дар муддати умри бобаракат гирд овардааст ё ин ки муаллифони гуногунихтисосу гуногунмартаба ба эшон тақдим кардаанд. Китобҳо бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ буда, қисман ба масъалаҳои адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ оид мебошанд. Дар баробари ин, дар китобхона оид ба забон, фолклор, таърих, мусиқӣ низ адабиёти зиёди илмӣ, тавзеҳӣ ва дарсӣ вуҷуд дорад. Рафҳои китобхонаро асарҳои нодир, аз қабили «Большая советская энциклопедия» (ҷилдҳои 1-51), «Всемирная история» (ҷилдҳои 1-9), «История русского искусства» (ҷилдҳои 1-12), «Всеобщая история искусств» (ҷилдҳои 1-3), «Искусство Средней Азии эпохи Авиценны», «История античной литературы»… ва луғатномаҳои гуногуни тафсирӣ, дузабона ва чандзабона шукӯҳ бахшидаанд.

Ҳамчунин, дар рафҳои китобхона осори бадеии адибони

классикиву муосири тоҷику рус ва яке қатор халқҳои дигар чун Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Низомии Ганҷавӣ, Шайх Саъдӣ, Хоҷа Ҳофиз, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Дониш, А.С.Пушкин, А.П.Чехов, Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Расул Гамзатов, Чингиз Айтматов… бо тартиби муайян чида шудаанд.

Бояд гуфт, ки устод Табаров дар дастрас кардани китобҳо басо собитқадам аст. Бар замми он ки устод Табаров ва ҳамсари азизаш муаллима Ванда Витолдовна ҳамвора як қисми маблағи маошашонро сарфи харидани китоб мекарданд, дар замони шӯравӣ ҳар сол ба домулло чун узви вобастаи АИ Тоҷикистон 175 доллари америкоӣ барои харидани китобҳои тахассусии дар хориҷи кишвар чоп гардида медоданд ва устод аз ин маблағ басо самаранок истифода мекард. Домулло дар яке аз дидорбиниҳо иброз дошт, ки: «Ба шогирдам Раҳимҷон Мусулмонқулов асарҳои Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ лозим шуд ва мебоист онҳоро аз давлати Эрон дастрас мекард. Ин асарҳоро тавассути доллари америкоӣ аз Эрон харидорӣ кардем».

Олими рус Н.И.Матсуев дар мақолаи «Китобхонаҳои шахсии адибон» гуфтааст: «Чунин китобхонаҳо метавонанд майлу рағбати ҷамъиятӣ ва илмиеро, ки нависанда дар он муҳит зиндагӣ карда, дар эҷодкорӣ таъсир гирифтааст, инъикос намоянд»(13,135). Ва устод Табаров низ вобаста ба майли илмию ҷамъиятӣ китобҳои зиёде ҷамъоварӣ намуд ва табиист, ки «Ганҷина…» кулли ин китобҳоро фаро нагирифтааст. Мунаққид бархе аз китобҳояшро ба китобхонаҳои пойтахти ҷумҳурӣ тақдим карда буд. «Умуман дар муддати 10-15 соли охир, – қайд кардааст устод апрели соли 1960, – ба китобхонаҳои Академия, ба номи Фирдавсӣ, Университет зиёда аз 200-300 китоб, журнал, оттиск, реферат супоридам. Онҳо ба хонандагон бояд фоида расонанд. Дар як ҷо хобидани онҳо, агар тез-тез зарур набошанд, лозим набудагист, алалхусус ки ҷойи китобмонӣ дар хонаи мо хеле кам аст». Ва як қисми китобҳо алҳол дар хонаи домулло, дар Душанбе, мебошанд. Бо вуҷуди ин, шумораи китобҳои китобхонаи «Ганҷина…» аз ҳисоби туҳфаҳо аз шахсиятҳои алоҳидаи

фарҳангӣ дар ҳоли афзоиш қарор дорад. Шогирдон ва ихлосмандони устод алҳол ба ин осорхона зиёда аз 500 китоб тақдим кардаанд. Аз ҷумла, профессор Абдурраҳмон Маҳмадов домани 300 китобу маҷалла туҳфа кардааст.

Ҷолиб аст, ки дар саҳифаҳои аксари китобҳои китобхона, чи адабиёти илмӣ ва чи адабиёти бадеӣ, нақши қалами устод мушоҳида мешавад. Ин қайдҳо баъзан мухтасар ва баъзан муфассал мебошанд ва дар ҳама ҳолат чун ифодакунандаи муносибати танқидии мунаққид ба лафзу маънии асарҳо ба назар мерасанд. Масалан, дар ҷилди якуми «Донишномаи Рӯдакӣ» (Душанбе, 2008), ки аз 592 саҳифа иборат аст, аз аввал то охир қайду эроди устод мушоҳида мешавад. Бо чанд услуби нигориш китобат ёфтани мутуни донишнома боиси қайди зерини мунаққид гардидааст: «Даҳҳо услубро кор фармудед. Як маҳаррири доно мебоист онҳоро бо ҳам наздик мекард ва энсиклопедӣ менамуд».

Дар ҳақиқат, як хусусияти адабиёти эзоҳӣ, аз ҷумла асарҳои энсиклопедӣ, аз он иборат аст, мақола ё матнҳои эзоҳӣ (новобаста аз он ки муаллифони бисёр ширкат меварзанд) аз ҷиҳати нигориш ягона, мухтасар ва ба ҳамаи хонандагоне, ки матн ба онҳо нигаронида шудааст, дастрас бошад. Бинобар ин, дар ин гуна асарҳо вазифаи муҳаррир ё муҳаррирон ниҳоят масъулиятнок мебошад.

Ҳамчунин, устод баъзе калимаҳоеро, ки дар ашъори Рӯдакӣ истифода шуда, дар ҷилди аввали «Донишномаи Рӯдакӣ» шарҳу эзоҳ наёфтаанд, чун **аҷиб, бингоштанд** (ҷамъ 60 калима) қайд карда, фикри худро бо порчаҳои шеърӣ тасдиқ мекунад. **Аҷиб:**

*Омад баҳори хуррам бо рангу бӯи тиб,*
*Бо сад ҳазор нузҳату ороиши* ***аҷиб.***

Ҳамчунин, дар китбхона китобҳои бисёре аз шахсиятҳои маълуму машҳур ва навқаламони Тоҷикистон ва берун аз он бо соядастони муаллифон нигоҳдорӣ мешавад, ки аз ҳамкории хайрхоҳона, ҳусни таваҷҷуҳ ва эҳтироми онҳо ба устод Табаров дарак медиҳанд. Устод дар дафтари рақами 4

хотира 6 феврали соли 1969, аз ҷумла, чунин қайд кардааст: «Нависандаи маъруф Сотим Улуғзода бо дасти студенти чустие «Восеъ»-ашро ба банда фиристод. Миннатдорам». Маълум мешавад, ки романи «Восеъ» 4 феврали соли 1969 бо соядасти зерин ба С.Табаров расонда мешавад: «Ба дӯсти донишмандам Соҳиб Шуҳратиевич Табаров бо эҳтиром тақдим менамоям. Имзо. 4 февр. С. 1969». Ё худ нависанда Фазлиддин Муҳаммадиев «Шаби саввум» ном маҷмуаи хешро бо соядасти зерин ба устод тақдим намудааст: «Ба муаллими азиз Соҳиб Шуҳратиевич бо камоли эҳтиром – ба ёдгор. Ф.Муҳаммадӣ. 25. 5. 78».

Умуман, китобхонаи «Ганҷина…» дар муддати чанд соли мавҷудияти худ аз ҳисоби муаллимону мактаббачагон, аҳолии ноҳияи Муъминобод ва устодону донишҷӯёни Донишгоҳи давлатӣ ва коллеҷи омӯзгории шаҳри Кӯлоб аллакай хонандагони доимии худро пайдо кардааст. Алҳол миқдори хонандагони ин маркази фарҳангӣ ба 3450 кас мерасад. Муносибати ихлосмандони устод Табаров, ки зиёдтар оммаи мардум ва мӯйсафедони диёр мебошанд, ба ин «Ганҷина…» ҷолиби диққат аст.

«Рӯзе дар ҳуҷраи кориам нишаста будам, ки шахсе аз берун садо кард,– нақл мекунад мудири «Ганҷина…» Олимҷон Табаров. – Аз овозаш маълум буд, ки марди пирест. Дарҳол ба пешвозаш баромадам. Мӯйсафеди нуроние дар даромадгоҳи осорхона меистод. Салом додаму ба дарун таклифаш кардам. Мӯйсафед пештар омаду гуфт: «Писарам, аввал ба ман як сател об биёр». Ман ҳайрон шудаму зуд рафта як сатил об овардам. Мӯйсафед дар замини роҳрав нишасту мӯзаҳояшро аз по берун кард ва ҷӯробҳояшро низ кашиду ба шустани пойҳояш сар кард. Оби сатилро пурра сарфи таҳорат намуд. Баъд бо пойи лучу батаҳорат дохили «Ганҷина…» шуд.

Баъд ба китобхона даромада насиҳатомез гуфт: «Писари азизам, кас вақте ба дидани ин ганҷинаи бебаҳо меояд, бояд ҳафт маротиба дасту пойашро шӯяд, бисмиллоҳ гӯяд, Худои бузургро ёд кунад ва баъд қадам пеш гузорад, зеро ин ҷои муқаддас аст. Дар ин ҷо илми домулло Табаров маҳфуз аст,

кас бояд ба қадри ин макон бирасад. Бисёрии мардуми мо гумроҳанд, намедонанд, ки ин қадар китоб чи гуна пайдо шудааст. Барои навиштани онҳо шабзиндадорӣ кардан лозим меояд, гурусна мондан, нияти нек кардан, аз даргоҳи Илоҳӣ барои анҷоми китоб садҳо маротиба мадад хостан лозим меояд. Аз ин рӯ, ман таҳорат кардам, то ба ғазаби Худои бузург гирифтор нашавам».

Баъди ин қисми китобҳоро як-як аз назар гузаронид, бӯса кард ва аз миёни онҳо китоби «Се маорифпарвари тоҷик дар бораи армирони манғит» - ро гирифта ба қироатхона даромаду ба хондан сар кард. Ман ба кори худ овора шудам. Мӯйсафед то нисфирӯзӣ нишаста китоб хонд, баъд аз ҷояш хесту рафтанӣ шуд. Ман он китоби нимкора хондаашро ба ӯ додам, то ки хонда ба итмом расонад. Ҳамин минвол мӯйсафед хонандаи доимии китобхона шуд ва қариб тамоми китобҳои устод Табаровро мутолиа намуд».

«Ганҷинаи нақди адабии Соҳиб Табаров» чун Маркази фарҳангии ноҳияи Муъминобод дар байни табақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ эътибори хосса пайдо кардааст. Ба гуфти мудири «Ганҷина» Олим Табаров, ҳар шахсе, ки ба ноҳия биояд, албатта аз ин макони муқаддас дидан мекунад ва таассуроти хуб мебардорад ва созандагони он таҳсину офарин мегӯяд.

Ин ҳолатро, алалхусус, аз қайдҳои сипосгузоронаи меҳмонони ба ин остона ташриф оварда баръало мушоҳида кардан мумкин аст. Қайдҳо аз моҳу рӯзҳои аввали таъсиси «Ганҷина…» мушоҳида мешаванд. 12 ноябри соли 2006, ҳанӯз вақте ки ин муассиса пурра ба кор шурӯъ накарда буд, як зумра бонувони аз минтақаи Раштонзамин ба Муъминобод барои ширкат ба семинар омада таассуроташонро чунин иброз доштаанд: «Мо, як гурӯҳ хонумони ноҳияҳои Рашт, Файзобод, Обигарм, Тавилдара, Ҷиргатол ба кори хайр ва дили бузурги шумо сад аҳсану офарин мегӯем ва ба муносибати чунин кохи нурро кушоданатон табрик гуфта, ба шумо муваффаққият хоҳонем: Одинаева Ғанимат, Назриева Зулфия, Саидова Давлатпочо…».

Дар дафтар қайди олимону устодон зиёдтар ба назар ме-

расад ва ҷолиб аст,ки аксари ёддошткунандагон шарафи шогирдии устодро доранд: «Ба раёсати Ҳукумати Муъминобод миннатдории бепоёни худро изҳор менамоям, ки хона-музеи адабиётшиноси забардасти тоҷик – Соҳиб Шуҳратиевич Таборовро ташкил карда, барои насли навраси мардуми мо дарси ибрат нишон додаст. Шогирди устоди бузургвор, ки умрашон дароз бод, Фозил Тоҳиров, ҳуқуқшинос, академик».

Ба «Ганҷина…» намояндагони Ҳукумати Тоҷикистон низ ташриф оварда, таассуроти нек гирифтаанд. Аз ин ҷиҳат ёддошти Вазири фарҳанги Тоҷикистон Мирзошоҳрухи Асрорӣ, ки худ роҳбари осорхонаҳои ҷумҳурӣ мебошад, ҷолиб аст: «Боздид аз осорхонаи ғановатманди устоди гиромиқадр, олими барҷастаи халқи сарбаланди тоҷик, мунаққид ва адиби нуктасанҷ Соҳиб Шуҳратиевич Табаров, ки ба ҳазорон – ҳазор аҳли илму адаб, олимон ва фарҳангиён ҳаққи устодӣ доранд (аз ҷумла, ба банда), боиси ифтихори ҳар фарди худшинос аст.

Шахсан аз боздид рӯҳу тавони тоза дарёфтам ва ба устод таҳсину офаринҳо мегӯям. Бо эҳтиром – Вазири фарҳанги Тоҷикистон Мирзошоҳрухи Асрорӣ. 15. 08. 2013».

Хулоса, «Ганҷинаи накди адабии Соҳиб Табаров»: 1.Барои омӯхтани ақидаҳои адабӣ-эстетикӣ ва фаъолияти илмию танқидии устод Табаров шароити мусоид фароҳам меоварад;

2. Барои тадқиқоти илмӣ дар шароити деҳот имконияти хуб ба вуҷуд меоварад;

3. Ба оммаи хонандагони ноҳия дар дастрас намудани адабиёти бадеӣ ёрӣ мерасонад;

4. Дар ноҳияи Муъминобод чун маркази чорабиниҳои фарҳангӣ-маишӣ хизмат мекунад.

*Замима*

***Соҳиб Шухратиевич Табаров***

# ЁДЕ АЗ ГУЗАШТАРӮЗҲО

*(Аз дафтари «Таассуроти ақлу дил»,*
*№ 118, аз 20. 11. 2013)*

## ТАЪРИХИ ЗОДРӮЗИ МАН ДАР СОЛИ ДУВУМИ ҚАҲТИИ 1931-1932

Падарам тирамоҳи соли 1932 ҳангоми хазонрезӣ маро ба хонаи бачагони Муъминобод ба назди акаам (Илоҳо, ҷояшон ҷаннат ва рӯҳи муборакашон шод бошад) Мирзо (Мирзоназар – ман ӯро то охир бо ҳамин ном мехондам) оварда, ба ӯ супорид. Дар вақти ба қайди хонаи бачагон гирифтанам ному насабамро Соҳиб Тавар ва соли таваллудамро 1923 (аз рӯи мулҷар – хубон) шумориданд ва ҳуҷҷатам доданд. Аз ҳамон рӯзи соли 1932 то соли 1940 дар тамоми ҳуҷҷатҳои расмии хонаҳои бачагони (детдом) Муъминобод, Тебалай, омӯзишгоҳҳои педагогии Самарқанд, Панҷакент, Кӯлоб, Институти педагогии Сталинобод соли таваллудам 1923 ба қайд гирифта шуда буд. Дар Панҷакент (соли 1936) маро чун «Соҳиб Табаров» ба қайд гирифтанд.

Ба сабаби он ки дар даврони амирӣ қайди аҳолӣ расм набуд, ҳеҷ кас шаҳодатномаи рӯзу моҳу соли таваллуд надошт. Бинобар ин ман ҳам чунин ҳуҷҷат надоштам ва ҳамин хел гӯё пинҳонӣ курси якуми Институти педагогии Сталинобод ба номи Шевченкоро бе паспорт хатм кардам. Ҳангоми таътил ба Муъминобод рафтам. Барои гирифтани паспорт (шиноснома) ба шуъбаи паспорти Шуъбаи корҳои дохилии ноҳия мурочиат намудам. Ба сабаби метрика (шаҳодатнома)-и таваллуд надоштан, маро барои муайян кардани соли таваллудам ба беморхонаи ноҳия фиристониданд. Ду фелдшер маро муоина намуда, аз рӯи инкишофи қаду бастам

шонздаҳсола буданамро «муайян» карданд, ки он баробар ба соли 1924 мебошад.

Ҳамин тавр, аз соли 1940 шурӯъ намуда то ба ин рӯз соли таваллудам 1924 ҳисоб гардид. Имрӯз аз рӯи мулҷарам ман 90- сола ва аз рӯи спровкаи ду фелдшер 89 – солаам. (Ҳамин справкача бо муҳри шуъбаи паспорти Муъминобод дар бораи гирифтани паспорт маҳфуз аст). Аз соли 1945 худам бо оилаам тахминан моҳи таваллудамро даҳаи сеюми моҳи ноябр (23 ноябр) эълон намудем, ки ин таърих абадӣ таърихи мавлуди ман гардид.

## ОВАРДАНАМ БА ХОНАИ БАЧАГОН

Соли 1931. Тирамоҳ. Оғози солҳои қаҳтӣ (голодомор). Давраи душвор ва зиндагии вазнини мардум, аз ҷумла оилаи мо – падари камбағалам ва ду писари ӯ, яъне ман ва бародари ба ҷон баробарам – Мирзоназар буд. Зиндагӣ барои оилаи мо низ рӯз то рӯз душвор мешуд. Падарам моро бо пуррагӣ хӯронида наметавонист. Дертар овозаи таъсиси ноҳияи Муъминобод ва хонаи бачагон (детдом) то ба Дуоби Миёнаи мо ҳам паҳн шуд. Якто-нимто падарон писаронашонро ба ин хонаи бачагон бурда медоданд. Аз байни аҳолии он мавзеъ падари бузургвори мо (Илоҳо, ҷояш ҷаннат бошад) Табар валади Раҳим валади Эмом валади Рустам якумин шуда писари бузургаш Мирзоназар (соли таваллудаш1919) – ро дар ҳамин тирамоҳи соли 1931 ба хонаи бачагон оварда месупорад.

То ин вақт, чуноне ки андаке хабар дорам (аз 3 – 4 – 8 – 9 солагиам), ману бародарам бо падарам танҳо зиндагӣ мекардем. Падарам моро худаш танҳо бе модар тарбият мекард. Дӯстони наздикаш Яъқуби ғузаҷоғӣ, Сафари архабиёнӣ ва дигарон ҳарчанд, ки аз ӯ хоҳиш мекарданд, ки зан бигирад, то кӯдакону худаш азоб накашанд, вале ӯ бо як ҷумлаи кӯтоҳи «инаш (модарамон - С.Т.) ба бачаҳоям чӣ хубӣ кард, ки онаш (зани бегона- С.Т.) кунад», – гӯён таклифашонро рад мекард.

Падари раҳматиамон мувофиқи қобилияташ худаш либосҳоямонро мешуст, поргӣ мекард, қумоч мепухт, оббозӣ

медоронд ва дигар кору кочолро мекард. Ӯ ҳангоми баҳор, тобистон ва, андаке, тирамоҳ моро бо Раҷаб, Алӣ, Давлат ва Калон ном писарони тағои мутаввафоямон Одина дар хонаи тағои дигарамон Хоркаш гузошта, худаш ба мардикорӣ, кабкгӯшагарӣ ва зиёдтар ба нигоҳубини боғи Сафари Сигова ба деҳаи Қалъачаи Боло, ки аз худи деҳаи мо тахминан ду км. дар лаби дари Ёхсӯ ҷой гирифта буд, мерафт, то онро аз мевадӯздони деҳаи Навободи Ховалинг (ҳақиқатан ҳамон солҳо ҳамагӣ 4 – 5 хоҷагии навбунёд таъсис ёфта буд ва ҳеҷ гуна долу дарахт надошт), даррандаву чаранда ва парандагон ҳимоя кунад; ба чидани меваҳои боғ ёрӣ расонад; ба пухтани ширинии ангур ба занони Сафари Сигова мададрасон бошад ва ғайра.

Падарам дар талу теппаҳои деҳа бо кабкҳои ромкардааш ва гузоштани қилакҳо кабк шикор мекард, бо чачҳои устокоронаи худаш бофта аз Ёхсӯ ширмоҳӣ, гулмоҳӣ, лақамоҳӣ мерӯёнд ва онҳоро ба болои ду санг аз таг ва як санги товагӣ аз боло гузошта, аз тагашон алов даргиронда бо равғани худашон моҳибирён пухта ба мо медод ва ману акаи худораҳматиам кайф карда мехӯрдем. Падари азизу меҳрубонамон баъд аз фориғ гардидану супоридани боғ бо дӯсти ғузаҷоғиаш бобои Яъқуби мисли худаш кабкгӯшагар кабкҳои ромкардаашонро дар бағал гирифта, барои шикор ба кӯҳҳои Чилдухтарон ва ҳавзи Сир мерафтанд.

Ман бошам, бо бародари ҷониам Мирзоназар ва се тағобачаам (Калон аз ман андаке хурдтар буд) дар Чорраҳа подаи деҳаамонро то охири тирамоҳ хондӣ карда, ҳар бегоҳӣ аз дари ҳар хонавода барои подабониамон оши ҳалол мегирифтем. Соҳиби ҳар як хонавода мувофиқи ҳимматаш ва ғизои ҳамон рӯз омодакардааш ба ҳар кадоми мо, аз он ҷумла ба мани хурдсолтарин ва шал, оши ҳалол медоданд. Баъзе аз онҳо, хусусан занонашон, раҳму шафқат карда сари моро сила мекарданд ва андаке ҳаққи оши ҳалоли ночизашонро зиёдтар медоданд.

Нохост сахтии соли «дигаргунии бузурги 1929» дар солҳои 1930-1932 ва «саргарангиҳо аз муваффақиятҳо» ба дурдасттарин гӯшаи ҷаҳон - Дуоби мо ҳам реша давонд ва

соли 1931 қаҳтӣ сар шуд ва «голодомор» – гуруснагии шадиде оғоз ёфт. Мо се нафар (падарам, акаам ва ман) аз ҳамон қути лоямути 3 – 4 -солаамон маҳрум гардидем.

Падарамон баҳри халосоии мо – писаронаш, роҳи худқурбонкуниро пеш гирифт. Ӯ тирамоҳи соли 1931 бародари бузургамро ба хонаи бачагони Муъминобод оварда супорид, то ки ҳеҷ набошад, ба ҳамон 250 грамм нон (хлеб), затерухи (умоч) ва андаке пиёбаҳо ба зудӣ пой дароз накунад. Падарамон вақте дид, ки Мирзоназар зинда аст, дар ҳамон фасли тирамоҳ, соли сахттарини қаҳтии 1932 маро низ ба назди бародарам ба хонаи бачагон овард ва ба дасти роҳбарият ва мураббиёни бештараш персиён, афғон, ҳазора, аз он ҷумла момандиёнӣ, супорид.

Чи тавре ки дар навиштаҳои болоам нишон дода будам, дар 3 – 4 – 8 – 9- солагиам дар ҳаёти мо, падару писарон, чи рӯзҳои вазнинтарине гузаштааст. Яке аз онҳо ба ноҳияи Фархор муҳоҷир шудани моён баъд аз ба хоҷагиҳои коллективӣ як гардонидани хоҷагиҳои якка дар соли 1929 (соли «дигаргунии бузург») буд. Дар оғози тобистони соли 1929 тарғибгарон хоҷагиҳои безамину камзамин ва камбизоатро аз деҳаҳои дурдасти кӯҳистон ба воҳаҳои беодами дашту биёбон сафарбар мекарданд.

Дар байни он гуна шахсон якеаш падари мо буд. Оилаи мо аз якуминҳо шуда ба Фархор муҳоҷир шуд, чунки ғайр аз замини Хирмани Ҷурз ва Ёлаи Хар ва як хари ҳангӣ дигар сарвате надошт. Аз молу амвол ва ҷиҳоз ҳамон қадаре доштем, ки ҳамагӣ бори як хар мешуданд. Он хар бошад, аз худамон буд. Мо бо дигар мо ворӣ муздурони се Дуоб як шуда бо роҳи Муъминобод – Кӯлоб – Арал ба лаби рости кадом дарёчае ба лангаргоҳи Сомончӣ расидем. Тафовути боду ҳавои он маҳал дар назарам аз Дуобамон 10 – 15 дараҷа баландтар менамуд. Мо, кӯдакон, аз дидани пароми пур аз одам, гову мол ва чизу чораҳо мутаҳайир монда будем. Вақте ки паром аз соҳили чапи дарё ба соҳили рост омад, мо ҳам ба он паром бо хари ҳангиамон ва молу маноламон савор шуда, ба сарзамини Фархор фуромадем. Аз он ҷо моро ба мавзеи андак бенай, қамишзор, лухзор, ки дар шарқу ҷанубтари деҳаи Бобосафол ва

ҷанубтари дашти холии бедолу дарахт ва калламушзор воқеъ буд, ба лаби наҳре фаровარданд. Ҳаво чунон гарм, пурпашшаву дилгиранда ва замин он қадар сертазарв, хукзор, оҳудор ва ботлоқдор буд, ки мани беҷону беҳол аз рӯзҳои нахустини омаданам дар он ҷо (баъдҳо колхози «Коммунизм») дучори бемории вараҷа ва ҳарорати ниҳоят баланд гардидам. Чи қадар кӯрпаву пӯшоке, ки доштем, то ҷули хар, маро мепӯшонданд, вале боз аз хунукӣ дарақ – дарақ меларзидам.

Ҳамин тавр, ба табиати туғайзор, наистон ва қамишзори Фархор як сол тобу тоқат оварда, мо боз дар охири баҳори соли 1930 роҳи Чорраҳаамонро пеш гирифтем.

Ҳангоме ки соли 1931 гуруснагӣ оғоз ёфт ва аз соли 1932 сар намуда гуруснагӣ ба қаҳтӣ мубаддал гардид, падари боақлам, инсони комилам, авлоди Мавлоно Ҷаъфари Сонии муриди Сайид Алии Ҳамадонӣ ва муаллифи рисолаи «Хулосат – ул - маноқиб» - и дурбинам дар соли 1931 аввал бародарам ва дар соли 1932 маро ба хонаи бачагон супориданд ва худашон барои мо шуда дар моҳҳои авҷи қаҳтӣ дар баҳори соли 1933 дар масҷиди деҳаи Эмомалии Арал ҷон ба ҷонофарин супориданд ва моро ҳамчун инсони хокӣ тарбия намуданд (Илоҳо, гӯри падарамонро пурнур ва рӯҳашонро шоду ҷояшонро ҷаннатулмаъво бигардонӣ.).

## ЧӢ ТАВР АЗ ФАВТИ ПАДАРАМ ХАБАР ЁФТАМ?

Соли 1933 дар Мӯъминобод авҷи қаҳтӣ буд. Рӯзу ҳафтае набуд, ки аз хонаи бачагони мо аз як то чанд бачаи ман ворӣ хурдсолу лоғар аз гуруснагӣ вафот накунад ва дар гӯристони маркази ноҳия, ки то имрӯз ҳиссаи хурдаш маҳфӯз мондааст,онҳоро (гоҳо дар як гӯр чанд нафарро) ба хок месупориданд. Дар он рӯзҳо агар акаи ба мани лоғари камҷон мададрасонам намебуд, ман ҳам дар қатори он ҳамсолонам дар зери хок гуму нобуд мешудам.

Дар муддати солҳои 1932 – 1933, ки ману Мирзоназар дар Муъминобод будем, мураббияи золимамон Забироваи момандиёнӣ ӯро доимо барои ман шуда мезад. Охири соли

1933 Мирзоназар аз дасти он золим гурехта ба хонаи бачагони Тебалай рафт. Падари азизам бошад, ду – се маротиба омада маро хабар гирифт. Ӯ охирон маротиба соли 1933 ба хабаргирии ман омаду баъд ба назди бародарам Мирзоназар ба Тебалай рафта, ӯро низ хабар гирифт.

Акаам баъдҳо нақл мекард, ки ҳангоме падарамон ба назди ӯ омада буд, рангу рӯяш заъфаронӣ ва худаш лоғару беҳолу бемадор (яъне касали вазнин) будааст. Вақте ки бародарам аз ӯ дар масъалаи ин афгориву бемадориаш пурсидааст, ӯ гуфтааст, ки дарунрав шудааст ва аҳволаш бад аст. Боз «ҳеҷ гап нест, шумо ғам нахӯред, ман хубам» гуфтааст. Ва суханашро давом дода гуфтааст, ки дар Қурбоншаҳид ва Эмомалӣ муҳоҷирони дуобӣ бисёранд, ки дар байнашон дар Эмомалӣ тағобачааш ҳам ҳаст. Баъд ӯ аз Тебалай рост ба Эмомалӣ меравад ва дар хонаи он тағобачааш чанд рӯз мемонад… Ҳамин тавр, ману акаам аз ҳамон тирамоҳи соли 1933 паи падари бузургворамонро гум кардем.

Баҳори соли 1934 маро бо гурӯҳе аз бачагон аз Муъминобод дар аробае савор карда бо роҳи аробакашии Даҳана ба хонаи бачагони Тебалай оварданд ва боз бо бародарам (раҳматашони кунад) якҷоя шудем. Дар ин муддат ҳеҷ кадоме аз ду бародар аз падар дараке надоштем ва ба умеди дар қайди ҳаёт будани падарамон зинда будем ва дар моҳи июл–августи соли 1934 роҳи Омӯзишгоҳи педагогии (Педкомбинат) тоҷикии тоҷикони РСС Тоҷикистон ба номи Вячеслав Михайлович Молотови Самарқанд ва аз он ҷо дар охири моҳи июни соли 1936 ба Омӯзишгоҳи педагогии Панҷакент ба номи Луначарскийро пеш гирифтем.

Ҳамсолони мо ва аз мову бародарам бузургтари талабагони тоҷикистониро дар солҳои «инқилоби маданӣ» аз Самарқанд барои муаллимӣ дар курсҳои маҳви бесаводӣ ва чалласаводӣ ба зодгоҳҳояшон фиристоданд. Аммо акаам барои мани фалаҷ шуда, ба зодгоҳаш рафтан нахост ва бо ман ба Панҷакент омад. Дар рӯзҳои таътили июл – августи соли 1936 акаам ишқи аввалинаш – духтари 15 – 16-солаи панҷакентии донишҷӯйиро ёфт ва ба тамоми ҳастӣ шефтаи ҳамдигар шуданд. Ӯ Назрӣ ном духтаре буд.

Ҷавонбачагони панҷакентӣ аз ин «кори бачаи кӯлобӣ» ба ҷаҳл омада, аз охири июли соли 1936 ба таъқиби Мирзоназари акаам оғоз намуданд. Ӯ, ки хеле ҷавони бузбала буд ва дар Тебалаю Самарқанд атамании (шеф, роҳбар)-ии як гурӯҳи калони детдомиёнро дар ӯҳда дошт (ба гурӯҳи дигар Гадоӣ Одинаев сарвар буд), хеле нотарс буд. Ҳол он ки Гадоӣ Одинаев, Қадамови помирӣ, Орзуи ғармӣ, Эргаш Рӯзии шӯроободӣ ворӣ чандин бузбалаҳо буданд, вале аз Гадоӣ Қурбонови кангуртӣ, Хол Ширини кӯлобӣ ва мани шали беҷон ҳеҷ кадоме ба мадади акаам (худораҳматӣ) баромада наметавонистем. Мирзоназари азизам ҳар дафъаи лату кӯб хӯрданаш ба хобгоҳ каб – кабуду ранҷур бармегашт. Аз ин сабаб дар нимаи дувуми августи соли 1936 маро огоҳ намуд ва хабарам дод, ки ба Муъминобод меравад ва ин гапро ба Назрӣ нагӯям. Ӯ ба Муъминобод омада дар се совети қишлоқ мудири мактаб ва дар деҳоти Хразмонӣ ва Метиндара муаллим шуд.

Акаам дар моҳҳои сентябр – октябри ин соли 1936 аз фавти қиблагоҳамон огоҳ гардида бошад ҳам, то вақти таътили соли 1937 дар ягон мактубаш дар ин бора хабарам надода буд. Ӯ (бародари азизам Мирзоназар) ҳар моҳ ба Панчакент мактубе навишта таъкидам мекард, ки ҳатман нағз хонам ва соҳиби илми асил шавам ва ҳеҷ гоҳ ба роҳи бад наравам, касбу ҳунар ёд гирам ва аз бетаҷрибагиаш дар даруни номаҳояш панҷ сӯмӣ равон мекард. Вале дар хусуси фавти падарам даҳон намекушод.

Вақте соли таҳсили 1936 – 1937 – ро бо баҳои аъло бо Раҳматулло Шукурови профессори оянда, Икромоваи модари раисиояндаи Душанбе, Расулови савдогари номии Панҷакент тамом карда, ба курси (асоси) дувум гузаштам, ғайр аз дафтари студентиам боз справка оид ба он ки ман студенти омӯзишгоҳ ҳастам ва ҳоло дар таътили тобистонаам, бо худ доштам. Ба сабаби он ки як сол бе ҳимояи акаам будам, бо ҳамон ду ҳуҷҷат, пулҳои аз стипендия ҷамъовардаам ва панҷсӯмаҳои акаам роҳи Муъминободро пеш гирифтам. Дар ёдам нест, ки ман чӣ тавр роҳҳои байни Панҷакент – Самарқанд – Сталинобод – Кӯлобро тай кардам,

вале ҳамон ду ҳуҷҷатам, бо пулҳои ҳалолам харидани билети поезд, автомобил, имконам доданд, ки бе дахолати милитсия то Кӯлоб расам.

Дар солҳои инқилоби маданӣ худи аксари мутлақи муаллимони РСС Тоҷикистон саводи казоӣ надоштанд. Бинобар ин қариб ҳамаи онҳо таътили тобистонаашонро дар вилоятҳои худашон (Сталинобод, Ленинобод, Кӯлоб, Ғарм ва ВМБ) мегузарониданд. Ман аз таъкиди акаам медонистам, ки ӯ дар байни он анбӯҳи муаллимон дар Кӯлоб аст. Баъд аз ҷустуҷӯи зиёд ӯро ёфтам. Якдигарро ба оғӯш гирифта мегиристем, фиғон мекашидем, ҳатто мардумони атрофамонро ба гиря даровардем. Хурсандиамон ҳадду канор надошт, аз аҳволи падару хешу табор пурсидам, хубанд гуфт. Пас, акаам (нур дар гӯраш) ба бозор рафта, аз байни ин бозоракиҳои дуобии мо ду нафарро, ки як нафараш ҳамон Сафари Сиговаи шиносамон буд, ёфта маро сарбории онҳо кунонида ба Чорраҳа равон кард. Акаам дар бораи фавти қиблагоҳамон боз хомӯш монд.

Ман бо ин ду дуобӣ баъд аз хунук шудани бозори Кӯлоб пои пиёда ба роҳи Дуоб баромадем. То расидан ба Даҳана шом шуд. Он дуобиҳо бо усто Азизи оҳангари машҳури он маҳалҳо ошно будаанд, ки озодона ба ҳавливу боғи ӯ даромаданд. Фасли тобистони қароғ (офтоб ниҳоят тафсон) буд. Усто Азиз моро дар кати устокорона ва нақшунигорноки зебои худаш сохта шинонда, бо обу таоми лазизи шом меҳмондорӣ намуда, ба ҳавлиаш рафт. (Усто Азизро писаре бо номи Абдулвайс Азизови шогирдам ҳаст, ки нависандаи маъруф ва муҳаррири чандин рисолаам ва дар оянда ҳамсафарам ба Дуоб буд. Ташаккур ба усто Азиз, ки Абдулвайси азиз ворӣ писарро ба олам додааст.)

Ҳамин тавр, мо, бо ин дуобиҳоямон андаке суҳбат ва истироҳат кардем. Ҳангоми хурӯсфарёд мо ҳам аз хоб хеста, дар новадони боғ шустушӯй намуда, роҳи Дараи Даҳанаро пеш гирифтем. То офтоббаромад Хӯҷаи Нурро убур карда, дар пурра кушода шудани чашми рӯз деҳаи Сарсибулоқро тай ҳам намудем. Бо расиданамон ба Муъиминобод дар чойхонае таҳтул карда, пас ба сӯи Дуоби Миёна равона гарди-

дем ва аз Хами Бушол ва Зуфак ман сӯи Чорраҳа қадам гузоштаму дар вақти говгум вориди хонаи тағои Хоркашамон шудам.

Маро бо ворид шуданам ба хонаи тағои Хоркаш Эмомам он ҷо будагон ба оғӯш гирифтанд. Байнашон янгаи азизам (зани тағоям), ки тамоми умрамон ману акаам (раҳмати Худо бар онҳо) аз ӯ миннатдорем, ба оғӯш гирифта, сару рӯямро бӯса карда, гирякунон, он Хосиятмоҳи дӯстдорам, мегуфт. «Худоё, Соҳибназарамон чӣ қадар бузбала ва зебою дилрабо шудааааст. Эй дареғ, агар худораҳматии Тавар зинда мебуд, чӣ қадар барои ин фарзанди дилбанду азизаш хурсанд мешуд».

Баъди шунидани ин хабари шум аъзои баданам ба ларза омаду қариб буд аз ҳуш мерафтам ва якбора зиндагӣ бароям талх шуд ва тамоми умедам канда шуд ва баъди гиряи зиёди ҷигарсӯз фаҳмидам, ки падари ормониам ҷони ширин ба Холиқи Ҳақ супоридааст ва дар соли охири қаҳтии шадиди 1933 бо баробари хабаргирии ману акаам дар детдом дигар аз Эмомалӣ ба Чорраҳа барнагаштааст.

Вақте ки аз забони акаам дар ҳамон солҳо ба Эмомалӣ рафтани падарамонро шунида будам, дар солҳои 50 – 70-ми асри 20 ба ҷустуҷӯи ин деҳа оғоз намудам. Шавҳари ҷияни калонам, муаллимаи маркази ноҳияи Восеъ Ниҳолбӣ Табарова, директори ПТУ буд. Ману фариштааму (Ванда Витолдовна Яблонская) фарзандону наберагонам гоҳ – гоҳ ба аёдати онҳо мерафтем.

Дар яке аз чунин сафарҳоям ба Восеъ ба аёдати шоири ҷавони оташинсухан, ки барои озодсуханиаш аз кор дар редаксияи рӯзномаи «Ҷавонон» бо амри котибони КМ Комсомоли Тоҷикистон Гулҷаҳон Бобосодиқова ва Ибодулло Файзуллоев ронда шуда, ба ноҳияи Восеъ бадарға гардида, дар вазифаи ходими одитарини рӯзномаи ноҳиявӣ кор мекарду бо ҳамсари содиқи муаллимааш нимгуруснаву камбағалона (мисли ин рӯзҳои ман) зиндагӣ мекард, рафтам. Ман ӯро ниммаст дар байни анбӯҳи қоғазҳо, чун кӯдаки навзоди гуруснаву урён, дарёфтам. Ман аз рӯи одати гандаи муаллимиам дақиқае чанд ба ӯ насиҳати муаллимона кардам ва баъд аз

қариб пурра ҳушёр шуданаш мақсади ҷустуҷӯи Эмомалиамро ба ӯ гуфтам. Ҳабибулло, ки дар деҳаи Қурбоншаҳид бо бригадири номие ошно будааст, ба «Волга»-и ман савор шуда, дукаса ба Қурбоншаҳид рафтем ва бригадири колхози «Ленин»-ро дар хонааш ёфта, ба сӯи Эмомалӣ раҳсипор шудем. Бригадир бо мо ба хонаи раиси куҳансолтарини собиқ дуобӣ бобои Азиз даромадем. Он мӯйсафеди нуронии хотираи қавидошта дар бораи чӣ тавр бобои Тавар бегоҳии тирамоҳе ба масҷиди деҳа омада бо мадади мутаввалии масҷид шабро рӯз карданаш ва бо тағобачааш ба хонаи ӯ рафтан ва дар шаби хобаш вафот карданашро ба мо се нафар накл кард. Бобои Азиз чӣ тавр аз ҷониби он тағобача ва дуобиҳои Эмомалӣ соҳибӣ кардани ҷасади бобои Таварро нақл карда, барои тасдиқи хақиқати суханонаш бо мо ба сӯи ғарбии деҳа ба гӯристони Эмомалӣ рафт. Ӯ дар «Волга»-и бригадир ва Ҳабибулло Файзулло дар «Волга» - и ман савор шуда ба самти ғарбии деҳа равон шудем. Баъд аз дуои кӯтоҳе хондан бобои Азиз ба мо самти шарқии гӯристонро нишон дода, дар он самт гӯронидани падарамонро тахминан гуфта дод.

Аз ҳамон соли нақли бобои Азиз ва минбаъд писари маълумоти олидоштааш, писари агрономаш Азизов ҳар гоҳе ба Душанбе меомад, дар он гӯристон даромада дуоюю фотеҳа мехонд. Баъди онҳо ҳоло ягона шахсе, ки аз бобои азизаш бохабар аст ва ҳар гоҳе ки ба назди мо биёяд, ба деҳаи Эмомалӣ рафта ба сари гӯри бобояш дуо мехонад, ин Олимҷон Табарови ҷияни азизи ман мебошад. Агар боз ягон – ягон хеши андаке ақлу дониш доштаам аз Муъминобод ба Душанбе равон шаванду ба он гӯристон як сари қадам даромада дуо хонанд, нур ало нур мешавад. Мо бо Вандаҷонам на як бору ду бор ин қарзамонро ба ҷо овардаем. Илоҳо, ҷоят ҷаннат ва рӯҳат шод бошад, қиблагоҳи азизи пурармонам!

Ба ҳамаи азизону наздикон ва умуман мардуми боору номуси тоҷикам гуфтаниам, ки ба қадри падару модаратон дар зиндагию баъди риҳлаташон бирасед, агар Одами ҳақиқӣ ва биҳиштӣ шудан хоҳед, зеро розигии волидайн розигии Худо ва Пайғамбар (салаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва

саллам) аст.

## ЧӢ ТАВР АЗ ОДАТҲОИ БАД ДАСТ КАШИДАМ?

Чунонки дар бобҳои боло борҳо навиштам, акаам Мирзоназар атамани яке аз гурӯҳҳои бачагони хонаи бачагон дар Тебалай ва Самарқанд буд ва он гурӯҳ гапҳои ӯро бо пуррагӣ гӯш мекарданд. Вале ӯ дар баробари бештар хислату одатҳои хубу судбахш доштанаш баъзе одати бад ҳам дошт. Худаш баъзан носу тамоку ва папирос мекашид. Ҳатто шароб ҳам менӯшид, доим бо худ корд ҳам мегирифт. Вале маро доимо таъкид мекард, ки ҳеҷ вақт ин корҳои нохубро накунам. «Агар ту ин корҳоро бикунӣ, ман ба ту ҷазои сахттаринро медиҳам» мегуфт. Вале дар соли 1935 бо василаи «ҷӯраҳои» беадабам аз акаам доимо 5-10 тинӣ мегирифтам ва бо фиреби «қандалоти чақ–чақи дандон», обаки дандон, набот, мармалод мехарам» гуфта, баъзан якдонагӣ папирос мехаридем ва бо навбат мо ду – се нафар «ҷӯраҳо» он як дона папиросро мекашидем (мечокидем). Баъди он ки рӯзе аз он рӯзҳо гапи ман бо яке аз он «ҷӯраҳоям» гурехт, он «ҷӯра» маро ба акаам Мирзоназар фурӯхт. Ӯ ба акаам гуфт, ки: «Соҳиб папирос мекашад».

Баъд аз шунидани ин хабар маро ба наздаш ҷеғ зада хоҳиши қаҳромезона кард, ки дар наздаш пуф кунам. Ӯ ин хоҳишашро тадриҷан бо фармон ва сонӣ ба амр мубаддал сохт. Ҳангоме ки акаам аз даҳонам бӯи папиросро ҳис намуд, бурдаву оварда ба ду тарафи рӯйҳоям 3-4 шапотии обдори ниҳоят сахте фаровард, ки ҳоло ҳам дардашро ҳис мекунам. Ман чӣ қадар қасами пасту баланд ва ҳарому ҳалоли тоҷикиамонро хӯрдам, ки зинҳор ба зинҳор чунин кори ношоямро дар давоми тамоми умрам дигар такрор намекунам.

Ҳамин тавр ман то ба имрӯз тамоман ягон бор нос, тамоку, папирос, сигарет накашидаам ва ҳатто акаам низ ҳақ надошту надорад, ки дар наздам ин корро ба ҷо орад. Ин аввалин ва охирин амали ношоями ман нисбати сигору нос буд.

Дигар, чӣ тавр аз одати бади дувуми умумиинсониам

раҳоӣ ёфтанам чунин буд. Ман то рӯзи рафтани акаам ба Муъминобод дар августи 1936 дар зери нигоҳубини (опекунии) ӯ будам. Баъд аз рафтани вай гурӯҳи мо бе атаман монд. Аз ман калонсолтар дар он гурӯҳ Ашӯр Ҳалимов (муҳарири «Тоҷикистони Советӣ»), Искандар Собир (майори бехатарӣ), Гадоӣ Қурбонов (судяи Кангурт), Хол Ширин (ронанда, падарандари ҳамсари Ҳошим Гадоев – Сафаралиева) ва баъзе дигарон боқӣ монда буданд, ки ҳеҷ гуна қувват надоштанд.

Аз байни мо ҳалимтарин, ҳушёртарин ва боадабтаринамон Ашӯр Ҳалимов буд. Акаам пеш аз рафтанаш ба Муъминобод ва гурехтанаш аз он духтари дӯстдораш ҳамаи гапро ба Ашӯр Ҳалим гуфта будааст ва аз ӯ хоҳиш карда будааст, ки нигоҳубини (опекунии) маро ба зимаи худ гирад ва аз ҳар гуна рафтори нораво раҳоям намояд.

Ҳангоме ки ман худамро «мустақил» эҳсос кардам, дучори васвасаҳои кадом аз яке «ҷӯраҳо»-ям шудам. Ӯ пулдор буданамро фаҳмида, бо пулам як шиша шароби панҷакентӣ харидем ва секаса нӯшидем. Якумин бор нӯшиданам, гуруснагиам, гармӣ, харобиам маро чунон маст кунонда буданд, ки дар назарам осмон ба замин омада часпида буд. Ман худамро бо азобе ба рӯи катам партофтаму масти хоб шудам. Чанд гоҳе пас Ашӯр омада маро дар хоб дида аз ҳозирон сабаби онро пурсида, посух шунидааст, ки ман мастам. Ӯ ҳарчанд маро бедор кардааст, ба ҳуш наомадаам. Вақте андаке ба ҳуш омадам, Ашӯр Ҳалимов бо лаҳни ҳалимона, ғамхорона ва пасти бетундиву дағалонааш маро гуфт: «Мирзоназар туро ба ман супорида буд, ки ба хонданат нигоҳ кунам, то ботартибу боадаб бошӣ. Акнун ман ба ӯ чӣ нависам, чӣ гӯям…» ва чунон худашро маъюсу ғамгин кард, ки хаёл кардам барои ман мегиряд ва гӯё гунаҳкор ман нею ӯ бошад. Ин суханону рафтори ӯ нисбат ба шаллоқу торсакии соли 1935-уми акаам сертаъсиртару аламноктар буданд. Ман ба Ашӯр қавл додам, ки дигар ҳеҷ вақт арақ намехӯрам.

Ман то охири умрам худи арақро ҳеҷ гоҳ нанӯшидаам, дар тӯйҳо, базмҳо, ҷашнҳо ба доштани «Победа», «Волга», «Жигулӣ» -ам аз солҳои 50–80-ми асри 20 баҳона карда,

қатрае шароб наменӯшидам; агар дар ҷойҳои расмӣ бе мошинаам мерафтам, 50-100 грамм коняки арманӣ ё гурҷӣ ва ё молдавиро қатра–қатра то охири маърака нӯши ҷон менамудам. Дар маъракаҳои хосагии хонаи худам як шаборӯз пештар чои ғафси сиёҳи ҳамранги коняк омода (тайёр) карда ба шишаи холии каняки дар хонаамон буда дар наздам мегузоштам ва то охири меҳмондориамон аз он менӯшидам ва ҳеҷ гоҳ меҳмононамон аз ин корам огоҳ намешуданд.

Ана ин аст қимати насиҳати бародаронаи ҷӯраи ҷонии Ашӯр Ҳалимам.

## ШУҒЛИ НАХУСТИНАМ, БА КАСБИ АСОСИАМ

Тобистони соли 1937, ҳангоме ки ман ба Кӯлоб омада дар курсҳои такмили ихтисоси муаллимони вилояти Кӯлоб дар назди Институти такмили ихтисоси кормандони маориф бародарамро ёфтам, пеш аз он ки маро ба Чорраҳа фиристонад, дафтарчаи студентӣ ва қайд дар бораи хатм намуданро дар асоси (курси) якум ва гузаштан ба асоси (курси) дувум ва справкаамро дар хусуси таътили соли таҳсили 1936 – 1937 аз назар гузаронида гуфт, ки бо ин ҳуҷҷатҳо ҳатман ба муаллимӣ қабулам мекунанд ва амр намуд, ки ҳатман ба назди мудири шуъбаи маорифи Муъминобод равам, то ки маро ба муаллимии яке аз курсҳои маҳви бесаводиву чаласаводии ягон деҳаи ҷамоати Кундошаҳр ба кор қабул кунад.

Ман ба ҷону дил ин супориши акаамро ба ҷо оварда, баъди 2 – 3 рӯзи дар Чорраҳа монданам боз бо ҳамон роҳи бо Сафари Сигова омадаам лангон – лангон ба Муъминобод баргаштам. Ман ба шуъбаи маориф даромада ба деҳаи Гузаҷоғ ба унвони раиси колхози «Озодии занон» дар бораи ба вазифаи муаллими курси маҳви бесаводӣ ва чаласаводии колхоз таъин шуданам нома гирифтам. Раиси колхоз чун модар маро қабул кард, аз хонаи худаш анҷоми хоб оварду як хоначаи идораашро ба ман дода, асбобу анҷоми хониш (доска, бӯр, дафтар барои занону модарон ва деҳқонони бесавод ва чаласавод, як миқдор рӯзномаи барояшон чопша-

ванда – «Васияти Ленин» ва ғайра)–ро муҳайё сохт ва ба бригадири колхоз фармон дод, ки ҳар рӯз ба саҳро дар хараш доска ҳам барад, то баъд аз хӯроки нимрӯзӣ дар ҳамон ҷояшон ягон соат аз рӯи «Алифбо» ман хатту саводи занону модарони колхозро, андаке ҳам бошад, барорам. Ин меҳру шафқати раиса ғайр аз вазифааш ва талаботи солҳои «инқилоби маданӣ» он ҳам буд, ки қариб ҳамаи аҳолии Гузаҷоғ бобои Таварро, ки тез – тез моро ба хонаи ҷӯрааш бобои Яъқуб мебурд, хуб медонистанд.

Ҳамин тавр, ман ҳамчун донишҷӯи курси (асоси) якуми омӯзишгоҳ (дар Панҷакент) якумин бор ба касби абадиам – муаллимӣ дар соли 1937 оғоз намудам, ки онро то ба имрӯз – соли 2013 асри 21 идома дода истодаам. Ман бо ин касбам ифтихор мекунам, зеро тамоми фаъолияти илмию мунаққидӣ ва адабиам ба ҳамин касбам вобастагӣ дорад.

## ДОХИЛШАВИАМ БА ОМӮЗИШГОҲИ ПЕДАГОГИИ КӮЛОБ

Пас аз он ки дар охири моҳи августи соли 1937 акаам курсро хатм карда баргашт, бригадири колхоз тахтаи дарсиро ҷамъ карда ба хараш бор карда ба хонааш бурд. Ман бошам, бо талабагону толибагонам хайрухуш карда, аз раиса характеристика гирифтам. Баъд аз таъкиди чандкаратаи акаам, ки ҳатман таҳсилро дар Омӯзишгоҳи Кӯлоб идома диҳам, ба шуъбаи маориф бо он характеристикаи раисаи колхоз даромада, ҳисобу китоб карда, дар рӯи ҳавлии чойхонаи сари роҳи Муъминобод - Кӯлоб чанд рӯзро шаб кардам. Ман дар он ҷой бо худам ворӣ 4-5 нафар донишҷӯи Омӯзишгоҳ, аз он ҷумла, Исмоил Саидов (аз Дуоби Боло, шоири дар Вилнюс ҳалокшуда), Амон Бобоев (раиси ҷамоати Тугараки Восеъ), Ҳусайнови қипчоқӣ (аввалин муаллими медалдори Муъминобод) вохӯрдам, ки онҳо ҳамкурсони ман буданд.

Ман ҳамроҳи онҳо дар мошини роҳакие савор шуда, ба Омӯзишгоҳи педагогӣ расидем. Онҳо барои хобгоҳ нома гирифтанд. Ман ба назди директор Абдулло Ҳамроев бо дафтарчаи студентии Омӯзишгоҳи Панҷакент, аз асоси (курси)

якум ба асоси (курси) дувум гузаштанам ва ҳам дар таътили тобистона буданам ва аризаам дар хусуси ба Омӯзишгоҳи Кӯлоб ба асоси (курси) дувум қабул карданам, даромадам. Ӯ бо лаҳни ниҳоят падарона қабулам кард ва пас аз фаҳмидани дар Самарқанд ду сол дар курсҳои тайёрии Омӯзишгоҳи педагогии тоҷикистонии ба номи Молотов хонданам ин шахси шариф ва меҳрубони самарқандӣ бо шодмонӣ маро ба асоси (курси) дувум қабул кард ва ба котибааш фармон дод, ки дар хобгоҳ ҷоям диҳанд.

Ҳамин навъ ман аз якуми сентябри соли 1937 бо гирифтани стипендияву ҷои хоб, хӯроку таоми умумии бепул студенти курси дувуми Омӯзишгоҳи педагогии ба номи Лоҳутии шаҳри Кӯлоб гардидам.

## ТАҲСИЛАМ ДАР ОМӮЗИШГОҲ

Агар таҳсили мо ятимбачагони солҳои 1932 – 1934 дар зери шиканҷаи Забироваи момандиёнии афғон ва «муаллимони» порсиён ва ҳазора дӯзахро мемонд, таҳсили мо - тоҷикистониёну фалғариҳо дар Самарқанду Панҷакент бо тавассути Мирзоеви директорамон дар Самарканд ва махсусан муаллимонамон Т. Зеҳнӣ, Ҳ. Бақозода, Саломзода (Самарқанд), Шарифзода (Панҷакент) аз биҳишт фарқ надошт. Ман аз моҳҳои аввали соли таҳсиламон ҳамин вазъиятро дар Кӯлоб дар симои муаллимонамон Аҳмад Раҳимзодаи бухороӣ (мудири илмӣ ва муаллими психология), Мухтор Улуғзодаи чустӣ (додари нависандаи бузург Сотим Улуғзода, муаллими таърих, ки дар ҷанг ҳалок шуд), Ятимови файзободӣ (муаллими забон ва адабиёт, дар ҷанг ҳалок шуд), Мақсуд Шукуров (муаллими ҷуғрофия, аз муҳориба зинда баргашт), Ғулом Ҷаббории бухороӣ (физика, аз муҳориба бе як даст баргашт, декани физмати techинститути Сталинобод), Аминови самарқандӣ (биология, дар ҷанг ҳалок шуд), Раиса Михайловна Костюкова (забони русӣ, Муаллимаи хизматнишондодаи Тоҷикистон) ва шавҳараш майор Бадёр (расмкаш, дар ҷанг ҳалок шуд), Хаёлови шуғнонӣ (психология, бештар педагогика) эҳсос намудам.

Онҳо ҳам дониши хуб доштанд ва ҳам мо ятимонро аъло тарбия мекарданд.

Ман ҳам мисли дигарон, хусусан аълохонони комил чун Акрам Сафари хавзагӣ (муҳофизи Брест ва дар он ҷой ҳалокшуда), Амон Бобо, Иброҳим Саидови ҳамкурсамон аъло мехондам. Ман барои худам режими корӣ доштам ва корамро доимо аз рӯи режими кориам пеш мебурдам. Аввалан, диққатамро ба хондану тайёр кардани дарсҳои ҳаррӯзаам ҷалб намуда будам.

Дувум, ба корхои ҷамъиятӣ, пионерӣ (пионервожатӣ) ва корҳои дигари зарурии Омӯзишгоҳ ёрӣ мерасонидам. Аз ҷумла, ба газетаи девории «Машъали пионер» доимо хабар менавиштам, ки то охири соли 1937 маро аввал аъзо ва баъд муҳарири он таъин намуданд. Муаллимамон Ятимов аз оғози соли нави таҳсили 1937-38 ба кори маҳфили адабиёт шурӯъ намуда, онро «Кружоки адабиву бадеӣ» номгузорӣ кард. Ӯ дар назди ин кружок маҷаллаи ҳар семоҳаи «Ғунчаи наврас» таъсис доду аз байни аъзоёни кружок маро ҷонишинаш таъин кард. Мо то соли 1938 чор шумораи «Ғунчаи наврас»- ро баровардем. Баъдҳо ҳар чор шумораи онро Р.М.Костюкова ба ман тақдим карда буд. Се нусхаи он дар солҳои ҷанг ё дар хонаи акаам, ё дар хонаи донишҷӯи Институти занона Фароғат Орифова гум шуданду шумораи чорумаш ҳоло дар «Ганҷинаи нақди адабӣ»-ам маҳфуз аст. Ман дар рӯҳияи «Одина» ҳикояе аз тақдири талхи ятимбачагони дуобиам навишта, дар шумораи № 1–и он маҷалла ҷой дода будам. Дар № 4 ҳикояи «Май-рамой»-ам чоп шуда буд. Ҳамин тавр ман дар Омӯзишгоҳ бо тамоми рӯҳу ҷонам мехондаму кор мекардам, ҳатто як соати бекориамро ҳам намедонам. Баъзан шабҳо кор мекардам. Ин буд, ки то имрӯз ҳалол зиндагӣ кардам.

Дар соли 1938 ҷуръат карда бо ҷӯраҳоям Маҷид Қосимов ва Зарифов ба рӯзномаҳои «Пионери Тоҷикистон» ва ҳатто «Комсомоли Тоҷикистон» хабарчаҳо фиристодем. Танҳо дар рӯзномаи якум баъзеҳояшон рӯи чопро диданд ва ҳатто 1 – 2 сӯм ҳаққи қалам ҳам доданд. Барои меҳнатамон якумин бор «оши ҳалоли» шӯроиро барои 2-3 хабарчаам дидам, ки ин чиз маро боз ҳам рӯҳбаланд ва далер кард.

Ҳамин тавр ман ҳам дар солҳои таҳсили 1937 – 39 ба қатори беҳтарин донишҷӯён дохил шудам. Ҳангоме ки дар Кӯлоб мехондам, бо мукофотҳо қадрдонӣ мешудам, ҳатто ба аъзои комиссияи тафтишотии мусобиқаи сотсиалистӣ байни омӯзишгоҳҳои мо ва Сталинобод дохил шудам. Вақте ки санҷидем, маълум шуд, ки Омӯзигоҳи мо бо нашри «Ғунчаи наврас» аз Омӯзишгоҳи Сталинобод бартарӣ дорад ва мо ҷои аввал ва мукофот (мошини нави боркаш, ки дар он солҳо аз тило ҳам қимматтар буд) гирифтем. Ва мо бо он мошин бо роҳи Сарбанд бо шодии фаромӯшнашаванда ба Кӯлоби азизамон баргаштем.

Маро, ки батамом аълохон будам, на танҳо шаҳодатномаи аъло доданд, балки ба саёҳати фаннӣ (экскурсия ба Москваю Қрим бо ҷӯраи ҷониам Содиқ Исҳоқов) сарфароз гардониданд.

Хулоса, моро пас аз хатми Омӯзишгоҳ ҳамроҳии Содиқҷон бо ҳавпаймои дуҷоае ба Сталинобод оварда, дар боғи назди Хонаи деҳқон фуроварданд. Пас, аз тамоми омӯзишгоҳҳои Ҷумҳурият (Душанбе, Ҳисор, Кофарниҳон, Ғарм, Хоруғ) мо вориҳоро оварда ба поезд савор карда ба сӯи Москва равон карданд (достони Миршакарро ба ёд оред).

Моро бо Флороваи роҳбарамон дар бинои таълимии мактабе ҷой доданд. Ҳар рӯз моро ба тамошои ҷойҳои таърихӣ ва тамошобоби зебои Москва бурда, нишон медоданд ва нақлҳо мекарданд.

Ҳамон соли 1939 соли кушоиши Виставкаи хоҷагии қишлоқи СССР буд. Чанд виставка, аз он ҷумла виставкаи Тоҷикистонро тамошо кардем. Барои ман аҷоибаш он буд, ки дар виставкаи Ҷумҳурии ҷоноҷони худам дарзаи шолии бригадири пешқадами ноҳияи азизи худам аз деҳаи Ғофилободро дидам ва аз хурсандӣ Содиқи рафиқамро оғӯш гирифта мебӯсидам, ки ин аз ватани ман Муъминобод аст. Чи хурсандии фараҳафзое буд он лаҳза.

Чанд рӯзе аҷоиботи Москваро тамошо кардему бо поезди Москва– Судак равони Қрим шудем. Судак моро хуб пешвоз гирифт ва моро дар як лагери пионерии беҳтарин ҷой карданд. Пагоҳӣ аз хоб хеста тарбияи бадан мекардему худро ба

Баҳри Сиёҳ мепартофтем. Ман, ки мутлақо оббозӣ карда наметавонистам, аз лаби баҳр дуртар оббозӣ намекардам. Пас аз наҳориву таҳтул то вақти таоми нимрӯзӣ ба саёҳати фаннӣ ва тамошои ҷойҳои тамошобоб ва дохили шаҳрҳо, аз он ҷумла Феодоссия ва музеи Айвазовский мерафтем. Ин амал то баргаштанамон аз Судак ба Москва ва аз он ҷо ба Сталинобод давом мекард. Суратҳоям ва дигар маводи ин саёҳатро маҳфуз дошта будам. Лекин дар солҳои ҷанг онҳо дар хонаи Фароғат Орифоваи конибодомӣ ва ё бародарам Мирзоназар бардод рафтанд. Камеаш дар Осорхонаам мавҷуд аст.

## ОМӮЗИШ ДАР ИНСТИТУТИ СТАЛИНОБОД

Вақте дар охири моҳи августи 1939 ба Сталинобод расидем, Флорова моро ба ихтиёри Комиссариати халқии маориф бурда супорид. Дар он ҷо моро раҳпулӣ дода, ба шаҳрҳоямон равон намуданд. Манро роҳбарони Омӯзишгоҳам Ҳамроев ва Раҳимзода дилпур карда буданд, ки дар бораи ҳуҷҷатҳоям фикр накунам ва худашон бо почтаи ҳукуматӣ ҳуҷҷатҳои ман, аз ҷумла шаҳодатномаи аълои хатми Омӯзишгоҳи маҳбубамро, ба Институти педагогии Сталинобод мефиристонанд.

Ман аз Комиссариати халқии маориф баромада дар ҷустуҷӯи Институти педагогӣ шудам. Ҷӯянда ёбанда аст гуфтагӣ барин онро дар кӯчаи Киров, №5 (ҳамон ҷои ҳозирааш) ёфтам. Дари директорро бо тарсу ларз кушодам. Дар он ҷо зани солхӯрдаеро дидам. Баъд маълумам гардид, ки он русзани нуронию зебову меҳрубон, ғамхор, инсондӯсту мушфиқ котиби комиссияи қабули абитуриентҳо ва котиби директори Институт Евсеев – Чуклина будааст.

Мани якумин бор ба зиндагии мустақилона даромада истода ҳаросида–ҳаросида бо русии каҷу килебам иддаоямро дар хусуси аз Омӯзишгоҳи Кӯлоб фиристодани ҳуҷҷатҳоям чанд ҷумла гуфтам, ки маро модарвор тасалло дода бо забони тоҷикии бурро ором намуд ва ному насабамро пурсид.

Ҳангоми кофтукоби ҳуҷҷатҳои дохилшавандагон (дар он солҳо плани қабул ҳамагӣ 70 – 80 % иҷро мешуд, мисли

ҳозира не!!!) дари даруни дигаре кушода шуд ва роҳбар ба котибааш чизе супориш дод ва дар охир кӣ будани ин бачаи лоғару харобро аз Чуклина пурсон шуд. Вақте он марди ваҷоҳатнок ба қаду басти ман назар афканд, бо лаҳни комилан ҷиддӣ:

–Ҳоло равад, дар синфи 7 – 8 таълим гирад, пас аз 2-3 сол омада хонад, - гуфту бадар рафт.

Ман ҷумлаҳои болоро пурра фаҳмида будам, аз ин рӯ дарҳол оби чашмам шашқатор ба рехтан даромад.

Чуклина инро дида аз пештара бештар маро тасаллӣ дода ҳуҷҷатҳои аз Кӯлоб фиристодаи Ҳамроеву Раҳимзодаро бо характеристикаи оличанобе ва аз ҳамаи дарсу фанҳо баҳои аъло доштаамро ба ман нишон дода, аҳсанам хонд ва гуфт, ки ғам нахӯрам. Чуклина чун фаҳмид, ки ман то ҳоло паспорт надорам, ғамхорона гуфт:

–Ман имрӯз туро ҳамчун аълохон фармон менависам ва ба директор барои имзо медиҳам. Баъди 1-2 рӯз дар назди даромадгоҳ дар доскаи эълонҳо номи студентони қабулшударо меовезанд. Вақте номатро ёфтӣ, ба назди коменданти хобгоҳ Валиев рафта ҷои хоб гир. Вақте ки милитсия барои тафтиш ба хобгоҳ омад, худатро пинҳон кун.

Номамро баъди 2-3 рӯз дар доскачаи эълонҳо дидаму аз шодӣ ашк рехтам, чунки он рӯз ман хушбахттарин ятимбачаи кӯҳистонӣ будам, ки барои таҳсил ба Сталинобод омада ва ба қатори студентон даромада будам. Ман дар оянда айнан суханони ин зани мушфиқу меҳрубон (Чуклина)-ро дар соли таҳсили 1939 – 1940 бе чуну чаро ба ҷо овардам. Ба сабаби он ки студентон дар рӯзҳои охири моҳи август омаданд, Валиев ҳам аз аввали сентябр маро бо Амонов Раҷаби ӯротеппагӣ, Сафарови мастчоҳӣ ва боз каси дигар дар як ҳуҷраи хобгоҳ ҷой дод.

Ман то он рӯз бо студенти курси 3 ё 4 - и факултети таърих, ки мисли ман ятиму бесоҳиби ғармӣ буд ва дар шуъбаи пионерони Радиои ҷумҳурият кор карда қути лоямуте меёфт, дар хобгоҳ мезистам. Якумин бор 2 – 3 таассуроти ман, ки дар Қрим гузаронида будам, аз он шуъба садо дода буд. Ҳамин тавр таҳсилам дар Институти Сталинобод оғоз ёфт.

Соли 1939 барои ҷумҳуриятҳои баробарҳуқуқи Иттифоқи

Шӯроӣ соли таърихӣ буд. Ин сол даҳсолагии ташкили Ҷумҳурияти сотсиалистии Тоҷикистонро бо шукӯҳу азамати беандоза қайд карданд. Ин сол баъд аз Ӯзбакистон Тоҷикистон ҳам омодагӣ ба Даҳаи санъат (на ба адабиёт ва на адабиёту санъат!!) оғоз намуд. Дар ҳамин сол фаъолияти адабиву фарҳангиамон бо сарварии устодон Айнӣ ва Лоҳутӣ зиёд гардид, ки мисолаш чопи «Намунаҳои адабиёти тоҷик» ва ба вуҷуд омадани истилоҳи «адабиёти форс - тоҷик» шуда метавонад.

Дар соли 1939 ва минбаъд якумин тоҷикони мактабҳои олии Руссия ва махсусан МГУ, ЛГУ-ро хатм карда дар симои Ибодулло Қосимов, Азизови самарқандӣ, Ҳошим Умарович Содиқови самарқандӣ, Абдуғанӣ Муҳаммадович Мирзоеви китобӣ, Эшонҷонов Абдуғании панҷакентӣ, Додоҷон Тоҷиеви конибодомӣ ва даҳҳо дигарон зиёд мешавад. Қисме аз онҳо минбаъд устодони ман мегарданд, ки якеаш домулло Мирзоев буд.

Дар соли 1939 шастсолагии таваллуди Сталинро ҷашн гирифтанд, ки ба ҳамин муносибат унвони Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ ва Мукофотҳои сталинии дараҷаҳои 1,2,3 ва стипендияҳои сталинӣ таъсис гардиданд. Мо, студентони нав қабул шуда, аз ҳамин соли 1939 камар ба таҳсил бастем.

Ман, ки паспорт надоштам, ба шаҳр бароمаданро ҳам қабул намекардам, метарсидам. Бе паспорт ҳатто ба ман дар ҳеҷ ҷое китоб ҳам намедоданд. Аксаран Абдусаттор Холов, Сафаров бо номи худашон барои ман китоб мегирифтанд. Дар хобгоҳ ҳам бе ҳуқуқ соли таҳсилро сад дар сад хатм кардам, лекин ҳамчун ятимбача дар столи охирин менишастам. Лексияҳоямон аз аввали сентябри соли 1939 оғоз ёфтанд. Аввалин бор фаҳмидам, ки лексияи ҳақиқӣ чист.

Дар он солҳо дар Тоҷикистон аз сабаби набудани олимони тоҷик, ҳатто илмҳои гуманитарӣ, аз он ҷумла, муқаддимаи адабиётшиносӣ, муқаддимаи забоншиносӣ, психология, педагогика, таърихи педагогика, философия, политэкономика, гигиенаи мактабӣ ва ҳатто фолклор, адабиёти ҷаҳон ва амсоли онҳоро олимони русзабон лексия мехонданд. Танҳо курси грамматикаи нормативии забони

тоҷикӣ, синтаксиси забони тоҷикӣ, диалектологияро Ниёзмуҳаммадов, Мирзоев, Бузургзода таълимамон медоданд. Ба сабаби он ки мо забони русиро чандон хуб намедонистем, маҳз барои мо ду муаллими забондон лексияи ҳар олими русзабонро ба тоҷикӣ дикта мекарданд ва мо соатҳо аз онҳо менавиштем. Оқибат лексияи мо рӯзе 13-14 соат давом мекард. Бинобар ҳамин ман хонданро рӯз то рӯз сахттару мукаммалтар мекардам. Соатҳои бекориамро дар ин сол қариб ёд надорам, шабу рӯз мехондам, забон меомӯхтам ва ғайра….

Оғози соли 1940 дар редаксияи рӯзномаи «Газетаи муаллимон» («Барои маорифи коммунистӣ») бо котиби масъулаш Муқимови самарқандӣ ошно шудам, ки ӯ дар иловаи ин газета – «Васияти Ленин» ҳам кор мекард. Муқимов (бо як даст баъдҳо аз фронт баргашт) росткору ростқавл буд. Ӯ аввалин хабару мақолаҳоямро дар «Газетаи муаллимон» ҷой медод ва нахустин устоду муаллими журналистии ин ятимбача аст.

Дар иловаи ин газета – «Васияти Ленин» Комилови унҷигӣ, ки ҳамсафарам ба Қрим аз Хуҷанд буд, низ кор мекардааст. Бо ӯ низ дӯст шуда, хабарҳои зиёдамро чоп мекунондам. Комилов бар замми ин хидматаш маро ба «Пионери Тоҷикистон» бурда бо котиботаш ошно кард. Ба ҳамин восита дар солҳои 1940 – 1941 ошноии ман қариб ба ҳамаи газетаҳо пайдо гардид. Ин буд, ки менавиштаму чоп мекардам ва боз мехондаму мехондам. Ҳамин тавр зиндагӣ ва хонишам дар Институти педагогии шаҳри Сталинобод давом мекард.

Матбуоти расмӣ сарчашмаи мунаққидии ман ҳам мебошад, чун Белинский, Чернишевский, Добролюбов ва даҳҳои дигарон низ чунин мешумориданд. Зинда бод матбуоти ғайрипулии озод! (Ба библиографияи ман нигаред.)

Ана ин аст шингиле аз ҳазор яки саргузаштҳои мани ятим, дигар аз ҳазор яки саргузаштҳои талх ва пуряъсу аламамро наменависам, зеро ҳеҷ гоҳ нагуфтааму нанависондаам ва ҳеҷ гоҳ ҳам намегӯяму наменависонам, то ки нагӯянд, ки ӯ нолидааст. Ҳамаи он машаққатҳоро ман бисёр мардонавор паси сар кардаам ва ба касе шикоят накардаам, ғайр аз тақдирам, ин як табиати бузургу сархамнашавандаи дохили

ҷисми мани ятим аст, ки онҳоро касе нахоҳад фаҳмид.

# КИТОБНОМА


1.«Агар медонистам, ки ин қадар зуд пир мешавам». Мусоҳибаи Абдулқодири Раҳим ба Соҳиб Табаров// Раҳим А. Ашки сари мижгон. – Душанбе, 2012. – С. 180-200.
2.Айнӣ К. Бист гуфтор аз маънавият.- Душанбе: Адиб, 2004.- 238с.
3.Айнӣ С. Куллиёт. – Ҷ. 3. – Сталинобод: НДТ, 1960. – 622с.
4.Айнӣ С. Куллиёт.- Ҷ.8.- Душанбе: Ирфон, 1981.- 524с.
5.Айнӣ С. Куллиёт. – Ҷ. 9. – Душанбе: Ирфон, 1969. – 416с.
6.Айнӣ С. Одина (матни илмӣ бо тадқиқу тасҳеҳ ва тавзеҳоти Аламхон Кӯчаров).- Душанбе: Дониш, 1992.- 212с.
7.Асозода Х. Кашшофи розм адабиёт. – Душанбе, 2004.- 325с.
8.Асозода Х. Устоди ман// Ҷустуҷӯҳои адабӣ. – К.1У. – Душанбе: Ирфон, 1999. – С. 24-31.
9.Афсаҳзод А. Рӯдакӣ// Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – Ҷ. 3. – Душанбе, 2004. – С. 70-74.
10.Белан В. «Архив ориентали» дар бораи Тоҷикистон// Тоҷикистони советӣ. –1967. – 10 сент.
11.Белан В.Рипка Ян// Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – Ҷ.3. – Душанбе, 2004. – С. 58.
12.Бечка Иржи. Адабиёти форсӣ дар Тоҷикистон. – Теҳрон,1372ҳ.-276с.
13.Бельчиков Пути и навыки литературоведческого труда. – М., 1965.-336с.
14.Бузургзода Л., Ҷалилов Р. Инъикоси шӯриши Восеъ дар фолклор.- Ле-нинград – Сталинобод, 1941.
15.Ваҳҳоб Р. Санаде дигар аз устод Айнӣ// Садои Шарқ.- 2013. –№3.- С. 157-158.
16.Ғоиб Ҳ. Сурӯши Хатлон. –Кӯлоб: Сада, 1998. – 104с.
17.Ғоибов Ғ. Азизов М. Ҳасанов Н. Муъминобод. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2010, – 256с.
18.Зайниддинов М. Пажӯҳишгари нодиру камназири адабиёт// Садои Шарқ.– 2013.– №4. – С. 82-91.
19.Қурбонов П. Боқӣ Раҳимзода ва Соҳиб Табаров. – Душанбе, 2010.- 16с.
20.Қурбонов П. Соҳиб Табаров ва Муъмин Қаноат.-

Муъминобод,2009 – 20с.
21.Маниязов А. Табаров Сохиб Шухратиевич// Краткая литератури. энциклопедия. – 1972.- Т. 7. – С. 321.
22.Маҳмадаминов А. Машъалафрӯз.// Маориф ва маданият.- 1940. – 8июл.
23.Маҳмадаминов А. Пешгуфтор ба осорномаи Соҳиб Шуҳратиевич Табаров. – Душанбе, 2003. – С.2.
24.Мирзоев А. Сездаҳ мақола. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 288с.
25.Мусулмонқулов Р. Саҳифаи пурифтихори марди ҳунар// Ҳақиқати ҳаёт ва ҷустуҷӯҳои адабӣ.- Қ. 1. –Душанбе, 1994. – С. 19-26.
26.Мусулмонқулов Р. Соҳиб Шуҳратиевич Табаров(Очерки мухтасари ҳаёт ва фаъолият)// Соҳиб Шуҳратиевич Табаров.– Душанбе: Дониш, 1984.- С.13-32.
27.Муҳаммадиев Ҳ. Асари муҳимми адабиётшиносӣ (тақриз ба кит: «Ҳаёт, адабиёт, реализм»)// Комсомоли Тоҷикистон.- 1967-8 окт.
28.Муҳибов Х. Доир ба таҳрири достони «Ҳасани аробакаш» ва сабаби он/ Маҳорати эҷодии Мирзо Турсунзода. – Душанбе, 1981.С.57-63.
29.Назаров Ҳ. Марде дар тариқати илм содиқ// Ҷустуҷӯҳои адабӣ.– Қ. У1.- Душанбе, 2004. – С. 27-33.
30.Насриддин А. Матншиносии осори адабӣ. – Душанбе, 2011. – 392 с.
31.Нахустин хонандаи фахрӣ// Чархи гардун. – 1999. – 5 ноябр.
32.Нозимов Б. Мунаққид ва омӯзгори барҷаста// Анвори дониш. – 1994.- 14 ноябр.
33.Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик. –Қ. 1. – Сталинобод,1956.- 312с.
34.Партовов М. Ду суханвари барҷаста. – Душанбе, 2011. – 152с.
35.Раҳим А. Муаллима// Ҷумҳурият. – 2003.- 27 феврал.
36.Раҳмонов А. Ҳимоятгузори адабиёт// Табаров С.Ш. – «Мунозира»-и Абдурраufи Фитрат. – Душанбе, 1997. С. 3-10.
37.Раҳмонов А. Ҳимоятгузори адабиёт ё нигоҳе ба мактаби эҷодии Соҳиб Табаров//Адабиёт ва санъат.- 1999. – 26 авг.
38.Раҳмонов Ҳ. Муаммои осоиши рӯҳӣ// Ҷустуҷӯҳои адабӣ. –

Қ.У1. – Душанбе, 2004. – С. 141-143.
39.Сайидзода А., Амирзода М. Самараи умри пурбаракат//Ҷустуҷӯҳои адабӣ. Қ.У1. –Душанбе,2004. – С. 34-36.
40.Самад А. Гардиши девбод. – Душанбе: Адиб, 2007. –568с.
41.Сафаров Ҷ. Фазилати нотакрор// Ҷустуҷӯҳои адабӣ. – Душанбе, 2004.С. 14-17.
42.Солеҳов М. Адабиётшиноси соҳибмактаб// Ҷустуҷӯҳои адабӣ.– Душанбе, 2004.- С.37-38.
43.Сулаймонӣ П. Куллиёт. – Душанбе: Адиб, 2006. – 276с.
44.Сӯфиев А. Сухан бурҷ асту маънӣ офтобаш// Адабиёт ва санъат. – 1984. –24 ноябр.
45.Табаров С. Абдулғанӣ Мирзоев ва мактаби адабиётшиносии тоҷик// Тоҷикистон. – 2008. –№ 11-12. – С.24-26.
46.Табаров С. Аввал чопи интиқодӣ, баъд луғат// Садои Шарқ.- 1977- 8. – С.142-148.
47.Табаров С. Адабиётшиносии муқоисавӣ – яке аз қисмҳои муҳимми адабиётшиносии ояндаи олам// Ҳақиқати ҳаёт ва ҷустуҷӯҳои адабӣ. К.1. – Душанбе, 1994. – С. 5 – 18.
48.Табаров С. Асосҳои назариявии танқиди адабӣ. – Душанбе,2004. – 238с.
49.Табаров С. Барге чанд аз шаҷараи Мунзим// Садои Шарқ. – 1989. – №3.
– №3. – 80-101.
50.Табаров С. Зиндагиномаи Садриддин Айнӣ (1875-1899). – Душанбе,2008.– 480с.
51.Табаров С. Луғати русӣ-тоҷикии истилоҳоти адабиётшиносӣ.- Душанбе, Маориф, - 1980. – 52с.
52.Табаров С. Иқдоми нек// Маориф ва маданият. – 1980. – 15 март.
53.Табаров С. Илм миллатҳоро муттаҳид месозад//Ҷустуҷӯҳои адабӣ.- Душанбе,1999. – С.3-23.
54.Табаров С. Матни аслии «Суруди озодӣ» кадом аст?//Маориф ва маданият. – 1977. – 4 авг.
55.Табаров С. Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим. – Душанбе, 2009. – 185с.
56.Табаров С. Методи таҳлили асари бадеӣ. – Душанбе, 1992. – 146с.

57.Табаров С. Муаллими ғамхору серталаб// Садои Шарқ. – 1981. – №4.– С. 130-134.
58.Табаров С. Мунзим. Беҳбудӣ. – Душанбе, 2002. – 88с.
59.Табаров С. Мунзим – роҳбари ҷамъияти ҷавонон ва раиси фир. ҷавонбухориён. – Душанбе, 2004. – 168с.
60.Табаров С. Охирсухан ба қиссаи «Холкомандир»// Мирзо-шоев Г. Холкомандир. – Душанбе, 2003. – С.176-182.
61.Табаров С. Пайрав Сулаймонӣ. – Душанбе, 1962 – 395с.
62.Табаров С. Романи «Ғуломон» ҳамчун романи таърихӣ. – Душ.: Адиб, 2005. – 125с.
63.Табаров С. Се маорифпарвари тоҷик дар бораи амирони манғ. – Душанбе, Эҷод, 2006. – 208с.
63[а]. Табаров С. Сипос ва қадрдонӣ. – Душанбе, 2005. – 23 с.
64.Табаров С. Рӯдакӣ// Пионери Тоҷикистон, 1947. – 21 февр.
65.Табаров С. Таърихи адабиёти тоҷики асри бистумро бояд ба вуҷ. овард// Садои Шарқ. – 2001. –№ 7-12. – СС. 133-143.
66.Табаров С. Ҳаёт, адабиёт, реализм. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 324с.
67.Табаров С. Ҳаёт, адабиёт, реализм. – Ҷ. 2. – Душанбе: Ир-фон, 1978.224с.
68.Табаров С. Ҳаёт, адабиёт, реализм. –Ҷ. 5.- Душанбе: Адиб, 1989. – 208с.
69.Талбакова Ҳ. Ҳамадону ҳамакору ҳамафаҳм// Ҷустуҷӯҳои адабӣ. – Қ.1У. – Душанбе, 2004. – С. 134-135.
70.Тақдири фоҷиавии як шоири тоҷик.-Душанбе: Шарқи озод, 2001. – 100с.
71.Таърих худаш қазоват мекунад. Мусоҳибаи Б. Шарифов ба С.Табаров// Ҷустуҷӯҳои адабӣ. –Қ.1У. – Душанбе: Ирфон, 1999. – С.71-82.
72.Шарифзода Б. Устоди соҳибшухрат // Ҷустуҷӯҳои адабӣ.- Қ.У1- Душанбе, 2004. – С 138-140.
73.Шоев Э. Дилбину раҳнамо// Ҷустуҷӯҳои адабӣ. – Қ. У1.- Душанбе, -2004. – С. 136-137.
74.Шокирзода Ш. Белинскии тоҷик// Адаб. – 2000. – №1. – С.30-31.
75. Internet: www: detaqe.de.

# МУНДАРИҶА

Санаҳои асосии ҳаёт ва фаъолияти Ш.С.Табаров ................ 5
Сарсухан........................................................................... 7

Боби 1. **Зиндагии бошарафу ибратомӯз**.............................. 9
Ҳамсоли пойтахти ҷумҳурӣ .................................................. 9
«Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар»........................... 30
«Бузургонро бузургон зинда медоранд».............................. 36

Боби 2. **Самараи умри гаронмоя**........................................ 47
Мактаби адабиётшиносии Соҳиб Табаров .......................... 47
Муҳаққиқи нақди матн......................................................... 67
Саҳми муносиб дар айнишиносӣ.......................................... 77
Абдулвоҳиди Мунзим дар нақди Табаров.......................... 84
Устод Рӯдакӣ дар шинохти Табаров ................................... 93
Луғатнома ............................................................................ 100
Феҳристнигорӣ ва осорномаи шахсии С.Табаров ............ 103

Боби 3. **Рӯзнома ва осорхонаи устод**............................... 111
Нигоҳе ба «Таассуроти ақлу дил» ..................................... 111
«Ганҷинаи нақди адабии Соҳиб Табаров» ........................ 125

Замима. **Ёде аз гузаштарӯзҳо** ............................................ 134
Оварданам ба хонаи бачагон............................................... 135
Чӣ тавр аз фавти падарам хабар ёфтам? ............................ 138
Чӣ тавр аз одатҳои бад даст кашидам? .............................. 144
Шуғли нахустинам, ба касби асосиам................................ 146
Дохилшавиам ба омӯзишгоҳи педагогии Кӯлоб.............. 147
Таҳсилам дар омӯзишгоҳ .................................................... 148
Омӯзиш дар институти Сталинобод ................................. 151
Китобнома............................................................................ 155

# АЛАМХОН КӮЧАРОВ

## МУҲАҚҚИҚИ СОҲИБМАКТАБ

*(90 соли пуршарафи устод Соҳиб Табаров)*

Ороиши *О. Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Р.Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*

Ба матбаа 04.08.2014 супурда шуд.
Чопаш 06.08.2014 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 11,5. Андозаи 60x84 $^{1}/_{16}$.
Адади нашр 1000 нусха

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а

Дар чопхонаи «Ҳотамиён» чоп шудааст.